**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. М. БАҲОВАДДИНОВ**

**ТБК 67.99 (2 тоҷик)**
**ТДУ 34 (575.3)**
**Р – 45**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**Раҳимзода Фирӯза Маҳмад**

# Мавзуъ: Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ;
ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**Роҳбари илмӣ: Маҳмудзода Маҳкам Аъзам, Академики АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Душанбе – 2025**

## М У Н Д А Р И Ҷ А

**Муқаддима....................................................................................................... 4-18**

**Боби 1. Манфиати оилавӣ ва танзими ҳуқуқии он..............................** 19-58

**1.1.** Оила-ҳамчун институти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ.......................... 19-37

**1.2.** Мафҳум ва моҳияти манфиати ҳуқуқии оилавӣ ................... 37-58

**Боби 2. Таъсири манфиати оилавӣ ба ташаккулёбии реҷаҳои ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон ........................................................**59-115

**2.1.** Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон.................................... 59-70

**2.2.** Манфиати оилавӣ ҳангоми амалигардонии ҳуқуқи моликияти умумии ҳамсарон............................................................. 70-80

**2.3.** Манфиати оилавӣ ҳангоми ҷудонамоии моликияти якҷоя ва моликияти шахсии ҳар кадоме аз ҳамсарон ......................... 80-93

**2.4. Ҳифзи м**анфиати оилавӣ ҳангоми тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон...........................................................................93-115

**Боби 3. Проблемаҳои таъмини ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадории ҳамсарон ...............................**115-144

**3.1**. Таъмини ҳуқуқии манфиати оилавӣ хангоми иҷрои уҳдадориҳои карзии ҳамсарон........................................................115-144

**3.2.** Таъсири амалигардонии ҳуқуқҳои кредитории ҳамсарон ба манфиати оилавӣ .......................................................128-144

**Хулоса .........................................................................................**145-153

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.................**153-154

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда .....................................................**155-177

**Феҳристи интишороти илмӣ аз рӯйи диссертатсия**..........................177-179

Номгӯи ихтисорот:

ҶТ -Ҷумҳурии Тоҷикистон

КА ҶТ- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМ ҶТ -Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМ  ҶТ -Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон

КО   ҶТ- Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷҷикистон

КМИ ҶТ -Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КГ ФР -Кодекси граждании Федератсияи Россия

КО ФР  -Кодекси оилаи Федератсияи Россия

ҶШСФР- Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Федеративии Россия

ҶМШС Тоҷикистон- Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ҶШС Узбекистон- Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон

м. -модда

қ. -қисм

б -банд

ғ. -ғайра

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1578620 [73, с. 6] хонавода зиндагонӣ мекунанд, ки дар навбати худ ҳар як хонавода метавонад аз як ё якчанд оила иборат бошад. Оила дар ҳамагуна ҷамъият омили муҳими рушди он ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо, барои давлат ва ҷомеа оила бетафовут набуда, ҳамчун асоси ҷамъият ҳимояи он дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад (м. 33). Ворид намудани ҳимояи оила дар сатҳи муқаррароти конститутсионӣ ва эътирофи мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии оила дар қонунгузории оилавӣ ва маданӣ аз аҳамияти манфиатҳои он шаҳодат медиҳад. Чи тавре, ки дар банди 57 Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №801 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст «яке аз заминаҳои сиёсию ҳуқуқии рушди оила таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории мавҷуда вобаста ба ҳифзи манфиатҳои оила ва аъзои он бо назардошти хусусиятҳои марҳилаи муосири рушди ҷомеа мебошад» [25, с.221].

Оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоию ҳуқуқӣ дорои манфиати ғайримолумулкӣ ва молумулкӣ мебошад. Дар байни манфиатҳои зикршуда, масъалаҳои ҳифзи манфиати молумулкии ҳамсарон вобаста бо мураккабии махсуси худ фарқ менамояд. Зеро, онҳо ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ, аз он ҷумла ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ ва институтҳои онҳо, бахусус ҳуқуқи моликиятӣ, соҳибҳуқуқӣ, қарз, кредит, шартномаи пасандози бонкӣ, уҳдадориҳои кредитии ҳамсарон, ҳуқуқи меросӣ ва ғ. дар алоқамандии зич қарор доранд. Омӯзиш ва таҳқиқи онҳо дар алоқамандӣ барои ҳифзи манфиати ҳар як аъзои оила ва манфиати умумиоилавӣ аз аҳамият холӣ набуда, барои такмили қонунгузорӣ дар ин ҷода мусоидат хоҳад кард. Чи тавре, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 28

декабри соли 2023 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” баён намуданд: «Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад» [233].

Бояд зикр намуд, ки дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа проблемаҳое, ки оид ба амалигардонии манфиатҳои оилавӣ дар ҷодаи муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон, моликияти якҷоя ва алоҳидаи онҳо, ҳангоми ҷудонамоӣ ва тақсими моликият ва молу мулки онҳо, инчунин ҳифзи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои қарзӣ ва ҳуқуқи уҳдадории ҳамсарон бавуҷуд меояд, мубрамияти махсус пайдо менамоянд. Оила на танҳо дорои манфиати умумӣ, балки аз манфиатҳои алоҳидаи аъзои он иборат мебошад. Манфиатҳои мазкур сифатан ва мазмунан метавонанд аз ҳамдигар фарқ намоянд. Зеро, оила дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон ба ҳайси субъекти манфиат баромад намуда, вале ба сифати субъекти ҳуқуқ эътироф карда намешавад. Манфиатҳои зикршуда, дар мавриди рушди муътадили муносибатҳои оилавӣ ба ҳамдигар мутобиқат намуда, дар дигар мавриди метавонанд ба ҳамдигар мутобиқат накунанд. Аз ин ҷо омӯхтани механизми таъмини ҳуқуқии манфиатҳои молумулкии ҳамсарон, имконият медиҳад, ки восита ва тарзҳои самараноки ҳифзи манфиатҳои умумиоилавӣ дар қонунгузорӣ муайян ва амалӣ карда шаванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 қайд карда шудааст, ки «Оила ҳамчун падидаи иҷтимоиву ҳуқуқӣ маҳаки асосии ҷамъиятро ташкил дода, дар сатҳи Конститутсияи кишвар барои ҳифзи он ва таҳти ғамхории махсуси давлат фаро гирифтани модару

кӯдак аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд» [232]. Аз ин ҷо масъалаи манфиати оилавии ҳимояшаванда на танҳо манфиати хусусии аъзои алоҳидаи оила, балки манфиати умумӣ низ мебошад. Аз ҳифзи онҳо рушди устувори оила, давлат ва ҷамъият вобастагии зич дорад. Барои ҳамин ҳам мавҷудияти манфиати умумиоилавиро бояд ба назар гирифта, амалишавӣ ва ҳимояи онро дар сатҳи принсипҳои ҳуқуқ таъмин намудан лозим аст.

Оила ниҳоди иҷтимоӣ - ҳуқуқие мебошад, ки мутаҳидшавии аъзои он боиси бавуҷдоии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобила нисбат ба ҳар яке аз онҳо мегардад. Чунин ҳолат зарурати таъмини ҳифзи манфиатҳои ба оила хосро ҳамчун низоми ягона нишон медиҳад. Аммо мавзӯи марбут ба баррасии манфиати оила ҳамчун унсури мустақили ҳифзи ҳуқуқӣ то ҳол дар доираи пажӯҳишҳои илмии ҳуқуқи оилаи тоҷик ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Ба таври кофӣ мавҷуд набудани таваҷҷуҳ ба ин проблемаро метавон бо он шарҳ дод, ки дар таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон оила на ҳамчун як сохтори ягонаи дорои манфиатҳои умумӣ, балки пеш аз ҳама ҳамчун маҷмӯи иштирокчиёни алоҳидаи дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инфиродӣ фаҳмида мешавад. Дар натиҷа масъалаи ҳифзи манфиатҳои муштараки оилавӣ, ки ҳам ҷанбаҳои моддӣ (молумулкӣ) ва ҳам маънавиро фаро мегирад, нокифоя инкишоф ёфта, таҳлили амиқтарро тақозо мекунад. Таҳқиқотҳои мавҷудбудаи илмӣ бошад, бештар ба таҳлили баъзе ҷанбаҳои масъалаи мазкур равона шудаанд. Аз ин ҷо таҳқиқи назариявии амиқи он ба мо имконият медиҳад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокро таҳия намуда, бо мақсади минбаъд беҳтар намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи манфиатҳои умумиоилавӣ истифода намоем.

Ҳамин тавр, ҳамаи далелҳои овардашуда аҳамияти илмӣ-амалӣ доштани диссертатсияро муайян намуда, имконият медиҳад ба хулоса оем, ки проблемаи мазкур бо таври кифоя дар соҳаи ҳуқуқи оилаи тоҷик

мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст ва зарурияти интихоби кори диссертатсиониро муайян менамояд.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ:** Масъалаи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон предмети таҳқиқоти илмии махсуси комплексӣ ва назариявӣ дар илми ҳуқуқи тоҷик қарор дода нашудааст. Дар илми ҳуқуқи оилавии Россия ҷабҳаҳои гуногуни манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон ҳам дар таҳқиқотҳои назариявӣ ва ҳам соҳавӣ, масалан, дар асарҳои Е. И. Гладковская [198, 202 с], Ю. Г. Долгов [201, 178 с], О. Ю. Ильина [50, 192 с], Т. В. Шершень [227-202 с] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳои алоҳидаи илмию назариявӣ оид ба ин масъала мавҷуд набуда, таҳқиқоти илмии баъзе мушкилоти манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон аз тарафи олимони зерин, ба монанди, Ф. М. Аминова [195, 57 с], И. Ғ. Ғаффорзода [197, 369 с], Н. М. Имомова [51, 205 с], М. С. Қаландарзода [205, 175 с], Н. Ш.Қурбонализода [62, 174 с], М. А. Маҳмудзода [71, 160 с], М. Маҳмудзода, Б. Худоёрзода [69, 492 с], М. Ш. Саидзода [214-57 с], Собирзода [215,16 с], Ш. Тағойназаров [100, 91 с], С. Н. Тагаева [216, 374 с], С. В. Урунова [220, 37 с], Б. Т. Худоёрзода [224, 191 с], Х. Н. Ҳимматов [222, 194 с], ва дигарон анҷом додаанд. Саҳми олимони номбаркардашуда дар рушди ҳуқуқи илми муосири ватании тоҷик дар соҳаи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон баҳснопазир мебошад. Аммо дар корҳои илмии онҳо асосан масъалаҳои умумии манфиати оилавии аъзои оила мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, вале масъалаҳои мафҳум ва моҳияти манфиати ҳуқуқии оилавӣ, манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии моликияти ҳамсарон (зану шавҳар), манфиати оилавӣ ҳангоми амалинамоии моликияти якҷояи ҳамсарон, ҷудонамоии моликияти умумӣ ва алоҳидаи

ҳамсарон, тақсими молу мулки ҳамсарон, иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон (зану шавҳар) ва амалисозии ҳуқуқҳои кредитории ҳамсарон аз доираи таҳқиқоти онҳо берун мондаанд.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии мазкур яке аз аввалин кӯшиш оид ба анҷом додани таҳқиқоти маҷмӯии назариявии проблемаҳои манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмӣ –таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 «Такмили асосҳои ҳуқуқӣ–хусусии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва барои солҳои 2021-2025 «Назария ва амалияи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро карда шудааст. Яке аз мақсадҳои ин барномаҳо таҳлили асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар қонунгузории амалкунанда ва рушди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқи комплексии назариявии проблемаҳои манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон дар ҳуқуқи оилавӣ, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ин самт иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти мақсадҳои зикршуда дар доираи таҳқиқоти мазкур вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

– тавсифи хусусиятҳои оила ҳамчун сохторе, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро муттаҳид мекунад;

– омӯзиши хусусият ва таркиби манфиатҳои ҳуқуқие, ки ба муносибатҳои оилавӣ хосанд;

– шарҳи хусусиятҳои реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон;

– баррасӣ намудани манфиатҳои оилавӣ дар доираи амалӣ кардани ҳуқуқи моликияти умумии зану шавҳар;

– муайян намудани хусусиятҳои манфиатҳои оилавӣ ҳангоми ҷудо кардани моликияти якҷоя ва инфиродии ҳар як зану шавҳар;

– омӯзиши ҳифзи манфиати оилавӣ ҳангоми тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон;

– баҳои воситаҳои ҳуқуқие, ки ҳифзи манфиатҳои оилавиро ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон таъмин менамоянд;

– таҳлили таъсири талаботҳои кредиторон ба имконияти амалинамоии манфиати оилавӣ;

– пешниҳоди таклифҳо дар барои такмили қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки оид ба муайян кардани манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон бавуҷуд меоянд.

Объекти таҳқиқот ба мавзӯи диссертатсия мувофиқ буда, таҳқиқи молу мулки умумӣ (якҷоя, ҳиссагӣ) ва алоҳидаи ҳамсаронро ҳангоми амалӣ намудани манфиати умумиоилавии онҳо дар бар мегирад.

**Мавзӯи таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлил ва омӯзиши манфиати умумиоилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон ва бо иштироки онҳо, инчунин муайян кардани чунин манфиатҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоии диссертатсия, муҳокимаи он дар шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ ва Шӯрои илмии Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро фаро гирифта, барои ҳимоя тавсия карда шудааст. Давраи анҷоми таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири солҳои 2019-2024 буда, макони амалисозии он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла: Г.Н. Алиханова, Ф.М. Аминова, М.В. Антополская, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Е.М. Ворожейкин, Е.И. Гладковская, Ш.К. Ғаюрзода, И.Ғ. Ғаффорзода, А.Г. Диденко, Ю.А. Долгов, Н.М. Ершова, Н.М. Имомова, О.Ю. Ильина, М.С. Қаландарзода, Н.Қ. Қурбонализода, Г.А. Кузнетсова, М.А. Маҳмудзода, У.А. Меликов, Ш. Менглиев, А.М. Нечаева, В.А. Ойгензихт, М.З. Раҳимзода, О.Э. Раҳмон, В.А. Рясентсев, М.Ш. Саидзода, И.С. Собирзода, С.Н. Тағоева, Ш.Т. Тағойназаров, О.Усмонов, С.В. Урунова, Е.А. Чефранова, Т.В. Шершень, С. Холмаҳмадзода, Ҳ.Н. Ҳимматов, А.Ғ. Холиқзода, Б.Т. Худоёрзода ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумиилмӣ ва хусусии таҳқиқот ба монанди таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, эмпирикӣ, функсионалӣ (диалектикӣ, мунтазам, таҳлил, синтез, қиёс, дедуксия, индуксия, мушоҳида, такмилдиҳӣ), анъанавии ҳуқуқӣ (мубрамиятӣ, мантиқӣ, ретроспективӣ) истифода шудаанд.

**Заминаи эмпирикии таҳқиқот.** Заминаи эмпирикии таҳқиқотро маводи аз ҷониби муаллиф мураттабкардашуда оид ба ҳолат ва дурнамои ҳифзи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳуқуқии оилавии ҳамсарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаи амалияи судӣ ташкил медиҳад.

Хислати комплексӣ доштани мавзӯи таҳқиқотии манфиати оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳуқуқии оилавии ҳамсарон гуногунҷабҳа будани вазифаҳои зикркардашударо муайян намуда, боиси муроҷиат кардан ба сарчашмаҳои гуногуни ба ин ё он ҷабҳаи таҳқиқот дахлдошта, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳам амалкунанда ва ҳам эътиборашро гум кардаи танзимкунандаи бавуҷудоӣ ва рушди институти манфиати оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳуқуқии оилавии ҳамсарон, инчунин таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва истифодаи паёмҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, консепсияҳо, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ гардид.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Зарурияти объективии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҷабҳаҳои гуногуни манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани он иборат мебошад.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда консепсияи назариявии мукаммал дар бораи таносуб ва алоқамандии манфиати аъзои алоҳидаи оила ва алоқамандии он бо манфиати умумиоилавӣ таҳия карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили андешаҳои гуногуни олимон, инчунин қонунгузорӣ ва маводи амалия таклифҳо оид ба такмили қонунгузории оилавӣ ва мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

I. Пешниҳодҳои хусусияти назариявидошта:

1. Дар шароити нави инкишофи муносибатҳои оилавӣ, бахусус вобаста ба зарурияти таъмини самараноки Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросимҳо» аз расман муайян кардани мафҳуми «оила» ва «ҳайати мушаххаси аъзоёни он» аз бисёр ҷиҳат татбиқи меъёрҳои ба қонунгузории соҳаи мазкур тааллуқдошта вобаста мебошад. Ҳамзамон, дар қонунгузории оилавӣ, аз он ҷумла дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо таври мушаххас мафҳуми оила ва ҳайати аъзои он нишон дода намешавад. Таҳлили Кодекси оилаи ҶТ нишон медиҳад, ки ба ҳайати аъзои оила на танҳо хешовандони наздик (м.226 КМ ҶТ; м.м.2, 95-98 КО ҶТ) -падару модар, ҳамсар, фарзандон, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва наберахо, балки «шахсони наздик», фарзандхондшудагон ва кӯдакони зери васигию парасторӣ қарордошта (боби 19-20 КО ҶТ) низ дохил мешаванд. Аз ин ҷо дар қонунгузории оилавӣ додани мафҳуми оила ва бо таври мушаххас муайян намудани аъзои он мувофиқи мақсад мебошад.

2.Асоснок карда мешавад, ки манфиатҳои молумулкии ҳамсарон вобаста ба оне, ки манфиати киҳоро дахл менамояд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: манфиатҳое, ки тамоми оиларо фаро мегиранд ва манфиатҳое, ки ба аъзои алоҳидаи он дахл доранд. Манфиати тамоми оила бояд ҳамеша аз манфиатҳои шахсии ҳар як аъзои оила бартарӣ дошта бошад. Дар сурати мухолифати онҳо бояд ба ҳамсаре, ки ба манфиати тамоми оила амал мекунад, афзалият дода шавад. Ин аз он вобаста аст, ки оила бо вуҷуди надоштани мақоми субъекти мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқ аҳамияти худро ҳамчун барандаи манфиатҳои умумӣ нигоҳ медорад. Ин тафовут хусусияти дугонаи оиларо нишон медиҳад: аз як тараф, он мустақилияти ҳуқуқӣ надорад, аз тарафи дигар, ҳамчун объекти асосие амал мекунад, ки манфиатҳои он афзалиятро талаб мекунанд. Аз ин ҷо таҳияи консепсияи ҳуқуқие зарур аст, ки имконият диҳад, ҳифзи оиларо ҳамчун субъекти манфиат таъмин намояд.

3. Дар шароити ҳозира баъзе объектҳои ҳуқуқи маданӣ, бахусус ҳуқуқи рақамӣ, пули рақамӣ (пули электронӣ), IP-суроға, интернет,

сомона ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ, ки дорои арзиши моддӣ мебошанд ва вобаста ба фазои маҷозӣ бавуҷуд меоянд, ҳамчун объекти молумулкии якҷояи ҳамсарон бо тарзи мушаххас дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда нашудааст. Ба ақидаи муаллиф муқаррар намудани онҳо дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бисёр масъалаҳои номуайяни тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон, аз ҷумла истифода ва ихтиёрдории онҳоро дар доираи оила ва аъзои он ба танзим дарорад.

4. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон ҳамчун маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ ва уҳдадориҳои мусбатро дар бар гирифта, имконияти истифодаи молу мулкро тибқи Қонун ва (ё) шартнома вобаста ба манфиати умумиоилавӣ ва манфиати алоҳидаи ҳар яке аз ҳамсарон ба танзим медарорад.

5. Асоснок карда мешавад, ки қарзи умумии ҳамсарон новобаста аз оне, ки кадоме аз ҳамсарон қарздор мебошанд, уҳдадории умумии якҷояи ҳамсарон мебошад. Аммо, дар қ.2 м.34 КО ҶТ қарз ба сифати объекти мустақили ҳуқуқи маданию оилавӣ ҳамчун предмети мустақили тақсими молу мулки ҳамсарон пешбинӣ карда нашудааст. Аз ин ҷо, пешниҳод карда мешавад, ки қарз ба ҳайси объекти мустақили моликияти якҷоя дар моддаи зикршуда пешбинӣ карда шавад.

6. Ҳисса (саҳм) дар Кодекси оила ба ҳайси моликияти якҷояи умумии ҳамсарон муқаррар карда нашудааст (қ.2 м.34 КО ҶТ). Вале, бояд зикр намуд, ки ба ҳамсарон ҳуқуқи он дода мешавад, ки тақсим кардани ҳисса (саҳм)-ро ҳамчун моликияти якҷояашон талаб намоянд (қ.4 м.38 КО ҶТ). Ба андешаи муаллиф, чунин ҳолат зарурати тариқи мушаххас муқаррар намудани ҳисса (саҳм)-ро дар сармояи оинномавии ширкат ва ҷамъият, ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон талаб менамояд.

7. Ҳисса (саҳм) дар сармояи ташкилоти тиҷоратии хусусӣ ( ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ) ба яке аз ҳамсарон, на ҳамчун ҳиссаи соҳибмулк,

балки ҳамчун ҳиссаи муассис тааллуқ дорад. Аз ин ҷост, ки ҳамсари муассис дорои ҳуқуқ ба қисми фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Вале ҳамсар, ки иштирокчӣ маҳсуб намеёбад, танҳо ҳуқуқи талаб кардани қисми даромад (фоида)-ро аз истифодаи моликияти умумии якҷояи онҳо дорад. Ихтиёрдорӣ кардани ҳисса дар сармояи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ бо розигии хомӯшонаи ҳамсари иштирокчӣ набуда, ба ақидаи муаллиф вайрон кардани кафолати манфиатҳои молумулкии охирон мебошад. Барои ҳамин ба андешаи муаллиф дар қонунгузорӣ дар шакли нотариалӣ муқаррарот оид ба гирифтани розигии ҳамсаре, ки муассис намебошад, ҳангоми истифодаи молу мулки умумии якҷояи онҳо аз ҷониби ҳамсари муассис муқаррар карда шавад.

8. Асоснок карда мешавад, ки молу мулки умумии ҳамсарон на танҳо аз моликияти умумии якҷояи ҳамсарон, балки аз дигар ашёҳо ва ҳуқуқҳои молумулкӣ низ иборат мебошад. Ҳамзамон, ҳамсарон дар шартномаи (аҳдномаи) никоҳ метавонанд доираи молу мулке (ҳуқуқҳои молумулкие)-ро пешбинӣ намоянд, ки метавонад танҳо ба яке аз онҳо тааллуқ дошта бошад. Аз ин ҷо «моликияти умумии якҷояи ҳасарон» ва «молу мулки ҳамсарон» аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Вале ба омехта кардани ин мафҳумҳо дар м. 34 КО ҶТ роҳ дода мешавад, зеро дар қ. 2 модда сухан танҳо дар бораи молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон ҳангоми заношӯӣ меравад. Мутаассифона, на танҳо дар қонунгузории оилавӣ, ҳатто дар қонунгузории маданӣ фарқияти онҳо муқаррар карда намешавад.

II. Пешниҳодҳои хусусияти амалидошта:

9. Бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон пешниҳод карда мешавад:

– дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми зерини оила дода шавад:

«Оила иттифоқи озод, ихтиёрона ва баробарҳуқуқи зану шавҳари ба никоҳ, хешовандӣ, таваллуди фарзандон, фарзандхондӣ ва дигар шаклҳои қабули кӯдакон барои тарбия асос ёфтае эътироф карда шавад, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, зиндагии якҷоя ва хоҷагии умумӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд»;

– дар қ.2. м.34 КО ҶТ қарз ва ҳисса (саҳм) бо таври мушаххас ҳамчун моликияти умумии якҷояи ҳамсарон пешбинӣ карда шавад;

– дар қ. 2 м.34 КО ҶТ ибораи «моликияти умумии якҷояи ҳамсарон» ба ибораи «молу мулки ҳамсарон» иваз карда шавад;

– қ.1 м.39 КО ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳангоми тақсими молу мулки умумии ҳамсарон ва муайян намудани ҳисса (саҳм)-ҳо дар ин молу мулк ҳиссаи ҳамсарон баробар эътироф мешаванд, агар дигар муқаррарот дар шартномаи (созишномаи) байни ҳамсарон пешбинӣ нашуда бошад ва ба манфиатҳои оила мухолифат накунад.».

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Хулосаҳои дар таҳқиқоти илмии мазкур ба даст овардашударо дар мавриди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар бораи ҳимояи манфиати оила дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон бахшидашуда истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамзамон метавонанд ҳамчун маводи корӣ барои машғулиятҳои лексионӣ ва семинарӣ аз фанни ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ истифода бурда шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Як қатор таклифҳои дар кор мавҷудбуда оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди татбиқ гаштанашон ба мукаммал гардонидани танзими ҳуқуқии манфиати оила дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон мусоидат мекунанд, ки дар навбати худ ба иҷрои вазифаҳои хусусияти иҷтимоидоштаи давлат, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Хулоса ва таклифҳо ба омӯзиши таҷрибаи фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва ҷамъбасти амалияи судӣ асос ёфтаанд.

**Дараҷаи саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот.** Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили объективӣ ва ҳаматарафаи нуқтаҳои назариявӣ-методологии мавзӯи диссертатсия, мураттабсозӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои маъмули илмӣ, тавсифот, ақида ва тавсияҳои илмӣ-амалии муаллиф пешниҳоднамуда, мазмуни илмии таҳқиқот ва навгонии онҳо дар муқоиса бо дастовардҳои илмии мавҷуда, таҳлили ҳолати воқеӣ ва роҳҳои мукаммал гардонидани институти манфиати оила дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон тасдиқ мегардад.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос.** Диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо дараҷаи навовариҳои илмии мазмуни кори ба ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ меёбад. Ҳамчунон сабки баён ва гузориши проблемаҳо ба саҳми шахсии диссертант ишора мекунанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода, муҳокима, муқарризӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот давра ба давра, бо таҳия ва ҳалли проблемаҳои муайяни кори диссертатсионӣ гузаронида шудааст.

Мазмуни асосии диссертатсия ва хулосаҳои назариявии муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ҳамоиш ва семинарҳои илмии зерин ҳамчун маъруза пешниҳод гаштааст:

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «Соли 2023-Соли забони русӣ» ва «Соли 2025-Соли байналмиллалии ҳифзи пиряххо». Маъруза дар мавзӯи: «Доир ба баъзе масъалаҳои манфиати оилавӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон» (ш. Душанбе, 24 апрели соли соли 2023);

– 11-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик. Маърӯза дар мавзӯи: «Ба назар гирифтани манфиати оилавӣ ҳангоми муайян намудани моликияти муштараки ҳамсарон» (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2023);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон». Маърӯза дар мавзӯи: «Ба назар гирифтани манфиати оилавӣ ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои кредитории ҳамсарон тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 16 июни соли 2023);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба соли «Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзӯи «Маърифати ҳуқуқӣ-омили тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният». Маърӯза дар мавзӯи: «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон». (ш. Душанбе, 19 апрели соли 2024);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон

гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ». Маърӯза дар мавзӯи: «Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии уҳдадориҳои қарзӣ ва кредитории ҳамсарон», (ш. Душанбе, 24 апрели соли 2024);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Конститутсия ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси фаъолияти илмӣ ва амалии узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Раҳимзода М.З.)». Баромад дар мавзӯи: «Проблемаҳои таъмини ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадории ҳамсарон дар манфиати оилавӣ», (ш.Душанбе, 18 октябри соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 11 мақолаи илмии мазмуни проблемаҳои баррасишавандаро ифодакунанда нашр кардааст, 6 аз онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Сохтори диссертатсия бо мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боби ҳашт зербобро дарбаргиранда, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашаванда иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия - 179 саҳифа мебошад.

# БОБИ 1. МАНФИАТИ ОИЛАВӢ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ОН

## 1.1. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ

Оила - қадимтарин падидаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, нисбат ба дигар институтҳои иҷтимоӣ ба монанди давлат, ҳуқуқ, муомилоти молӣ хеле барвақт ба вуҷуд омадааст. Вай категорияи нави иҷтимоӣ набуда, таърихи дурударози пайдоиш ва инкишофро паси сар кардааст. Ташаккул ва инкишофи оилаи тоҷик ҳамчун институти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ марҳилаҳои дурударози таърихиро тай намудааст. Вай дар муддати ҳазорсолаҳо такмил ёфта, аз оилаи ҳуқуқии то исломӣ (зардуштӣ) оғоз гардида, оилаҳои ҳуқуқи исломӣ ва шуравиро гузашта, то ба имрӯз дар шакли оилаи ҳуқуқии сифр миллии тоҷикӣ барқарор гардидааст. Пайдоиш ва инкишофи ҷамъиятҳои оилавӣ ҳамчун маҳсули асосии иқтисодӣ-истеъмолӣ ба замони гузариш ба давраи неолит-асри нави санг рост меояд [32, с.145-148]. Дар воқеъ, асоси чунин ҷамъиятҳоро муносибатҳои хешутабории якчанд насл-падару модар, мардону занон ва кӯдакон ташкил медоданд, ки бо ҳамин сабаб ин сохторро ҳамчун ҷомеаи авлодӣ ном мебурданд [69, с.13].

Дар ҷомеаи то инқилоби октябри соли 1917 дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, ҳанӯз дар таълимоти дини Зардушт, тақрибан дар асри IX пеш аз милод ба муносибатҳои байниҳамдигарии мардон ва занон аз лиҳози ҳуқуқӣ диққати ҷиддӣ дода шуда, бунёди оила ҳамчун амали муқаддас пиндошта шуда, ин амал ба рушди ахлоқии ҷомеа алоқаманд дониста мешуд [112, с.488].

Дар замони давлатдории Сосониён нақши оила ва хонаводагӣ аҳаммияти зиёде дошта, давом ва бақои ҳар хонаводае вобаста ба идомаи насл ва доштани фарзандон дониста шуда, орзӯи ниҳоии ҳар як падару модари тоҷик (эронӣ) парвариши фарзандони барӯманд, меҳнатдӯст ва навъпарвар буд, ки битавонанд дар оянда номбардори

хонавода, муҳофиз ва насли идомадиҳандаи аҷдоду шуҳрати хонаводаи худ бошанд [79, с.57].

Тибқи бандҳои 3, 4 ва 5 Фасли 13 Қонуни мадании Сосониён (Қонунномаи Сосониён) дар бораи заношӯӣ падар ҳақ надошт духтари худро маҷбуран ба издивоҷ ба марде диҳад, бо ақди ситерзанӣ ба издивоҷ диҳад. Агар минбаъд чунин ҳолатҳо ҷой медоштанд, ақди никоҳ мунфасх ва акроҳ (маҷбурӣ) дониста мешуд [79, с.111]. Чи тавре, ки мебинем дар муносибатҳои оилавӣ мавҷудияти ризоияти комили издивоҷкунандагон шарти муҳим ва асосии барпо карадани оила ба ҳисоб рафта, аз озодии бунёди оила шаҳодат медод.

Минбаъд аз ибтидои асри VII сар карда, категорияи оила зиёда аз 1400 сол инҷониб ба дини ислом вобастагӣ дошта, сарчашмаи батанзимдарории муносибатҳои дохили он китоби муқаддаси Қуръон, ҳамчунин ҳадис, қиёс, иҷмоъ ба ҳисоб мерафтанд. Зикр бояд намуд, ки хусусияти характерноки меъёрҳои мазкур дар он ифода меёфт, ки аксарияти онҳо ба устувории муносибатҳои оилавӣ, пояҳои ахлоқӣ ва руҳию маънавии оила, аз ҷумла садоқат ба ҳамдигар, масъулият доштани падару модар дар нигоҳубин ва таълиму тарбияи фарзандон ва баръакс, масъулият барои эҳтироми падару модар ва парастории онҳо, мавҷудияти фазои осоиш ва эътимоду боварӣ дар оила равона карда шудааст [71, с.6]. Вале дар ислом оила иттиҳоди якумраи хешигарие буд, ки танҳо ба он падар роҳбарӣ мекард.

Агарчанде, ки дар ҷомеаи пешазинқилобии Тоҷикистон оила ҳамчун доираи сарбастаи шахсон баррасӣ карда мешуд, вале дар санадҳои он замон таърифи расмии оила ба он гунае, ки дар қонунгузории ҷории Тоҷикистон нест, ҳамчунин мавҷуд набуд. Вале дар ҷомеаи тоҷикони ҳамонвақта ду намуди хоҷагии умумӣ, яъне табиӣ ва сунъӣ (оилаи якҷоя) мавҷуд буд. Оилаи сунъӣ (оилаи якҷоя) шакли мураккаби оилаи табиӣ (зери як номи умумии оилаи бузург) буд. Оилаи хурд бошад,

ҳамчун оилаи оддӣ ҳисобида мешуд. Аз ин ҷо, бисёр муҳаққиқон оид ба дар байни тоҷикон мавҷуд будани ду навъи оилаи падаршоҳӣ: бузург ва кӯчак сухан рондаанд. Вале чунин тақсимот танҳо ҳайати шуморавии оиларо ифода карда, худ ба худ ягон хел арзиши назариявӣ надошт. Умуман, тоҷикон дар як хоҷагии аз ду ё якчанд оилаҳои алоҳидаи ба ҳам муттаҳид иборат буданд. Онҳо баъди фавти сардори оила, яъне падар, фарзандон ва кӯдакони онҳо ҳамчун хоҷагии алоҳида боқӣ монда, молу мулки оилавиро тақсим накарда, якҷоя зиндагӣ мекарданд. Дар идоракунии хона ба сифати роҳбарикунанда (калонтари хона) одатан фарзанди калонӣ баромад мекард [56, с.48-49,62]. Бародари шахси фавтида ҳатто дар ҳолати набудани фарзандони болиғ сардори оила шуда наметавонист, вале ба ӯ ҳуқуқи парасторӣ кардан нисбат ба оилаи фавтида боқӣ мемонд [55, с.103-104]. Ҳаёт ва пешрафти хоҷагии ҷомеаи оилавӣ аз сифатҳои шахсии роҳбарикунанда (калонтар)-и оила, маҳорати вай оид ба пешбурди хоҷагидорӣ ва ғамхорӣ дар бораи хешовандонаш вобастагӣ дошт. Молу мулки авлодӣ (оилавӣ), ки аз мероси гузаштагон мемонад, дороии авлод (оилаи калон) дар умум ҳисоб карда шуда, ба реҷаи анъанавии ихтиёрдории он тааллуқ дошт [210, с.48].

Хонаводаи умумӣ аз маҷмуи якчанд оилае иборат буда, бо ҳам якҷоя зиндагӣ мекарданд. Аъзои оилаи хонаводаро ибтидоан он шахсоне ташкил медоданд, ки иртиботи хешӣ доштанд ва бо ҳуқуқи фарзандон ё фарзандхонд ба оила қабул карда шуда бошанд. Баъдан, аъзои оила ҳангоми дар қайди ҳаёт будани падар, ҳуқуқ ба манзил, таъминот ва ҳуқуқи истифодаи молу мулки оилавиро доштанд. Инчунин, ҳуқуқи мерос танҳо ба хешовандон ё шахсоне тааллуқ дошт, ки дорои ҳуқуқҳои аъзои оила будан ва ба ҳайати он шомил будандро доштанд. Ҳамин тавр, оила ба маънои маҳдуд ҳамчун иттифоқи шахсоне буд, ки дар алоқамандӣ бо никоҳ пайдо шуда, шахсоне, ки аз онҳо ба дунё омаданд, тавассути ягонагии алоқаи хонаводагӣ пайванд кард мешуданд.

Иттифоқ маънои доираи муайяни сарбастаи шахсонро дошт. Хонаводаи умумӣ (оилаи калон) на танҳо ҳамчун ҷойи муштараки зист ва як хоҷагӣ маънидод карда мешуд. Сохтори дохилии оила, вазъи аъзои он дар байни якдигар дар иртиботи мутақобила ва вафодорӣ ба назар гирифта мешуд, ки ин ба роҳандозии манфиати умумиоилавӣ имконият медод [167, с.167-168].

Аз ҷониби демографҳо эътироф карда шудааст, ки асоси типологияи оилавиро муносибатҳои хешутаборӣ ё қудогӣ ташкил менамоянд, ки оиларо аз гурӯҳҳои дигари хурди иҷтимоӣ фарқ мекунанд. Бинобар ин, намуди демографӣ бо «ядрои оила» муайян карда шуда, аз чор се ҳиссаи аҳолиро оилаҳои нуклеарӣ ташкил менамоянд, ки як (ду) наслро дар бар мегирад. Оилаи аз мард, зан ва фарзандони ноболиғи аз ҷиҳати иҷтимоӣ эътирофшудаи онҳо («оилаи нуклеарӣ» ё «ядрои оила») иборатбуда – унсури дар ҳама ҷо вохӯрандаи ҳама гуна ҷомеаи инсонӣ мебошад [52, с.44-45]. Аз рӯйи типологияи Барӯйхатгирии умумииттифоқии аҳолии соли 1970, тавре ки Е.И.Гладковская қайд менамояд, оилаҳоро ба навъи оилаи пурра (бо ҷуфти никоҳӣ бо фарзандон ва бе фарзандон) ва оилаҳои нопурра, ки асоси онҳоро яке аз падару модар бо фарзандон ташкил мекард, тақсим мекарданд. Дар байни оилаҳои пурра ва нопурра оилаҳои оддие, ки ҳама аъзои он ба ядрои оила дохил мешаванд ва оилаҳои мураккабро, ки дар ҳайати онҳо падару модар ва дигар хешовандони ҳамсарон будан, фарқ мекарданд. Оила бо се аломат муайян карда мешуд: зиндагонии якҷоя, мавҷудияти муносибатҳои хешовандӣ ё қудогӣ, умумияти буҷет. Ба шарофати аломати охирин, мафҳуми оила ба мафҳуми хоҷагии хонаводагӣ наздик шуд. Мафҳуми «хонаводаи умумӣ» васеъ буда, имконият медиҳад, ки ду ё зиёда оилаҳои дорои робитаҳои хешовандӣ,  як хоҷагии хонаро, ки сарвари умумӣ доранд, ташкил кунанд. Хонаводаи умумӣ метавонист аз шахсоне низ иборат бошад, ки дорои робитаҳои хешовандӣ нестанд (масалан,

хизматгор) [198, с.188-196].

Вазифаи асосии оила ба аъзои худ таъмин кардани фаъолияти ҳаётии якҷояи муътадил ва фароҳам овардани шароит барои рушди мутаносиби шахсият мебошад [118, с.44]. Вобаста ба ҳамин вазифаҳои (функсияҳои) оила дар ҷомеа, он иборат аз тавлиди насл (репродуктивӣ), тарбия, барқароркунӣ, танзимнамоӣ, иқтисодӣ ва ғ. мебошад.

Яке аз функсияҳои оила дар ҷомеа таъмини ҷомеа бо насли оянда мебошад. Насл - ин самара ва натиҷаи бақои ҳар як  ҷомеа мебошад. Устувории оила ва хушбахтии он аз насли солим вобастагии калон дорад. Вазифаи муҳим ва асосии оила таълиму тарбияи насл буда, дар ин раванд вазифаи падару модарон тақдирсоз мебошад. Тарбия ва таълими фарзандон аз хонавода оғоз мегардад. Зеро нахустин тарбиятгари ҳар як шахс дар ҷомеа падару модар  ба ҳисоб рафта, ҳамзамон онҳо поя ва рукни асосии ҳар хонавода ба ҳисоб меравconfigured. Тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои конститутсионии ҳар як падару модар буда (м.34 Конститутсияи ҶТ), онҳо дар амалӣ намудани он вазифа, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баробар доранд [104, с.43].

Функсияи иқтисодии оила дар миёни дигар функсияҳои он хусусияти муҳимро касб менамояд, ки он дар ташкил ва барои эҳтиёҷоти оила истифода бурдани молу мулке, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба аъзои алоҳидаи оила вобаста карда шудааст, ифода меёбад. Сарчашмаи асосии ташаккули молу мулки оила меҳнати аъзои болиғи қобили меҳнати он, асосан падару модар ба ҳисоб меравад. Вазифаи (барқарроркунӣ) ба ҳифзи саломатии аъзои оила, ташкили истироҳати онҳо, таҷдид ва мустаҳкамкунии арзишҳои оилавӣ марбут мебошад. Танзимнамоӣ ҳамчун вазифаи оила аз танзими муносибатҳои байни ҳамсарон, падару модар ва фарзандон иборат мебошад. Ба ҳайси функсияи оила, инчунин, метавонад функсияи гедонистӣ баромад намояд. Вай ба муҳаббат ва хушбахтии оила равона карда шудааст.

Аз таҳлили овардашуда маълум мешавад, ки умумияти оилавӣ ин категорияи анъанавӣ буда, муайян кардани он ба мо имконият медиҳад, ки оиларо ҳамчун низоми таърихан мушаххаси муносибатҳои байни ҳамсарон, падару модар ва фарзандон, ҳамчун як гурӯҳи хурди иҷтимоӣ, ки аъзои он бо муносибатҳои никоҳӣ ё хешовандӣ, умумияти маишӣ ва масъулияти мутақобилаи ахлоқӣ алоқаманданд, муайян намоем [139, с.18].

Аҳаммияти оиларо барои фаъолияткунӣ ва рушди давлату ҳаёти ҷомеа баҳо дода, Гегел В. Ф. қайд менамояд, ки «Давлат - ягонагии олии ҳама унсурҳо ба ҳисоб рафта, оила – заминаи ибтидоии давлат, табақаҳо бошанд, заминаи дуюмин мебошанд». Тибқи арзёбии ин олим, оила дар ягонагии се самт ба анҷом мерасад: а) дар никоҳ; б) дар моликият ва молу мулки оила ва ғамхорӣ дар ин бора; в) дар тарбияи фарзанд ва вайроншавии оила [40, с.210-212, 218].

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки давлат ҳамеша дар устувору таҳкимбахшии оила ҳамчун ниҳоде, ки наслҳои навро ташкил ва тарбия менамояд, бештару зиёдтар манфиатдор мебошад. Аз ин рӯ, ҷанбаи иҷтимоӣ-фалсафии таҳқиқии оила, ки ба никоҳ асос ёфтааст, таваҷҷуҳро ба оила аз ҷониби ҷомеа ва давлат баланд мебардорад. Зимнан, ҳам давлат ва ҳам ҷомеа, чун қоида, ҳамзистии (ҳамхонагии) воқеиро шакли умумияти оилавӣ эътироф намекунанд ва ташкили оиларо бо мавҷудияти чунин умумият алоқаманд намекунанд.

Ф.Энгелс муносибатҳои оилавии ба никоҳ асосёфтаро таҳлил намуда, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст: полигамия (гурӯҳӣ), оилаи «пуналуа», оилаҳои ба хешутаборӣ асосёфта, ҷуфтӣ ва моногамия (якникоҳӣ) [120, с.51] [1].

[1] Рушди оиларо ӯ дар маҳдудкунии пайвастаи доираи шахсоне, ки дар дохили он умумияти робитаҳои никоҳӣ ҳукмфармо буд, бо роҳи хориҷ кардани хешовандон ва қудоҳо медид. Дар натиҷа як ҷуфти никоҳӣ боқӣ мемонад, ки бо завол ёфтани он никоҳ қатъ мешавад. Оилаи ҷуфтӣ – шакли хоси оилаи даврони ваҳшиҳо, никоҳи гурӯҳӣ - давраи ваҳшоният, моногамия бошад давраи тамаддун мебошад.

Дар Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶШСФР (Кодекси аввалини оила), ки 16 сентябри соли 1918 [24, с.818] қабул гардидааст, принсипи ҷудоии молу мулуки ҳамсарон «анахронизм» пешбинӣ гардида буд. Тибқи он молу мулке, ки аз музди меҳнати шавҳар ба даст оварда мешуд, аз сабабе, ки зан бо пешбурди хоҷагии хонавода ва тарбияи фарзандон машғул буду бинобар ин, даромади мустақил надошт, моликияти ӯ низ ҳисобида мешуд. Судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои оилавӣ аз рӯйи ҳамин меъёр амал менамуданд. Минбаъд таҷрибаи судҳо дар м.10 Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояти ҶФШСР соли 1926 [23, с.461] инъикос ёфт. Дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон меъёрҳои Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶШС Узбекистон соли 1928 [68, с.27-28], ки дар асоси Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояти ҶШСФР соли 1926 қабул карда шуда буд, амалӣ карда мешуд. Зеро тибқи қарори КИМ-и Шурои ҶМШС Тоҷикистон дар ҳудуди Тоҷикистон аз 1 январи соли 1929 Кодекси мазкур мавриди амал қарор дода шуда буд. Тибқи он молу мулки тоникоҳии зану шавҳар алоҳида эътироф карда шуда, молу мулки ҳангоми никоҳ бадастовардаи онҳоро молу мулки умумии ҳамсарон эълон карда шуд, ки суд андозаи ҳиссаи ба ҳар як ҳамсар мансуббударо дар сурати баҳс муайян мекард. Созишномаи байни ҳамсарон, ки ҳуқуқи молумулкии онҳоро вайрон мекарданд, беэътибор дониста шуда, ҳамсарон метавонистанд дар ҳар лаҳза аз иҷрои онҳо даст кашанд [183, с.438]. Шавҳар ва зан барои соҳиб будан, истифода ва ихтиёрдории молу мулки якҷояи ба даст овардашуда дорои ҳуқуқҳои баробар гардиданд.

---

Моногамия (якникоҳӣ) шакли аввалини оила гардид, ки ба шароити иқтисодӣ асос ёфта буд. Ғалабаи моликияти хусусӣ бар моликияти умумии ба таври табиӣ ташаккулёфта «Ҳукмронии шавҳар дар оила ва таваллуди фарзандоне, ки танҳо аз ӯ мебуд ва бояд дороии ӯро ба мерос мегирифтанд, - чунин буд ҳадафи истисноии якникоҳӣ, ки юнониҳо ошкоро эълон карда буданд». Муфассалтар ниг.: Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства/Ф. Энгельс.-М., 1989. – С.51.

Манфиати оилавиро дар ҳуқуқи оилавии Шуравӣ ба таъминоти афзалиятноки манфиатҳои кӯдак асоснок намуда, амалӣ намудани ҳуқуқҳои волидайнӣ хилофи манфиатҳои фарзандон манъ буд (м.59 Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РСС Тоҷикистон) [7] Дар муносибатҳои молумулкии волидон ва фарзандон принсипи ҷудогии молу мулк нигоҳ дошта шуда буд.

Дар замони Шуравӣ ва минбаъд ба дурусту возеҳона ифода намудани мафҳуми "оила" олимони зиёде, аз ҷумла Э.М. Ворожейкин, Р.П. Мананкова, М.А. Маҳмудзода, А.М. Нечаева, В.А. Рясентсев, О. Усмонов ва дигарон кӯшиш ба харҷ доданд. Мафҳуми оила бо дарназардошти аломатҳо ва маҳакҳои гуногун, аз ҷумла алоқамандии аъзои оила бо никоҳ ва хешовандӣ, умумият ва дастгирии мутақобила, таваллуд ва тарбияи фарзандон, ҷой доштани ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамдигарии шахсӣ ва молумулкӣ, ҳамзистии якҷояи аъзои оила ва пешбурди хоҷагии умумӣ, инчунин бо дарназардошти асосҳои пайдоиш, унсурҳо ва функсияҳои оила баҳо дода мешуд.

Масалан, "оила" тибқи мафҳуми муайяннамудаи А.М. Нечаева ҳамчун умумияти шахсони якҷоя зиндагоникунанда, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории оила муттаҳид шудаанд, се унсури муҳим - умумият, якҷоя зиндагӣ кардан ва вобаста будан бо ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавиро дар бар мегирифт. Вале дар ин таъриф моҳияти оила ба ҳуқуқҳои оилавӣ монда шуда, моҳияти аслии он дар навбати худ муайян карда нашуда буданд [162, с.6].

Ба ақидаи Р.П. Мананкова оила гурӯҳи хурди иҷтимоие (иттиҳод, иттифоқи шахсон) мебошад, ки ба никоҳ, хешовандӣ, фарзандхондӣ ва дигар шаклҳои қабули кӯдакон барои тарбия асос ёфта, бо умумияти ҳаёт, инчунин бо ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавӣ алоқаманд аст [152, с.39, 45]. Ба андешаи мо, таърифи мазкур бо асосҳои зерин қобили қабул намебошад. Аввало, дар он ишора ба моҳияти никоҳ ва манфиатҳои

умумиоилавӣ, ки таркиби дохилии оиларо муайян мекунад, мавҷуд намебошад, ки ин боиси нопуррагии он мегардад. Сониян, дар он умумияти манфиатҳои аъзои оилаи бо умумияти ҳаёти онҳо алоқаманд дониста мешавад.

Ҳамзамон, бояд қайд намоем, ки дар адабиёти ҳуқуқии ҳозира як гурӯҳи олимон тарафдори дар қонунгузорӣ додани таърифи расмии мафҳуми "оила" буда, дигарон мухолифи он мебошанд.

Тарафдорони додани мафҳуми расмии "оила" иброз медоранд, ки зарурати таъҷилии муайян кардани мафҳуми "оила" фаро расидааст. Пешниҳод менамоянд, ки «оила ҳамчун қоидаи умумӣ маҷмуи муайян (умумият, гурӯҳ)-и хешовандон мебошанд, ки ба никоҳ, хешовандӣ (ҳамсарон, падару модар, дар баъзе ҳолатҳо бошад дигар хешовандон низ) ва бо хусусиятҳои зиндагии якҷоя ва пешбурди хоҷагии умумӣ асос ёфта, муҳити табииро барои некӯаҳволии ҳамаи аъзои он, тарбияи фарзандон, кумаки мутақобила, давом додани насл, ки аъзои он байни худ бо ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсӣ ва молумулкӣ вобастаанд, фароҳам месозад» [60, с.17].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, инчунин, «оила ҳамчун доираи шахсоне, ки бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аз никоҳ, хешутаборӣ, фарзандхондӣ ё дигар шаклҳои барои тарбия қабулшудаи кӯдакон бамиёномада, мутақобилан алоқаманданд, маҳсуб меёбад» [123, с.47] ва ҳамчун «иттифоқи шахсони бо ҳуқуқу уҳдадориҳои аз никоҳ бамиёномада» [212, с.10] маънидод менамоянд.

Баръакс, дигарон ба имконнопазирӣ ва мақсаднок набудани таърифи расмии мафҳуми "оила" ишора мекунанд. Онҳо қайд менамоянд, ки мафҳуми "оила" дар ҳама давр норавшан буд ва онро дар қонунгузорӣ ифода намудан имконнопазир мебошад [29, с.12] ва аз ин

лиҳоз, қонунгузор дидаву дониста ин мафҳумро расмӣ намекунонад [41, с.279][2].

Ақидаи зикршуда бо он сабаб қобили қабул намебошад, ки дар шароити нави рушди муносибатҳои оилавӣ, бахусус пеш омадани зарурати таъмини самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими ҷашну маросимҳо", аз расман муайян намудани мафҳумҳои "оила" ва "ҳайати мушаххаси аъзои он" татбиқи меъёрҳои қонунгузории соҳавии ба ин масъала дахлдошта вобастагӣ дорад. Зеро, дар бештари мавридҳо ҷашну маросимҳо дар доираи аҳли оила бояд гузаронида шавад. Аз ин ҷо додани мафҳуми оила дар қонунгузорӣ зарур мебошад. Зеро риоя накардани меъёри мазкур боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад.

Баъзеҳо бар чунин ақидаанд, ки мафҳуми «оила» на танҳо хусусияти ҳуқуқӣ, балки иҷтимоӣ низ дорад. Ворид намудани мафҳуми «оила» ба Кодекси оила ва муқаррар кардани рӯйхати мукаммали «ҳайати аъзои оила» метавонад ба маҳдуд ва ё васеъкунии беасоси доираи аъзои оила оварда расонад [59, с.27-28].

Муҳаққиқон, инчунин менависанд, ки «оила» ҳамчун «яке аз муҳимтарин институт ва зуҳуроти иҷтимоии ҷамъиятӣ бо ҳамаи муносибатҳои дохилиоилавӣ буда» [211, с.3] ва ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ «мавзуи омӯзиши файласуфҳо мебошад» ва ҳамчун «иттифоқи шахсони бо ҳуқуқу уҳдадориҳои аз никоҳ бамиёномада» [212, с.10] мавзуи батанзимдарории ҳуқуқи оилавӣ эътироф карда шудааст.

Дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ «оила ҳамчун иттифоқи озод,

---

[2]Зеро, аввало ҳама гуна таъриф наметавонад ба таври лозимӣ чунин падидаи гуногуншаклаи иҷтимоиро инъикос намояд. Сонияи, зарурати таърифи расмии оила вуҷуд надорад, зеро оила субъекти мустақили ҳуқуқ қонунан эътироф карда нашудааст, вобаста ба ин муносибати гуногун ба мафҳуми оила дар соҳаҳои алоҳида ва институтҳои ҳуқуқӣ, ки бо фарқияти ҳадафҳои танзими ҳуқуқӣ асоснок карда мешаванд, имконпазир аст. Пур кардани мафҳуми мазкур бо мазмуни ҳуқуқӣ ба имконнопазирии ба инобатгирии шароити воқеии ҳаётӣ дар оилаҳои муайян оварда мерасонад ва аз ҳама бештар боиси номуайянӣ, душворфаҳмӣ ва бисёрвариантии мафҳуми мазкур дар ҳуқуқи оилавӣ мегардад.( Ниг.: Гражданское право: учебник / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – 3-е изд., перераб. и доп. – М., 2005. – Т.3. – С.279.)

ихтиёрона, баробарҳуқуқ ва чун қоида, якумраи зану шавҳар аст, ки ба муҳаббату эҳтироми тарафайн бо мақсади ташкили оила барои тавлид ва тарбияи фарзандон асос ёфта, бо риояи ҳама шартҳои дар қонун зикршуда ва умумияти маънавӣ ва хоҷагӣ, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳоро байни аъзои оила ба вуҷуд меорад ва дар ҳифзи давлат қарор дорад», маънидод карда мешавад [108, с.366]. Мафҳуми зикршуда то дараҷае ба мақсад мувофиқ мебошад. Вале доираи аъзои оиларо бо иттифоқи озод, ихтиёрона, баробарҳуқуқ ва чун қоида, якумраи зану шавҳар маҳдуд менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқи оилавии ватанӣ, инчунин «оила ҳамчун иттифоқи ихтиёрӣ, озод ва баробарҳуқуқи мард ва зани ба синни никоҳӣ расида, ки мақсади ташкили оила, таваллуд ва тарбияи фарзандро бо пешбурди умумӣ пайгирикунанда доранд, фаҳмида мешавад» [223, с.10]. Камбудии мафҳуми «оила» ба ақидаи мо, дар он ифода меёбад, ки никоҳ ҳамчун далели ҳуқуқии бавуҷудоварандаи оила дар он ифода наёфта, пешбурди хоҷагии умумӣ ва манфиати умумиоилавӣ дар он шарҳ дода нашудааст.

Таҳти мафҳуми «оила» М.Ш. Саидзода «иттифоқи шахсони бо ақди никоҳ ё ин ки иттифоқи зану мард ё дигар шахсонеро мефаҳмад, ки бо тариқи расмӣ ба қайд гирифт нашудааст, хоҷагии умумӣ мебаранд, хусусияти манфиатҳои умумӣ доранд, аз ҷумла ба хешутаборӣ, тарбияи фарзандон, кумаки ҳамдигар асос ёфтааст» [214, с.26]. Тавре ки мебинем, муаллиф оиларо ҳамчун иттифоқи зану мард ё дигар шахсон маънидод менамояд, ки новобаста аз мавҷудияти никоҳ ва бо тариқи расмӣ ба қайд гирифтан онро ташкил кардан мумкин аст. Чунин мафҳуми «оила» дар шароите, ки баҳампайвастшавии ҷинсҳои якхела рушд ёфта истодааст, қобили қабул намебошад. Он ба анъанаҳои миллии мо мухолифат дошта, ба рушди муътадили оила ва генофонди миллат, ҳамчун

тавлидгари насл ва идомадиҳандаи анъанаҳои суннатию аҷдодиамон дар кишвар хатар эҷод мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои муайян намудани доираи аъзои оила дар соҳаҳои дигари ҳуқуқи Тоҷикистон аҳаммият надорад, ки оё дар ҳуқуқи оилавӣ мафҳуми расмии «оила» мавҷуд ҳаст ё не. Доираи аъзои он бо меъёри соҳавӣ муайян карда шудааст, аъзогии номбаршуда бошад, танҳо як далели ҳуқуқие мебошад, ки барои ба даст овардани ҳуқуқу уҳдадориҳои «соҳавӣ» зарур аст. Аммо бо чунин мавқеъ ризо шудан хеле душвор аст. Зеро дар ҳама гуна мафҳум маҷмуи аломатҳои муҳиме бояд инъикос карда шавад, ки мазмуни онро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, мафҳуми «оила» бояд барои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ маънои ягонаро ифода намояд. Мафҳуми «аъзои оила» аз мафҳуми «оила» бармеояд ва аз ин рӯ, мазмуни онҳо бояд бо маҷмуи аломатҳои ягона муайян карда шавад. Ҳамзамон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо мафҳуми оиларо намедиҳад, ҳатто доираи аъзои оиларо мушаххас муайян наменамояд. Таҳлили меъёрҳои Кодекси оила нишон медиҳад, ки ба ҳайати оила зану шавҳар, падару модар, фарзандон (м. 2), бародарону хоҳарон, бобою бибӣ (зеро дар ҳолатҳои зарурӣ уҳдадориҳои алиментии ин категория - аъзои дигари оиларо Кодекси оила муқаррар кардааст) (моддаҳои 95-98), кӯдакони ба фарзандхондӣ қабулшуда (боби 19 Кодекси оила), инчунин кӯдакони дар таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта ба оилаи васӣ ва парастор дохил мешаванд (боби 20) [105, с.38]. Чи тавре, ки аз таҳлилӣ овардашуда маълум мегардад, таркиби оила аз якчанд намуди зерсохтор ба монанди, ҳамсарон, падару модарон, бародарону хоҳарон, кӯдакони ба фарзандхонди қабулкардашуда ва аз кӯдакони таҳти васояту парасторӣ қарордошта иборат мебошад. Манфиати ҳама гуна шахсоне, ки ба ин ё он зерсохторҳои зикршуда, дохил мешаванд, бояд ба манфиати умумиоилавӣ мутобиқат намояд. Ҳамзамон, таҳлили Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон

медиҳад, ки ба доираи ҳайати аъзои оила, ба ғайр аз «хешовандони наздик», инчунин «шахсони наздик» низ дохил мешавад. Зеро, тибқи м.226 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси “хешовандони наздик” падару модар, ҳамсар, фарзандон, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва наберахо эътироф карда мешаванд. Ба ҳайати хешовандони наздик Кодекси маданӣ фарзанхондашудагон ва кӯдакони зери васигию парасторӣ қарордоштаро дохил наменамояд. Онҳо ба андешаи мо ба ҳайати «шахсони наздик» дохил шуда, ҳамчун аъзои оила эътироф карда мешаванд. Ҳамин тариқ, мафҳуми «оила» дар худ ҳайати гуногуни «аъзои оиларо» дар бар мегирад.

Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки дар қонунгузории баъзе давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Белорус ва Қирғизистон мафҳуми расмии «оила» дода шудааст. Чунончӣ, мувофиқи Кодекси никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Беларус аз 9 июли соли 1999, «оила – ин иттиҳоди шахсоне мебошад, ки бо умумияти маънавӣ, моддӣ, умумият ва дастгирии пешбурди хоҷагии умумӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки аз никоҳ ба миён меоянд, хешовандии наздик ва фарзандхондӣ дар байни худ алоқаманд мебошанд. Дигар хешовандони ҳамсарон, хӯрандаҳои ғайриқобили амал ва дар ҳолатҳои истисноӣ бошад, дигар шахсон низ метавонанд аз тарафи суд аъзои оила эътироф карда шаванд, агар онҳо якҷоя зиндагӣ кунанд ва хоҷагии умумӣ баранд» (м. 59) [3].

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Қирғизистон аз 26 июни соли 2003 «оиларо ҳамчун доираи шахсоне баррасӣ менамояд, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба никоҳ, хешовандӣ, фарзандхондӣ ё дигар шакли қабули кӯдакон барои тарбия алоқаманд буда, барои мусоидат кардан ба таҳким ва рушди муносибатҳои оилавӣ равона карда шудаанд» (м. 2) [9].

Бо дарназардошти таҳлили анҷомдода, ба андешаи мо, «оила»-ро метавон «ҳамчун иттифоқи озод, ихтиёрона ва баробарҳуқуқи зану

шавҳари ба никоҳ, хешовандӣ, таваллуди фарзандон, фарзандхондӣ ва шаклҳои дигари барои тарбия қабулгаштаи кӯдакон асосёфта, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба ҳам алоқаманд ва якҷоя зиндагидошта ва хоҷагии умумидошта баҳо додан мумкин аст» [168, с.208].

Бояд қайд кард, ки бо тааллуқият ба доираи «оилавӣ» соҳаҳои дигари ҳуқуқ, на ҳама вақт ҳуқуқи молумулкиро, ки аз ҳуқуқи оилавӣ «дур ҳастанд» алоқаманд менамоянд. Ғояҳои оила ба эътироф намудан ва сабти қонунгузории мероси ҳиссаи ҳатмӣ эҳтиёҷ доранд. Институти ҳиссаи ҳатмӣ барои воситаи қонунӣ будани таъминоти моддии одилонаи меросгирони аз ҷиҳати иҷтимоӣ «заиф», яъне он аъзои оилае, ки ҳифзи афзалиятноки манфиати онҳоро ҳуқуқи оилавӣ таъмин мекунад, равона карда шудааст. Аммо дар ҳуқуқи меросӣ дохил кардани ҳамсари ғайри қобили амал, падару модар, фарзандони ғайри қобили амал ё ноболиғи корношоям, инчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва кушодашавии мерос зинда таваллудшудаи меросгузор ба ҷумлаи меросгирони ҳатмӣ (қ. 1 м. 1279 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) [5] аз он вобаста нест, ки оё онҳо дар лаҳзаи кушодани мерос бо меросгузор оиларо ташкил мекарданд ё не, гарчанде ки худи ҳуқуқи онҳо ба ҳиссаи ҳатмӣ ба мансубияти аъзои оила асос меёбад.

Бо тааллуқият доштан ба аъзои оилаи молик мавҷудияти ҳуқуқ ба истифодаи манзили истиқоматӣ, ки зимни қатъ гаштани робитаҳои оилавӣ аз байн меравад, алоқаманд аст. Тибқи Кодекси манзили ҶТ ҳамсар, фарзандон, падару модар, бобо, бибӣ, наберагон ва аберагони молик, ки дар манзили истиқоматии молик доимӣ бо ӯ истиқомат мекунанд, аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф карда мешаванд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, шахсони дигар низ метавонанд аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф карда шаванд, агар онҳо бо розигии молик дар ҳамин манзили истиқоматӣ ба таври доимӣ бо

молики манзили истиқоматӣ зиндагӣ дошта бошанд (м. 24) [6].

Ҳамин тавр, ба ҳайси аъзои оилаи молик на танҳо шахсони бо молик доимо зиндагикунанда, балки дар ҳолатҳои истисноӣ, шахсони дигар низ метавонанд эътироф карда шаванд, агар онҳо бо розигии молик дар ҳамин манзили истиқоматӣ ба таври доимӣ бо ӯ истиқомат карда бошанд. Вале қонунгузор далелҳоеро, ки ба суд имконияти эътироф кардани маскуншуда ба ҳайси аъзои оилаи молик медиҳад, муайян накардааст, агарчанде тибқи м.34 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон оилаи собиқ танҳо дар асоси ҳалномаи суд имкон дорад ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро ба муҳлати номуайян нигоҳ дорад. Бояд қайд намоем, ки эътирофи шахс ҳамчун аъзои собиқи оила аз асосҳои мансуб донистани вай ба "ҳайати аъзои оила" вобастагӣ дорад. Ҳамсар баъди қатъи никоҳ ҳамсари собиқ мегардад. Бекор кардани фарзандхондӣ, аз рӯйи қоидаи умумӣ, алоқаҳои ҳуқуқии байни субъектҳои фарзандхондиро қатъ менамояд. Азбаски сухан дар бораи қатъ гаштани робитаҳои оилавӣ меравад, пас масъалаи оё шахс аъзои оилаи молик боқӣ мемонад ва ё аъзои собиқи оила ҳисобида мешавад, бояд ба ақидаи мо дар асоси меъёрҳои Кодекси оилаи ҶТ муқаррар карда шавад. Зеро, Кодекси манзил ҶТ имконият намедиҳад муайян карда шавад, ки дар кадом ҳолатҳо «аъзои собиқи оила» (дар мавриди гум кардани ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ) шаҳрванде мебошад, ки аъзои оила набуда, молик онро ба манзили истиқоматии ба вай тааллуқдошта ба сифати аъзои оила маскун кардааст. Зеро номуайян аст, ки дар кадом вақт муносибатҳои оилавии аз мавқеи ҳуқуқи оилавӣ бавуҷуднаомада қатъ мегарданд. Эҳтимол, танҳо худи молик метавонад муайян кунад, ки оё маскуншуда сифатҳои аъзои оилаи ӯро гум кардааст ё не. Чунин меъёр зарурат ба ворид кардани тағйирот ба қонунгузориро дорад. Бояд асосҳои алоҳидаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ барои шаҳрвандоне, ки аъзои оилаи молик

намебошанд, вале аз ҷониби молик ба сифати аъзои оилаи вай маскун карда шудаанд, пешбинӣ карда шаванд ва ё мафҳуми «аъзои оила» - ҳамчун категорияи аз мафҳуми «оила» ҳосилшуда дониста шавад [198, с.32-33].

Мундариҷаи меъёрҳои м. 24 Кодекси манзили ҶТ, бешубҳа, дар бораи аз ҷониби қонунгузор эътироф намудани мавҷудияти оила ҳамчун умумияте, ки тааллуқ доштан ба он мақоми шахсро ҳамчун истифодабарандаи манзили истиқоматӣ ба куллӣ тағйир медиҳад, шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, ба ақидаи мо якхелакунии мафҳуми «оила» ҳамчунин бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии аъзои он ва таъмини манфиати умумиоилавӣ зарур аст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «оила»-ро ҳамчун асоси ҷамъият эътироф намуда, ба ҳар кас ҳуқуқи ташкил кардани оиларо медиҳад (м. 33). Дар баробари ин, сиёсати давлатӣ дар кишвари мо ба мустаҳкам намудани оила равона карда шуда, ба оила ҳамчун як организми том таъсир мерасонад[3]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1578620 [73, с.6] хонавода зиндагонӣ мекунад, ки баъзе онҳо аз якчанд оила иборат мебошанд. Аз ин рӯ, оила барои давлат ва ҷомеа бетафовут намебошад. Бояд қайд намоем, ки рушди муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёт, хусусигардонии моликияти давлатӣ боиси бемуҳофизатии иҷтимоии қисми оилаҳо низ мегардад. Дар робита бо ин, оила ба дастгирии давлатӣ эҳтиёҷ дорад[4]. Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии оила ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ муайян намебошад. Хоҷагии деҳқонӣ аз ҷониби аъзои як оила ташкил дода мешуд ҳам, даромади аз фаъолияти

[3] Барпо кардани оила ва муносибатҳои оилавӣ ба манфиатҳои хеле гуногун, аз ҷумла манфиатҳои худи аъзои оила, манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ, давлат ва ҷомеа дахл мекунад. Ҳамаи ин манфиатҳо бо тарзҳои гуногун ба ҳамдигар таъсир расонида, имкониятҳои хеле гуногун ва бисёр вақт низоъҳои хеле тезу тундро ба вуҷуд меоранд.

[4] Агарчанде, ки дар Давлати Шуравӣ сиёсати иҷтимоии давлат ба рушди оила равона карда шуда,ба оила ва аъзои он имтиёзҳои гуногун дода мешуд, вале дар ҳамон вақт ҳам дастгирии давлатии оила бо таври кифоя самарабахш ҳисобида намешуд.

он ба даст овардашуда моликияти оила ҳисобида нашуда, балки моликияти умумии аъзои хоҷагиро ташкил медод. Тибқи қонунгузории амалкунанда хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) аз ҳисоби хешовандон, аз ҷумла оилаи ягона ташкилдодашуда ба ҳайси шахси ҳуқуқӣ ҳисобида нашуда, роҳбари хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) иштирокчии мустақили муомилоти маданӣ буда, аҳдҳоро аз номи хоҷагӣ мебандад (Қонуни ҶТ аз 15 марти соли 2016 «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» [16]. Ҳамзамон, оила бевосита муассиси (иштирокчии) шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ намебошад. Инчунин, вазъи соҳибкори инфиродӣ аз вазъи оилавӣ вобастагӣ надорад, гарчанде ки соҳибкори инфиродӣ бисёр вақт маблағҳои пулии оила, аз он ҷумла объектҳои моликияти муштараки ҳамсарон, пули пасандози фарзандони болиғ, дигар хешовандон истифода мегардад. Аз ин ҷиҳат ба назар гирифтани ҳолатҳои зикргардида дар ҳолати баҳс мушкил аст ва аз бисёр ҷиҳат ба салоҳдиди суд вогузор карда шудааст.

Ҳамин тавр, аз рӯйи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон муттаҳидшавии якчанд шаҳрвандон (шахсон) дар як оила метавонад барои онҳо боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ гардад, вале фақат барои субъектҳои мустақили ҳуқуқ. Оила дар кулл субъекти ҳуқуқ дониста намешавад [166, с.87].

Қонунгузории амалкунанда гузаштан ба тарҳи махсуси танзими ҳуқуқӣ оила дар намуди алоқаи «оила – ҷомеа – оила», ки тибқи он манфиатҳои оила пурра бояд бо манфиатҳои ҷомеа мутобиқат намоянд ва баръакс, рушди ҷомеа бошад, ба рушди ҳаматарафаи оилаи комил мусоидат намояд [96, с.40], имконият намедиҳад. Умуман дар шароити имрӯза манфиатҳои оила афзалиятнок ҳисобида нашуда, таъмини онҳо асосан аз рӯйи принсипи боқимонда амалӣ карда мешавад. Барои оилаҳои нопурра ва барҳамхӯрда, ки функсияҳои оилавиро иҷро менамоянд ва шумораи онҳо то рафт зиёд мегарданд, имтиёзҳо ва

кафолатҳои иҷтимоӣ ба таври кифоя вуҷуд надоранд.

Чи тавре, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд карда мешавад, оилаи муосир тибқи талаботи қонунгузорӣ мавқеи мобайниро дар байни шахсони воқей ва ҳуқуқӣ ишғол менамояд [198, с.19][5]. Агарчанде, ки имрӯз оила амалан дорои молу мулки густурдатари хусусӣ мебошад, аммо оилаи ба никоҳ асосёфта тибқи қонунгузорӣ субъекти ҳуқуқ намебошад. Ҳамсарон дар ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқӣ мустақилона иштирок мекунанд. Дар амал оила аксар вақт ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, бонк, нуқтаи савдо, ташкилоти эҷодӣ ва ғайраро ташкил намояд ҳам, дар ин ҳолатҳо низ мақоми субъекти ҳуқуқро на оила, балки ташкилоти таъсисдодаи он доро мегардад. Оила ҳамчун тараф дар муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ, меҳнатӣ, замин, манзил ва дигар муносибатҳои ҳуқуқие, ки ба манфиатҳои он дахл доранд, эътироф карда намешавад, инчунин наметавонад дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад, аз рӯйи уҳдадориҳои мушаххас ҷавобгариро ба зимма дошта бошад. Қонунгузории оилавӣ ҳамчунин оиларо ба сифати субъекти ҳуқуқ эътироф намекунад ва бинобар ин дар асоси зарурати бемамониат аз ҷониби аъзои оила амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ва имконияти ҳифзи судии онҳо амал мекунад (м. 1 КО ҶТ). Уҳдадориҳо ва масъулиятҳо на дар маҷмӯъ ба оила, балки ба аъзои алоҳидаи он ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ вогузор карда мешаванд.

Бояд қайд намоем, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ оила аз тарафи баъзе олимон субъекти ҳуқуқ [95, с.244], ё ин ки ба ҳайси «субъекти дастаҷамъонае» эътироф карда шудааст [78, с.80-81], ки ба он «вазъи ҳуқуқии» муайян хос мебошад. Ба ақидаи Л.А. Гречук оила дар кулл

---

[5]Агар дар масъалаҳои манзил, нафақа, ҳангоми гирифтани имтиёзҳои алоҳида барои тамоми хонавода (пардохти хонапулӣ, нафақа, кӯмакпулӣ), оила ҳамчун ҷузъи том баромад намояд, баръакс дар қонунгузорӣ муҷозоти (ҷаримаи) оилавӣ, андози оилавӣ ва дигар амалҳои ҳуқуқие, ки ба тамоми оила татбиқ карда шаванд, мавҷуд нест. Онҳо нисбат ба аъзои алоҳидаи он муқаррар карда шудаанд, гарчанде ки оқибатҳои ин амалҳо амалан ба вазъи молиявии оила дар кулл таъсир мерасонанд. Муфассалтар ниг.: Гладковская Е.И. Асари ишора кардашуда.- С.19

субъекти ҳуқуқ мебошад, зеро он дорои сифатҳои зерини ба худ хос мебошад:

1) алоҳидагии зоҳирие, ки ҳамчун қоида ба оилаи муайян имконият медиҳад, аз оилаҳои дигар дар шароити манзили алоҳида зиндагӣ намояд ва ҳангоми якҷоя зиндагӣ кардан бо дигар оила дорои буҷети оилавии мустақил буда, хоҷаги мустақилро пеш мебарад;

2) дар намуди шахси алоҳида баромад кардан, ки дар мурочиати яке аз аъзои оила барои муаррифӣ кардани манфиати он дар мақомоти ваколатдори дахлдор барои таъин ва пардохти ёрдампулӣ зоҳир мегардад;

3) қобилияти таҳия, ифода ва амалӣ кардани иродаи шахсӣ, масалан ҳангоми ёрдампулӣ гирифтани оила барои кӯдак, ба ҳар яке аз аъзои онҳо пешниҳод намудани ҳуҷҷате, ки даромади миёнаи оила нисбат ба ҳадди ақали зиндагии онҳо кам мебошад [200, с.141].

Бояд зикр намуд, ки уҳдадории тарбияи фарзандон ба зиммаи оила ва масъулият барои тарбияи номатлуби онҳо бошад, ба зиммаи шахсоне гузошта шудааст, ки бевосита ба тарбия машғуланд. Ҳуқуқ ба гирифтани кумак ва имтиёзҳоро аъзои оила амалӣ мекунанд. Албатта, муқаррар кардани ҳолати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ба доираи салоҳияти мақомоти қонунгузории ин ё он давлат вобаста мебошад. Вале, он ки оила объекти ҳифзи ҳуқуқӣ мебошад ва ин табиисту [51, с.123] баҳснопазир мебошад.

Ҳамин тавр, тавзеҳи субъект дар ҳуқуқи оилавӣ на ба мафҳуми оила, балки ба аъзои он хос мебошад, зеро барои эътироф намудани субъекти ҳуқуқ ду категорияи асосии ҳуқуқӣ-қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ хос мебошад.

### 1.2. Мафҳум ва моҳияти манфиати ҳуқуқии оилавӣ

Оила ҳамчун ҷузъи такомули маънавии шахсият буда, бинобар ин нақши он дар ташаккули олами ботинии шахс бузург аст. Дар оила

талабот ба муошират бо наздикон қонеъ карда шуда, арзишҳои ҳаёти оилавӣ ташаккул меёбанд. Оила - низоми мустақили ичтимоию иқтисодӣ буда, дорои мухторияти муайян мебошад. Бо рушду инкишофи оила тариқи ахлоқ, қонун, дин, расму анъанаҳо, шуури ҷамъиятӣ, фарҳанг, фаъолияти давлат, сиёсат ва ҳоказо таъсири низоми иқтисодӣ ба ташкили робитаҳои дохилиоилавӣ равона мегардад. Вобаста ба ин, гуфтан зарур аст, ки дар доираи оила қоидаҳои иҷтимоие амал мекунанд, ки дар заминаи онҳо манфиатҳои моддӣ ва маънавии умумияти оилавӣ ва аъзои алоҳидаи он инъикос меёбад. Мустаҳкамии алоқаҳои оилавӣ бо истифодаи васеи меъёрҳои иҷтимоӣ метавонад таъмин карда шавад. Дар чунин ҳолат "оила" ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Он чизе, аъзои оиларо ба ҳамдигар мепайвандад, манфиати моддӣ ва маънавии онҳо мебошад. Ягонагии манфиатҳои аъзои алоҳидаи оила-шарти зарурии фаъолияти муътадил ва инкишофи ҳамаҷонибаи он мебошад.

Бояд қайд намоем, ки мутахассисони соҳаи ҳуқуқи оилавии тоҷик ба таҳлили таърихи ташаккули оилаи яканикоҳӣ, маҳдуд шуданд. Зинаи ниҳоӣ дар рушди падидаи оила ин якканикоҳӣ мебошад, ки дар заминаи дар доираи як никоҳ қарор гирифтан ва дорои хусусияти инфиродӣ будани он асос ёфта, рад намудани бисёрникоҳиро эътироф менамояд. Оқибати ҳамин буд, ки он боиси мувофиқат кардани никоҳи моногамӣ ба манфиати моддии оила гардид.

Бо мурури замон, оилаи шаҳрвандӣ дар рафти таҳаввулот ҷойи худро ба оилаи хунӣ дод. Ҳокимияти сардори оила (шавҳар) дар оилаи ба мафҳум дар бораи парасторӣ, пуштибонӣ ва ҳимоя асос ёфта, манфиати молумулкии оилавиро таъмин мекард. Ҳамзамон, молу мулки манқул ва ғайриманқули хоҷагӣ дороии умумӣ буд. Бунёди ягонагии марду зан ва дар муносибати доимии ҳамзистӣ қарор доштани онҳо боиси бавуҷуд омадани оила гардида, дар натиҷа муносибатҳои оилавӣ ташаккул ёфт.

Дар баробари пайдоиши манфиатҳои оилавӣ дар байни марду зан, умумияти оилавӣ ба вуҷуд омад. Оилаи қадимтарин ба ҳокимияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бешубҳаи шавҳар бар занаш такя мекард. Бо гузашти вақт, ҳокимияти шавҳар мавриди маҳдудиятҳо қарор гирифт, аммо оила хоҷагии умумӣ, манфиатҳои умумии хонаро бунёд кард, ки барои амалигардонии онҳо ягонагӣ дар роҳбарии ҳаёти якҷоя зарур буданд. Ҳуқуқи роҳбариро ба шавҳар дода, муносибати ҳамсаронро бо принсипи волоияти шавҳар дар корҳои умумиоилавӣ муайян намуд. Оила - иттифоқи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аъзои баробарҳуқуқ буда, бо манфиатҳои умумии хонавода пайванд карда шудааст. Шавҳар бартарии «дохилиоилавӣ»-ро доро буда, ӯ - сарвари оила, ифодакунандаи манфиати умумиоилавӣ мебошад [227, с.19]. Умуман, таърихи пайдоиш ва инкишофи оила таърихи пайдоиш ва ташаккули манфиати оилавӣ мебошад.

Қайд бояд намоем, ки “манфиат” ба монанди “оила” падидаи дорои табиати ягона буда, инсон барои ноил шудан ба он дар назди худ мақсад мегузорад, ки интихоби ӯ аз манфиат вобастагӣ дошта бошад. Аз ин ҷост, ки ягон чиз берун аз манфиати инсоният амалӣ намешавад. Оила ба монанди номи нек, шараф, мақоми ҷамъиятӣ ва ғайра ба доираи манфиатҳои хусусӣ дохил мешавад. Вай аз ягонагии муносибатҳои моддӣ ва ғайримодии асосии ташаккулёфта замина мегирад.

Умуман оила таърихан хоҷагии манфиати умумидоштаи хонаводаро ташкил медод. Вай доимо дар рушд қарор дошт ва зимнан манфиати оилавии бардавом чун омили ин рушд баромад мекунад. Оила ҳамчун иттифоқи шахсиятҳои баробарҳуқуқи ба манфиати умумии он муттаҳидшуда буда, шавҳар ҳамчун сарвари оила ба ҳайси баёнкунандаи манфиати умумиоилавӣ баромад менамояд.

Мафҳуми умумии илмии категорияи манфиат на ин ки дар соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи оилавӣ, балки дар дигар илмҳои ҷамъиятӣ

мавҷуд нест. Категорияи манфиат аз тарафи илмҳои фалсафа, иқтисод, равоншиносӣ, сотсиология ва ғайра низ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки “манфиат” категорияи умумии илмӣ мебошад. Вале аз тарафи ҳар гуна илм, аз ҷумла илми ҳуқуқи оилавӣ вобаста ба мақсад ва мавзуи омӯзиш дар бораи он тассавуроти ба худ хос пайдо шудааст.

Проблемаи асосии категорияи “манфиат” дар муайян намудани табиати он ифода меёбад. Нуқтаи назари олимонро нисбати он ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст. Баъзе олимон онро ҳамчун категорияи субъективӣ [127, с.312], дигаре ҳамчун категорияи объективӣ [77, с.20-21] ва сеюмин ҳамчун категорияи объективию субъективӣ [87, с.17] эътироф менамоянд. Ба ақидаи мо нуқтаи назари гурӯҳи сеюм дар бораи он ки манфиат категорияи объективию субъективӣ буда, на танҳо новобаста аз шуури инсон вуҷуд дорад, балки бевосита ба он алоқаманд мебошад, қобили қабул аст. Ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил шуда, инсонҳо бошуурона барои қонеъ гардонидани талаботи худ амал менамоянд. Амали онҳо танҳо дар ҳамон ҳолате хислати мақсаднок мегирад, ки агар онҳо манфиати худро дарк намоянд, бофикрона ва бошуурона ин ё он амалро содир намоянд.

Ҳамзамон, дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзе олимон манфиатро ҳамчун неъмат (нафъ) ё фоида [110, с.58-59] маънидод менамоянд. Ба чунин ақида ризо шудан душвор аст. Зеро манфиат талаботи дар шуури шахс инъикосёфтае мебошад, ки дар шакли бошууронаи водоркунӣ ифода ёфта, дар ҳаёт дар намуди хоҳиш, ният, талошҳо дар он муносибатҳое, ки дар онҳо шахсон дар раванди фаъолияти ҳаётии худ баромад менамоянд, зоҳир меёбад. Ҳамин тавр, манфиат ҳамчун қоида ният (хоҳиш, талош) оид ба ноил шудан ба ягон хел неъмат, нафъ мебошад. Аз ин ҷо оид ба неъмат ҳамчун объекти манфиат сухан рондан мумкин аст. Нафъ - ин шакли зоҳиршавии манфиат ё натиҷаи амалӣ гардидани он мебошад [140,

с.37-38]. Зеро он танҳо ҳамчун объекти манфиат метавонад ин ё он манфиат ва талаботи субъектро қонеъ гардонад. Дар ҳамин арзиши неъматҳои моддӣ ё ғайримоддӣ барои субъекти муносибатҳои оилавӣ ифода меёбад.

Бояд қайд намоем, ки категорияи манфиат дар ҳуқуқи оила бояд дар ҷанбаи соҳавӣ истифода бурда шавад. Чунин фаҳмиш имкон медиҳад, ки хусусияти манфиати модии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятнок ошкор карда шавад [77, с.103]. Аммо дар илми ҳуқуқи оилавии шуравӣ ва муосири тоҷик мафҳуми манфиат таҳия нашуда аст, гарчанде дар бораи баъзе манфиатҳои молумулкии ҳамсарон, падару модарон ва фарзандон Г.К. Кузнетсова, М.А. Маҳмудзода, В.П. Никитина, А.Р. Сергеев, Б.Т. Худоёрзода ва дигарон ибрози ақида карда бошанд ҳам.

Бояд қайд намоем, ки истилоҳи "манфиат" дар муносибатҳои оилавӣ[6] нисбат ба ҳуқуқҳои субъективии ҳамсарон, падару модар ва фарзандон истифода мешавад ва ба сифати манфиатҳои махсуси бартаридоштаи кӯдак баррасӣ мегардад. Чунончи, И.С. Собирзода таҳти манфиати кӯдак «ҳолат ва сабабҳоеро мефаҳмад, ки ҳангоми амалӣ гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳо аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқ бо мақсади таъмини шароити беҳтарин барои рушду такомули ҷисмонӣ, равонӣ ва маънавии кӯдак» равона карда шудааст [215, с.16]. Манфиати субъектҳои ҳуқуқи оилавӣ аз тарафи қонунгузорӣ ҳифзу ҳимоя карда мешавад. Вале ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои қонунан муҳофизатшаванда як чиз нестанд. Тавре ки дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд карда мешавад, "ҳифз" доимо амалӣ карда шуда, "ҳимоя" танҳо дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ вайрон карда мешавад. Мафҳуми «ҳифз» нисбат ба мафҳуми «ҳимоя» маънои васеъ дошта, ҳама гуна чораҳоеро

[6] Мафҳуми манфиат чун иҷозаи одии ҳуқуқӣ, инъикоси бевоситаро дар ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ наёфтааст, вале он аз моҳияти умумии қонунгузории оилавӣ бармеояд ва дар ҳолатҳои муайян аз ҷониби давлат ҳифз карда шавад ҳам, вале нишонаҳои аниқи шарҳи соҳавиро надорад.

дар бар мегирад, ки барои таъмини манфиати субъекти ваколатдор равона карда шудааст [90, с.532]. Аз ин мебарояд, ки "ҳимоя" яке аз намудҳои "ҳифз" мебошад. Манфиати бо қонун ҳифзшаванда ҳамчун ангезаи бошууронаи субъект оид ба истифода намудан аз неъмати иҷтимоии мушаххас, қонунӣ, асоснок, ба моҳияти умумии ҳуқуқ мухолифатнакунанда буда, з-ин сабаб таҳти ҳифзи ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат қарор дода мешавад. Ҳамзамон, субъекти ҳуқуқ ҳама вақт субъекти манфиат буда, вале субъекти манфиат на ҳама вақт метавонад субъекти ҳуқуқ эътироф шавад. Чи тавре, ки қайд карда будем оила субъекти ҳуқуқ нест. Азбаски ба ҳайси субъекти манфиат ва субъекти муносибати ҳуқуқӣ аъзои оила баромад менамояд, зарурати муайян намудани шаклҳои ифодаёбӣ ва амалӣ намудани манфиати ягонаи оила дар кулл дар баробари манфиати иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ бавуҷуд меояд. Бояд қайд намоем, ки манфиати оилавӣ ягона буда, ҳамаи муносибатҳои робитаи ҳуқуқӣ ва ҳамзистии воқеиро дар бар мегирад ва ба мазмуни худ тарафи маънавию моддии ҳаёти оилавиро инъикос менамояд [198, с.60][7].

Манфиати оила ба воситаи талаботи худи дорандаи молу мулк амалӣ карда шуда, ҳангоми аз ҷониби аъзои оила татбиқ намудани уҳдадориҳояшон, аз ҷумла уҳдадории алиментдиҳияшон амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, тибқи талаботи м.120 КО ҶТ агар баъди таъин кардани алимент вазъи моддӣ ва оилавии алиментдиҳанда ва алиментгиранда тағйир ёбад, суд метавонад ба хотири манфиати умумиоилавӣ, андозаи алиментро кам намояд ё алиментдиҳандаро аз додани он озод намояд [34, с.28].

[7] Тарафи маънавии манфиати оилавӣ аз муҳаббат, боварӣ, умумияти мавҷудияти фардӣ, тамоюл ба муттаҳидшавии маънавии ҳамаи аъзои оила иборат буда, манфиати тарбияи фарзандонро низ дар оила дарбар мегирад. Таркиби моддии манфиати оилавӣ метавонад ҳамчун дараҷаи ҳаёти оила муайян шавад, ки саломатию беҳбудии ҳама ва ҳар як аъзои ҷамоаи оилавиро таъмин намояд. Муфассалтар ниг.: Гладковская Е.И. Асари ишора кардашуда.- С.-60

Дар воқеъ, манфиати оилавӣ ҷамъи манфиатҳои аъзои алоҳидаи оила мебошад. Аз ин ҷо манфиати умумиоилавӣ аз манфиати аъзои алоҳидаи оила, аз қабили зану шавҳар ва фарзандон фарохтар мебошад. Манфиати умумиоилавии бо манфиатҳои аъзои оила мутобиқоянда дар бисёр ҳолатҳо дар ҳуқуқҳои субъективии аъзои он ифода ёфта, ҳангоми амалигардонии онҳо татбиқ мешавад ё аз ҷониби давлат зимни дастгирии моддии оила таъмин карда мешавад. Вале манфиати оилавӣ метавонад бо баъзе манфиатҳои аъзои оила мутобиқ ояд ва ба манфиатҳои дигарон созгор набошад. Дар чунин ҳолат қонунгузорӣ бояд он ҳуқуқҳои субъективии аъзои оиларо эътироф намояд, ки ҳангоми амалигардонии манфиатҳои оилавӣ татбиқ мешаванд, бартарият доранд ва бо чунин тарз ҳифзи манфиатҳои оилавӣ таъмин мегардад. Манфиати оилавӣ дар фарқият аз манфиатҳои аъзои оила, бояд манфиати хоси ҷамъиятӣ эътироф карда шуда, афзалиятнокии ҳимояи он таъмин карда шавад. Ҳангоми мухолифати манфиатҳо бояд манфиати оила дар шакли пурра бо роҳи ҳифзи манфиатҳои умумиоилавии бо манфиатҳои аъзои алоҳидаи оила мутобиқоянда ҳимоя карда шавад.

Бояд қайд намоем, ки дар ҳуқуқи маданӣ ва оилавӣ истилоҳи «манфиат» бо таври васеъ истифода бурда мешавад. Дар қатори истилоҳи мазкур истилоҳҳои «манфиати худ», «манфиати дигар шахсон», «умумияти манфиатҳо», «манфиати бегона», «манфиати аздастрафта», «манфиати муҳим» «манфиати молумулкӣ», «манфиати қонунӣ» истифода бурда мешаванд. Таҳлили тартибии мафҳумҳо имконият медиҳад ба хулоса оем, ки онҳоро на ҳама вақт дар қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ бо таври аниқ ва қотеъона истифода менамоянд. Масалан, дар як маврид «манфиати қонунии ҳифзшаванда» ва дар дигар маврид «манфиати қонунӣ» истифода бурда мешавад. Сабаби асосии чунин истифода бурдани истилоҳҳои мазкур дар он ифода мeёбад, ки на

ҳамаи манфиатҳо зери танзими ҳуқуқӣ қарор дода мешаванд. Аз ин ҷо, онҳоро ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ аз ҳамдигар фарқ кардан зарур мебошад. Манфиати аз тарафи қонун ҳифзашаванда ҳамчун «манфиати қонун ҳифзкунанда» номгузорӣ кардан зарур аст. Манфиати қонунӣ бошад, манфиате мебошад, ки ба қонун мухолифат наменамояд. Ба манфиати мазкур инчунин «манфиати қонун ҳифзкунанда» низ дохил мешавад. Манфиати мазкур ба ҳайси объекти ҳифзи ҳуқуқӣ мустақилан арзи ҳастӣ менамояд. Ҳамзамон, бояд қайд намоем, ки «манфиати қонунӣ» дорои маънои гуногун мебошад. Маънои дурусташ ҳамон мебошад, ки агар он талаботи шахсро дар амалинамоии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ ифода намояд. Масалан, нисбат ба манфиатҳои қонунии ҳамсарон қайд намудан мумкин аст, ки таъминоти асосии иҷтимоии манфиати қонунии онҳо дар имконияти ҳифзи амалинамоии ҳуқуқ ва уҳдадриҳои онҳо ифода меёбад. Манфиати қонуниро аз манфиати ғайриқонунӣ фарқ намудан лозим. Ба ақидаи В.В. Субочев аломатҳои асосии фарққунандаи манфиати қонунӣ аз манфиати ғайриқонунӣ бо асоснокии манфиат, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳмиятнок будан, қонунӣ будани манфиат ва мавҷуд будани механизми ҳифзи манфиат фарқ менамояд [98, с.496]. Қонунӣ будани манфиат гувоҳи он аст, ки ҳамсарон ҳангоми амалигардонии ҳуқуқҳои худ ба қонун такя намудаанд. Бо тариқи дигар ифода намоем, манфиат қонунӣ ҳисобида намешавад, агар шахс дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ онро амалӣ намуда бошад. Манфиатеро, ки қонунгузор бо роҳи ба субъекти(барандаи) он пешниҳод намудани ҳуқуқи субъективӣ ҳамчун воситаи қонеъ намудани он эътироф намудааст, Е.А. Крашенинников манфиати қонунӣ меномад [142, с.132].

Бо дарназардошти меъёрҳои танзими манфиат аз тарафи ҳуқуқ манфиати қонунӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1) манфиатҳои қонуние, ки амалишавии онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқ ба танзим даровард мешавад. Манфиатҳои қонуние, ки бевосита дар меъёрҳои ҳуқуқ ҳамчун объекти ҳимоя ифода карда шудаанд, моҳиятан ва воқеан ба ҳуқуқҳои субъективӣ баробар мебошанд;

2) манфиатҳои қонуние, ки бо меъёрҳои қонун ба танзим даровард намешаванд [77, с.39-41].

Қайд кардан бамаврид аст, ки манфиати қонунӣ дар алоқамандӣ бо манфиати аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятнок қарор дорад. Таносуби байни манфиати қонунӣ ва манфиати дорои аҳаммияти ҳуқуқиро С.В. Михайлов мавриди таҳлил қарор дода, чунин қайд менамояд, ки «манфиати аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок дар ҳуқуқи маданӣ ҳамчун муносибати ҷамъиятие мебошад, ки мазмуни талаботи субъектро ки хусусияти иҷтимоӣ дорад ва дар муқаррар кардан, тағйир додан, қатъ кардан, ҳимояи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда зоҳир мегардад» [77, с.52].

Ҳамин тавр, манфиатҳои қонунан ҳифзшаванда, тавре ки қайд кардем, на танҳо дар доираи ҳуқуқҳои субъективӣ, балки берун аз он ба ҳайси манфиати аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятнок вуҷуд дошта метавонанд. Онҳо бо тартиби махсус амалӣ карда мешаванд, ки аз хусусият ва мундариҷаи «манфиати қонунан ҳифзшаванда» вобастагӣ доранд.

Ҳамчун мисол, манфиатҳои дар қ.2 м.39 КО ҶТ зикршударо овардан мумкин аст. Дар ҳолати баҳс ба ҳар кадоме аз ҳамсарон ҳуқуқ дода мешавад, ки тақсими молу мулки умумиро барои қонеъ намудани манфиатҳои кӯдакони ноболиғ ва фарзандони болиғи корношоями эҳтиёҷманд талаб намояд, инчунин зимни манфиати сазовори таваҷҷӯҳи яке аз ҳамсарон баробарии ҳиссаи ҳамсаронро сарфи назар намояд. Бархилофи манфиати ҳамсарон, манфиатҳои дар қ. 2 м. 39 КО ҶТ пешбинишуда, бо ҳуқуқҳои субъективӣ ҳамчун воситаи

қонеъгардонии онҳо алоқамандӣ надоранд, аммо метавонанд ба муҳтавои ҳалномаи баровардаи суд таъсир дошта бошанд. Барои ҳамин ҳам, ба ақидаи мо манфиате, ки қонунгузорӣ ба сифати ҳолате эътироф кардааст, ки метавонад ё бояд ҳангоми баррасии баҳс аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ба инобат гирифта шавад, манфиати аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятнок ба ҳисоб меравад. Суд метавонад ба сифати манфиати аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятнок манфиати оилавиеро шуморад, агар ҳамсар бесабаб даромад нагирифта бошад ё молу мулки умумиро бар зарари манфиати оила харҷ карда бошад (қ. 2 м. 39 КО ҶТ). Манфиатҳои мазкур ба манфиатҳои оила вобастаанд ва бояд ҳамчун объекти ҳимояи ҳуқуқӣ ба назар гирифта шаванд. Мушкилот дар он аст, ки субъекти манфиат ва субъекти муносибати ҳуқуқии «вобаста» на ҳама вақт мувофиқат мекунанд. Бояд қайд намоем, ки оила дар ҳолате метавонад фақат субъекти манфиат эътироф гардад, ки аъзои оила ҳам субъектҳои манфиат ва ҳам субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ эътироф карда шаванд. Аз ин ҷо, манфиати умумиоилавӣ ва манфиати аъзои алоҳидаи оиларо аз ҳам ҷудо кардан зарур аст. Муҳиммияти таснифоти манзургардида дар он ифода мегардад, ки тафовути мафҳумҳои субъекти ҳуқуқ ва субъекти манфиат ошкор гардида, ҳамзамон шаклҳои ифода ва ҳимояи манфиатҳои ҳам аъзои оила ба сифати иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ва ҳам манфиати умумиоилавӣ дар кулл муайян карда шавад [198, с.56].

Масоили болозикр муҳиммияти амалиро дар худ таҷассум менамояд, чунки эътирофи манфиати оилавии қонунан ҳифзшаванда имконият медиҳад, ки ба тариқи қонунӣ манфиатҳое қонеъ ва ҳифз карда шаванд, ки мустақиман бо ҳуқуқҳои зикршуда муайян карда нашудаанд. Зимнан, манфиати қонунӣ метавонад бо вазифаи танзимкунандаи худ ба он ҷое ворид шавад, ки ба он ҳуқуқи субъективӣ ворид шуда наметавонад, зеро вай ба ин маъно ҳудуди муайян дорад [150, с.45].

Истилоҳи «манфиат» аввалин маротиба дар Кодекси никоҳ ва оилаи ҶТ аз 1 январи соли 1970 [20, с.102] 26 маротиба ифода гардидааст (м.12, 21, 36, 136 ва ғ.). Дар Кодекси оилаи амалкунанда бошад истилоҳи «манфиат» 70 маротиба истифода карда шудааст. Вобаста ба ин, дар сарчашмаҳои илмӣ зарурати ба назар гирифтани манфиатҳои зану шавҳар ва манфиатҳои кӯдакони ноболиғ ҳангоми тақсими молу мулки умумии ҳамсарон, зимни баррасии баҳсҳо дар бораи тарбия ва ҳангоми муайян кардани шакли тарбияи кӯдакони аз парастории падару модари маҳрумшуда қайд карда шуда, масоили баробарии манфиатҳо ва бартарии манфиатҳои як қисми аъзои оила нисбат ба манфиатҳои дигарон нишон дода шудааст [30, с.151-152]. Зимнан, таърифи илмии категорияи манфиат дар ҳуқуқи оилавӣ пешниҳод нашудааст. Вале баъзе олимони ватании соҳаи ҳуқуқи маданӣ зери мафҳуми «манфиат» ҳуқуқҳои субъективии мушаххасро дар назар доранд [101, с.158-159]. Категорияи манфиат вобаста ба гурӯҳи манфиатҳои марбут ба ҳуқуқҳои субъективии иштирокчиёни алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ - ҳамсарон, падару модар, фарзандон таҳқиқ карда мешавад. Зимнан, ба сифати манфиати махсус манфиатҳои кӯдак, аз он ҷумла кудаке, ки дар натиҷаи бордоркунии сунъӣ ба дунё омадаст, дар адабиёти ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешаванд.

Ба ақидаи М.Ш. Саидзода манфиати кӯдак маҳаки муайянкунандаи доираи амалӣ намудани ҳуқуқи падару модар ва шахсони ивазкунандаи он мебошад, ки барои ба талаботи инсондӯстӣ, адолатнокӣ ва тарбияи дуруст равонагардида ҷавобгӯ будани кӯдак, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои он масъуланд [214, с.22].

Ба андешаи И.И. Нагорная, манфиати кӯдак дар фарқият ба манфиати аъзои дигари оила дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Ин дар вобастагии амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғон аз шахсони қобили амал, афзалияти мавқеи оила, аз он ҷумла

падару модарон ҳангоми амалӣ намудани манфиатҳои қонунии кӯдакон, қобилият надоштан ё ин ки дар ҳаҷми кам аз тарафи худи ноболиғон муайян намудани манфиатҳои худ ва оқибатҳои интихоби худ, тарбия кардан, ҳамчун манфиати афзалиятноки ноболиғ, ба ҳифзи манфиат муҳтоҷ будани ноболиғ ва алоқамандии манфиати кӯдак ба ҳаёти ҷамъиятӣ ифода меёбад [185, с.84-102]. Дар шароити ҳозира масъалаи ҳифзи манфиати кӯдаке, ки дар натиҷаи бордоркунии сунъӣ ба дунё омадааст, метавонад боиси таваҷҷуҳи хоса гардад. Ба ақидаи мо, таъмини ҳуқуқии манфиати чунин кӯдакон ҳамчун аъзои оила дар баробари дигар аъзои он ба роҳ монда шавад. Зеро чи тавре, ки Ф.М. Аминова қайд менамояд «кӯдаке ки дар натиҷаи бордоркунии сунъӣ ба дунё омадааст, бояд ба ҳар сурат аз тамоми ҳуқуқҳое бархӯрдор бошад, ки кӯдакони дар натиҷаи бордоршавии табиӣ ба дунё омадаанд, бархӯрдоранд» [195, с.31] Аз ин ҷо, ба андешаи С.М. Қаландарзода «манфиати кӯдакон, ҳифз ва таҳкими асосҳои иқтисодии оилаҳо, таҳия ва татбиқи чорабиниҳои навъи ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодиро тақозо менамояд» [205, с.4].

Манфиатҳои кӯдакро ҳамчун талаботи субъективона боисшудаи кӯдак дар шароити муносиб муайян карда истода, О.Ю. Ильина манфиатҳои молумулкии кӯдакро махсус зикр менамояд, ки «беҳбудии молиявии оила бевосита бо таъмин намудани манфиатҳои молумулкии кӯдак, ғамхории падару модар дар бораи фароҳам овардани шароити тарбия, таълим ва таъминоти фарзандон вобаста аст» [50, с.183]. Чуноне ки дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2004, №12 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо марбут ба ситонидани алимент барои нигоҳубини кӯдак» [21, с.136] қайд карда шудааст, фаъолияти судҳо, ки ба ҳифзи ҳуқуқи бо қонун кафолатдодашудаи модару кӯдак равона карда шудааст, барои дуруст ва

сари вақт ҳал намудани парвандаҳои марбут ба даъвоҳои ситонидани маблағ барои таъмини фарзандон, иҷро намудани ҳалномаҳо доир ба ин парвандаҳо ва сари вақт андешидани чораҳо нисбат ба шахсе, ки аз пардохти маблағи аз тарафи суд барои таъмини фарзандон муқарраршуда барқасдона саркашӣ мекунанд, аҳаммияти бағоят муҳим дорад. Зеро, манфиати аъзои алоҳида оила, аз ҷумла фарзандон, қисми таркибии манфиати умумиоилавӣ буда, аз манфиати падару модар ҷудо буда наметавонад. Тавре ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ қайд карда мешавад, ин маънои онро дорад, ки падару модар ва фарзандон уҳдадоранд ҳамдигарро, новобаста аз мавҷудияти хешу табори дигар, аз ҷиҳати моддӣ таъмин намоянд [69, с.315].

Дар ин росто, бояд қайд намоем, ки агарчанде дар қонунгузории оилавӣ дар бораи манфиат сухан равад ҳам, вале муқаррароти манфиати қонунан ҳифзшаванда дар қонунгузории оилавӣ то ҳол мавҷуд намебошад. Ю.Г. Долгов манфиати қонунан ҳифзшавандаро дар ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун «иҷозати оддии ҳуқуқӣ баён карда, таъкид менамояд, ки гарчанде «манфиат» ифодаи мустақим ва устуворро дар ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ наёфта бошад ҳам, вале он аз мазмуну муҳтавои қонунгузории оила бармеояд ва дар ҳолатҳои муайян аз ҷониби давлат таҳти ҳимояи ҳуқуқӣ қарор мегирад». Ба ақидаи ӯ таърифи мазкур абстрактӣ ва дақиқан соҳавӣ нест. Зеро дар ҳуқуқи оилавӣ манфиатҳои ягона ва баробари бо қонун ҳифзшуда вуҷуд надорад ва буда наметавонад. Намуде, ки дорои хусусияти ба худ хос мебошад, ин манфиатҳои ҳамсарон, падару модарон ва фарзандон буда, дараҷаи абстрактии онҳо камтар аст, зеро онҳо ба муносибатҳои ҳуқуқии муайян «алоқаманд» мебошанд [201, с.53][8]. Баъзе олимон дар

[8] Муҳаққиқи болозикр хусусияти манфиатҳоро дар ҳуқуқи оилавӣ фақат дар он мебинад, ки онҳо метавонанд мустақим дар Кодекси оила номбаршуда ва ғайримустақим бошанд, баҳисобгирии онҳо аз маънои меъёрҳои ҳуқуқӣ ба миён меояд. Муфассалтар ниг.: Долгов Ю.Г. Охраняемые законом интересы супругов, родителей и несовершеннолетних детей в семейном праве Российской Федерации:

ҳуқуқи оилавӣ манфиатҳои қонуниро вобаста ба субъекти (барандаи) мушаххаси муносибатҳои оилавӣ ҷудо намуда, қайд менамоянд, ки агарчанде оила субъекти (барандаи) манфиати хусусӣ ва давлат субъекти (барандаи) манфиати оммавӣ бошанд ҳам, вале онҳо субъекти ҳуқуқи оилавӣ маҳсуб намеёбанд. Ба ақидаи онҳо, «ба сифати шакли амалигардонии манфиат дар ҳуқуқи оилавӣ, пеш аз ҳама, ҳуқуқи субъективиро ҳамчун воситаи амалигаронии манфиати хусусии субъекти ваколатдор ва уҳдадории ҳуқуқиро ҳамчун тарзи таъмини манфиати субъекти (барандаи) ҳуқуқи субъективӣ баррасӣ менамояд» [227, с.42-43, 49]. Зикр бояд намуд, ки манфиати оилавӣ аз эҳтиёҷоти оила ва аъзои он, инчунин эътирофи ҳуқуқии ин манфиат дар робита бо таъмини ҳифзи он имконпазир мебошад.

Таърифҳои овардашудаи манфиатро наметавон ба андозаи пурра нисбати манфиати оила ҳамчун умумият - манфиати умумиоилавӣ татбиқ кард. Дар ҳамаи онҳо бо таври асоснок субъекти манфиат ёдовар карда мешаванд, зеро дар ҷомеа ҳеҷ гуна манфиат бе субъект вуҷуд дошта наметавонад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои оила ҳамчун умумияти иҷтимоӣ ба таври органикӣ манфиати умумиоилавӣ хос аст. Дар ҷое, ки шуури манфиати умум ба поён мерасад, дар он ҷо робитаи оилавӣ низ аз байн меравад.

Дар таърихи мавҷудияти давлати Шуравӣ қонунгузор дар як қатор ҳолатҳо ҳамхонагии воқеиро ба ҳайси оила эътироф менамуд. Чунончи, қоида ва талаботе, ки ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсаронро муайян мекард, дар Кодекси оилаи соли 1926 ҶШСФР нисбат ба шахсоне, ки дар муносибатҳои воқеии (аслии) оилавӣ қарор доштанд, ҳангоми дар суд исбот шудан дахл доштанд [18]. Зарурати ҳифзи манфиати оила ҳангоми мавҷуд будани умумияти воқеии оилавӣ, ҳамчунин бо муқаррар кардани

дис... канд. юрид. наук. – М., 2004. – С.53.

падарӣ ҳангоми таваллуди кӯдаки берун аз никоҳ бар асоси м. 48 Кодекс дар бораи никоҳ ва оилаи ҶШСФР, агар дар давраи ҳомиладор шудан модари кӯдак ва ҷавобгар (падари кӯдак) зиндагии муштарак мекарданд ва ё ҷавобгар худро падар эътироф мекард, муқаррар шуда буд. Нисбати кӯдаконе, ки то давраи 1 октябри соли 1968 аз шахсоне таваллуд шудаанд, ки дар акди никоҳ қарор надоштанд, ба суд ҳуқуқи муқаррар кардани воқеияти (факти) эътирофи падариро дар ҳолати фавти шахсе, ки худро падари кӯдак эътироф кардааст, агар кӯдак дар таъминоти ӯ буд, дода шуда буд. Дар шароити ҳозира бошад, муқаррар кардани уҳдадориҳои алиментӣ дар миёни тарбиядиҳанда ва тарбиягирандаи воқеӣ, ҳамчунин бо ҳифзи манфиатҳои устувори оилавии умумияти воқеӣ боис шудааст. Аз тарафи дигар, ҳангоми ба таври сохта баста шудани акди никоҳ, манфиати оилавӣ, ки оила амалан бо пайдоиши он барпо карда мешавад, мавҷуд буда наметавонад, - суд наметавонад никоҳро сохта эътироф намояд (б. 3 м. 29 КО ҶТ).

Ба андешаи мо, қонунгузорӣ афзалияти бештарро ба оилае додааст, ки он ба никоҳ асос ёфта, набояд аз ҳимоя намудани хонаводаҳои ғайриникоҳӣ (иттифоқҳои ғайриникоҳӣ), ки барои онҳо мавҷудияти манфиати устувори оилавӣ ҳангоми робитаҳои дарозмуддати оилавӣ хос аст, даст кашад. Тарусина Н.Н. никоҳи воқеиро ҳамчун «иттифоқи марду зан, ки бо ҳамзистии устувор, дарозмуддат, пешбурди хоҷагии умумӣ, ташкили истироҳат ва ҳангоми доштани кӯдакон – ғамхории падару модарон барои онҳо муайян намуда, чизи асосиро, ки аз заношӯии воқеӣ бармеоянд, пайдо кардани шахсонро дар муносибатҳое, ки барои ҳамсарон хос аст, қайд менамояд» [103, с.62]. Дар ин ҷо назари мо он аст, ки зарурати танзими манфиатҳои молумулкии шахсони дар як оилаи ягона бидуни сабти бастани никоҳ зиндагикунанда ногузир мегардад.

Зикр намудан зарур аст, ки манфиати оила – гарави арзи ҳастӣ ва фаъолияти ҳаётии оила маҳсуб меёбад. Дар маҷмуъ, манфиати умумиоилавӣ ҳамчун некӯаҳволии тамоми оила ва некӯаҳволии ҳар яке дар умум мебошад. Бояд қайд намоем, ки падару модар ҳангоми амалӣ намудани манфиати оилавӣ бояд манфиатҳои худ, манфиатҳои ҳамаи фарзандонро дар оила ва манфиатҳои аъзои дигари оиларо ба инобат гиранд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки ҳифзи манфиати фарзандон ва падару модарон ё яке аз онҳо, дар маҷмуъ манфиати умумиоилавӣ яке аз вазифаҳои муҳимми давлат, ҷомеа ва мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад. Ҷоизи зикр аст, ки м.33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии зану шавҳарро ҳангоми бекор кардани акди никоҳ пешбинӣ намудааст. Аммо Кодекси оила оид ба ҳуқуқи шавҳар барои бекор кардани никоҳ маҳдудият пешбинӣ кардааст. Дар асоси қ.1 м.17 Кодекси оила шавҳар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан оид ба бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд.

Оид ба дурустӣ ва адолатнокии ин меъёри ҳуқуқӣ, ки баҳри ҳифзи манфиати оила равона шудааст, чунин мисол аз амалияи судӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи дархости судяи суди ноҳияи Шоҳмансур Шодиев Ш. оид ба муайян намудани мутобиқати муқаррароти м.17 Кодекси оила ба моддаи 17 Конститутсияи ҶТ, ки тибқи он «Мардон ва занон баробарҳуқуқанд» ва моддаи 33 ин Қонуни асосии кишвар ки тибқи он «Дар оиладорӣ ва бекор кардани акди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд», ки ба андешаи дархосткунанда ин меъёрҳо мухолифат дошта, он

баробарҳуқуқии конститутсионии марду занро маҳдуд месозад, мурофиаи Суди конститутсионӣ баргузор шудааст.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори худ аз 1 июли соли 2009 доир ба ин парванда қайд менамояд, ки «сиёсати давлатии ҶТ оид ба оила аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, арзишҳои миллӣ, нақш ва мақоми зан дар ҷомеаи Тоҷикистон ва принсипи ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан асос ёфта, он ба таҳкими бунёди муносибатҳои оилавӣ дар заминаи муҳаббату эҳтироми якдигар, афзалияти тарбияи кӯдакон ва таъмини бештари ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғи оила равона карда шудааст».

Чунончи, қисми 1 моддаи 16 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 эълон медорад, «мардон ва занон... дар мавриди ақди никоҳ, дар давраи дар никоҳи якдигар қарор доштан ва ҳангоми бекор кардани он баробарҳуқуқанд. Дар санади мазкур рукни табиӣ ва асосии ҷамъият будани оила махсус нишон дода шуда, қайд карда мешавад, ки «модарону кӯдакон ба васоят ва кумаки махсус ҳақ доранд.»

Ҳамзамон м. 33 Конститутсияи ҶТ, ки тибқи он «давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад», ба ҳифзи оила, модар ва кӯдак нигаронида шуда, фазои ҳуқуқиеро фароҳам овардааст, ки механизми иҷрои он дар Кодекси оила ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст.

Аз тарафи дигар, муҳимтарин ва арзишмандтарин самти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳама соҳаҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва ғайра хусусиятҳои ҷисмонию биологии зан ва мавқеи ҷамъиятии ӯ ҳамчун офаранда ва давомдиҳандаи насли инсоният ба эътибор гирифта шуда, он дар ягон ҳолат ба принсипи баробарҳуқуқии марду зан мухолиф гузошта нашудааст, яъне баробарҳуқуқии мардону

занон танҳо дар ҳолати ба эътибор гирифтани хусусиятҳо ва мавқеи ҷамъиятии дар боло зикршудаи зан пурра эътироф карда мешавад.

Ҳамин тавр, Суди конститутсионӣ чунин мешуморад, ки «моддаи 17 Кодекси оила, бо дарназардошти афзалияти тарбияи кӯдакон, иштироки якҷояи падару модар дар раванди нигоҳубини онҳо, дастгирии моддию равонии модар дар давраи ҳомиладорӣ ва баъди он, ғамхорӣ нисбат ба модару кӯдак, рушду камол ва таъмини бештари ҳуқуқу манфиатҳои онҳо қабул гардида, ба қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсия мухолифат надорад ва баробарҳуқуқии конститутсионии марду занро поймол намекунад» [229].

Дар баробари ин, гуфтан бамаврид аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи оила ва халалдор нанамудани ҳуқуқ ва озодиҳои дигар ҳамсар, бисёрникоҳиро манъ кардааст. Зеро якканикоҳии ҳамсар яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ эътироф шуда, тибқи м.14 Кодекси оила дар дигар никоҳ қарор доштани шахс яке аз ҳолатҳои монеашавандаи бастани ақди никоҳ ба ҳисоб меравад. Дар асоси талаботи модаи 170 Кодекси ҷиноятӣ бошад, бисёрникоҳӣ (дузанагӣ ё серзанагӣ, яъне бо ду ё якчанд зан зиндагӣ кардан бо пешбурди хоҷагии умумӣ), ҳамчун кирдори содиршудаи гунаҳкоронаи барои ҷомеа хавфнок ном бурда шудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки дар ҳуқуқи оилавӣ хусусияти манфиатҳо инҳоянд:

- аввалан, аз мавҷудияти манфиатҳои умумии оилавӣ, ки аз ҳуқуқҳои субъективӣ вобаста нестанд, дар қатори манфиатҳои аъзои оила (собиқ аъзои оила);

- сониян, аз ташаккули манфиатҳои оила ва манфиатҳои шахсии аъзои алоҳидаи оила бо дарназардошти хусусиятҳои муносибатҳои оилавӣ.

Ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун илм бояд баробарии самараноки миёни манфиатҳои шахсӣ, оила ва ҷомеаро муайян намояд [143, с.92]. Асосҳои хусусӣ ҳангоми танзими муносибатҳои молумулкии ҳамсарон ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ заруранд, аммо ҳамсарон - асоси оила, оила бошад – қисми ҷудонопазир ва таркибии ҷомеи муосир маҳсуб меёбанд.  Танзими муносибатҳои молумулкии ҳамсарон ва муносибатҳои ҳуқуқии масъули марбут бо онҳо бояд аз нигоҳи манфиатҳои молумулкии оила амалӣ карда шавад, зеро барои аз ҷониби оила амалӣ намудани вазифаҳои он молу мулк зарур аст. Ҳамзамон, бояд он манфиати молумулкии яке аз ҳамсарон таҳти ҳимоя қарор дода шавад, ки ба манфиатҳои субъектҳои дигар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ва давлат мухолифат накунанд. Чунин ҳолат ба муқаррарот ва талаботи қонунгузории оила ва принсипҳои танзими муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ мутобиқат менамояд, ба шарте, ки агар қонеъ гардонидани он боиси вайронкунии ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсари дуюм нагардад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда дар доираи боби мазкур мо ба хулосаҳои зер омадем:

1. Дар шароити нави рушди муносибатҳои оилавӣ, бахусус пеш омадани зарурати таъмини самараноки  Қонуни  Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи  ҷашну маросимҳо”,  аз расман муайян намудани мафҳумхои “оила” ва “ҳайати мушаххаси аъзои он” татбиқи меъёрҳои қонунгузории соҳавии ба ин  масъала дахлдошта вобастагӣ дорад. Таҳлили Кодекси оилаи ҶТ нишон медиҳад, ки ба “ҳайати аъзои оила” на танҳо “хешовандони наздик (м.226 КМ ҶТ) – падару модар, ҳамсар, фарзандон, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва наберахо” (м.м.2, 95-98 КО ҶТ), балки «шахсони наздик» (фарзандхондашудагон ва кӯдакони зери васигию парасторӣ қарордошта (боби 19-20 КО ҶТ) дохил мешаванд. Аз ин ҷост, ки дақиқ сохтан ва равшанӣ андохтан ба мафҳуми “оила” ва бо таври

мушаххас муайян намудани “ҳайати аъзои он” дар қонунгузории оилавӣ мувофиқи мақсад ва тақозои замон мебошад. Аз инҷо додани мафҳуми расмии “оила”-ро дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир ҳисобида, бо дарназардошти таҳлили ақидаҳои дар илми ҳуқуқи оилавӣ мавҷудбуда, инчунин қонунгузорӣ таърифи зерини расмии оиларо дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон додан мумкин аст:

«Оила - ин иттифоқи озод, ихтиёрона ва баробарҳуқуқи зану шавҳари ба никоҳ, хешовандӣ, таваллуди фарзандон, фарзандхондӣ ва дигар шаклҳои барои тарбия қабулгаштаи кӯдакон асосёфтае мебошад, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, зиндагии якҷоя ва хоҷагии умумӣ ба ҳам алоқамандand».

2. Қайд карда мешавад, ки тибқи Кодекси манзили ҶТ ба аъзои оилаи молик на танҳо шахсони бо он доимо зиндагикунанда, балки дар ҳолатҳои истисноӣ бо розигии ӯ шахсони дигар (ҳамсари собиқ, фарзандхонд) низ, ки бо ӯ доимо зиндагӣ менамоянд, эътироф карда мешаванд (м.24). Вале, дар кадом ҳолатҳо онҳоро ҳамчун «аъзои собиқи оила» ҳангоми гум кардани ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ ба манзили истиқоматии ба вай тааллуқдошта, ки ба сифати аъзои оила маскун кардааст, қонунгузор муайян накардааст. Кодекси мазкур муқаррар кардааст, ки чунин ҳолатҳоро бояд суд муайян намояд. Аз ин ҷо пешниҳод карда мешавад, ки дар мавриди қатъи робитаҳои оилавӣ, шахс ҳамчун аъзои оилаи молик боқӣ мемонад ё аъзои собиқи оила ҳисобида мешавад, бояд дар асоси меъёрҳои Кодекси оилаи ҶТ муқаррар карда шавад.

3. Манфиат дар ҳуқуқи оилавӣ вобаста ба субъектҳои он ба манфиати умумиоилавӣ ва манфиатҳои шахсии аъзои алоҳидаи оила ҷудо мешавад. Умумияти оилавӣ - на субъекти ҳуқуқ, балки субъекти манфиат аст.

Манфиати ягонаи умумиоилавӣ ҳамаи муносибатҳои робитаи

ҳуқуқӣ ва ҳамхонагии воқеиро мегузарад, вай аз ҷиҳати органикӣ ба оила ҳамчун умумияти иҷтимоӣ хос аст. Манфиати оилавӣ субъективӣ аст, аммо вай аз талаботи оила ва эътирофи ҳуқуқии аз рӯи қонунгузории Тоҷикистон муттаҳид кардани якчанд шахс дар як оила бояд боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ барои онҳо гардад, аммо он танҳо барои субъектҳои мустақил чунин ҳуқуқро фароҳам меоварад. Оила дар маҷмуъ, дорои ҳуқуқи субъективӣ намебошад. Оила ҳамчун тараф дар муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ, меҳнатӣ, замин, манзил ва дигар муносибатҳои ҳуқуқие, ки ба манфиатҳои он дахл доранд, эътироф карда намешавад, наметавонад дар суд ба ҳайси даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд ва аз рӯйи уҳдадориҳояш ҷавобгарии мушаххас дошта бошад. Қонунгузории оила ҳамчунин оиларо ба сифати субъекти ҳуқуқ баррасӣ намекунад. Аз ин ҷо, фароҳам овардани фазои иқтисодию иҷтимоӣ, ки барои фаъолияти ҳаётии оила зарур аст, бо роҳи ба худи оила додани сифатҳои субъекти ҳуқуқ барои иштироки бевосита дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ғайриимкон аст. Аммо оила – ташкилоти иҷтимоиест, ки манфиатҳои хусусӣ ва мустақилонаро дар худ таҷассум менамояд. Онҳо метавонанд ҳам ғайримолумулкӣ ва ҳам молумулкӣ бошанд.

Чи тавре ки мушоҳида мешавад, дар ин ҷо зарурат ба консепсияи ҳуқуқие пеш меояд, ки имконияти таъмини ҳифзи зарурии оиларо ба сифати субъекти манфиат диҳад. Маҳз чунин равиш ба таври воқеӣ имконият медиҳад, ки мухолифатҳои ҷойдошта бартараф карда шуда, мухолифати имконпазир ҳангоми ҳаллу фасли масоилҳои оила тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ пешгирӣ карда шуда, камбудиҳо дар таъмини ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ бартараф гарданд.

4. Манфиати оилавӣ метавонад бо манфиатҳои баъзе аз аъзои оила мувофиқат кунад ва бо манфиатҳои дигаронаш мутобиқат накунад. Дар чунин ҳолат қонунгузор бояд манфиати умумиоилавиро афзалиятнок

эътироф намуда, дар амал татбиқи онҳоро таъмин намояд. Ҳангоми ихтилофи манфиатҳо, афзалият ба манфиати умумиоилавӣ дода шуда, ҳамзамон ҳангоми ошкор кардани ихтилофот байни манфиатҳои ҳамсарон, афзалият ба ҳамон ҳамсаре бояд дода шавад, ки ба манфиати аъзои оила амал мекунад.

# БОБИ 2. ТАЪСИРИ МАНФИАТИ ОИЛАВӢ БА ТАШАККУЛЁБИИ РЕҶАИ ҲУҚУҚИИ МОЛУ МУЛКИ ҲАМСАРОН

## 2.1. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон

Ҳангоми танзими ҳуқуқии молу мулки аъзои оила, пеш аз ҳама, мо бояд ба реҷаи ҳуқуқии он баҳо диҳем. Зеро реҷаи ҳуқуқии молу мулки аъзои оила дар доираи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда амалӣ гашта, он аз маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии гуногун иборат мебошад. Ин маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии гуногун дар якҷоягӣ реҷаи меъёрии ҳуқуқии молу мулки аъзои оиларо ифода намуда, таъсири худро ба муносибатҳое паҳн менамояд, ки ба сифати объекти онҳо молу мулки аъзои оила баромад менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки мафҳуми "молу мулк" на дар қонунгузории маданӣ ва на қонунгузории оилавӣ дода нашудааст. Танҳо дар қисми 2 м.136 КМ ҶТ ба молу мулк ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ ашё, аз ҷумла пули нақд (асъори хориҷӣ), коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ, натиҷаи кор ва хизматрасонӣ, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ (моликияти зеҳнӣ), воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки бе ҳуҷҷат дохил мешаванд. Тавре ки аз мазмуни қисми мазкур маълум мегардад, мафҳуми "молу мулк" гуногунмаъно мебошад. Вай на танҳо маҷмуи объектҳои моддиро дар бар мегирад, балки ҳуқуқҳои молумулкӣ ва уҳдадориҳои субъектҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла оилавиро дар бар мегирад. Аз ҷумла, уҳдадориҳои қарзӣ оид ба додани маблағ ва ҳуқуқи талаб намудани онро фаро мегирад. Зимнан, тибқи моддаи мазкур "молу мулк" ва "ҳуқуқҳои молумулкӣ" ҳаммаъно дониста мешаванд. Ин молу мулк дар муносибатҳои байни ҳамсарон ба ҳайси воситаҳои амалигардонии манфиати ҳамсарон хизмат менамоянд.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавре ки қайд кардем, дар бораи мафҳуми "молу мулк" сухан нарафта, балки сухан дар бораи моликияти муштараки (якҷояи) зану шавҳаре меравад, ки дар давраи

зиндагии якҷоя ҷамъ кадаанд. Ба онҳо даромаде, ки зану шавҳар дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва зеҳнӣ ба даст овардаанд, ашёҳои харидаашон, коғазҳои қиматнок, саҳмия, пай ва ғайра дохил мешаванд, ки оид ба онҳо дар зербобҳои минбаъда ибрози ақида менамоем.

Дар шароити ҳозира масъалаи объектҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқи оилавӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои хусусӣ дар фазои маҷозӣ хело мубрам мебошад. Ҳоло ба ҳайси ин объектҳо метавонанд, ҳуқуқи рақамӣ, пули рақамӣ (пули электронӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла сервер (домен, IP-суроға ва интернет сайт) [75, с.92, 96-97] ва ғайра ҳамчун объекти молу мулки якҷояи ҳамсарон бошанд. Ба ақидаи мо, ба таври мушаххас нишон додани онҳо дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бисёр масъалаҳои номуайяни тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон, аз ҷумла истифодаи онҳоро дар доираи оила ва аъзои он ба танзим дарорад. Аз ин ҷо реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон чунин тартиби танзимнамоие мебошад, ки имконияти истифодаи молу мулкро дар доираи аъзои оила ва дигар иштироккунандагони муносибатҳои оилавӣ таъмин менамояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба фаҳмиши реҷаи ҳуқуқӣ фикру ақидаи ягона мавҷуд намебошад. Ба ақидаи баъзе олимон «реҷаи ҳуқуқӣ ҳамчун тартиби махсуси танзими қонунгузории фаъолият, амал ё рафтори шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ ё ин ки таъсир расонидан ба объекти муайянеро, ки дар худ механизми муқарраркунии таъмини амали воқеии низоми иҷозатдиҳӣ, ҳавасмандкуниҳо, меъёрҳо, кафолатҳо, манъкуниҳо, маҳдудиятҳо, уҳдадоркуниҳо, инчунин бо масъулиятона иҷро кардани онҳо ва татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкоронро дар бар мегирад» [226, с.8]. Ба ҳамин монанд мафҳуми реҷаи ҳуқуқиро дар асарҳои дигар олимон низ мушоҳида кардан мумкин аст [128, с.55-56]. Ба

ақидаи С.С. Алексеев «реҷаи ҳуқуқӣ тартиби танзимнамоие мебошад, ки дар маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ ифода ёфта, баҳамтаъсирасонии махсуси байнихудии иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ, инчунин уҳдадоркунии мусбатро таъмин намуда, барпокунанда ё соҳаи махсуси танзимнамоӣ мебошад» [27, с.372-373]. Аслан реҷаи ҳуқуқӣ ба арзишҳои ҳуқуқӣ такя менамояд. Арзишҳои ҳуқуқӣ дар шаклҳои моддӣ ва маънавӣ зуҳур менамоянд [113, с.286]. Арзишҳои моддии ҳуқуқӣ ин неъматҳои моддии ҳуқуқист, ки дар ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ дар фазои ҳуқуқӣ офарида мешаванд [80, с.71].

Категорияи реҷаи ҳуқуқӣ, мисли ҳама гуна категорияҳои ҳуқуқӣ дорои аломатҳои ба худ хос мебошад. Ба аломатҳои реҷаи ҳуқуқӣ инҳо дохил мешаванд:

1) дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудан ва таъмини давлатии онҳо;

2) бо мақсади тариқи махсус ба танзим даровардани соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар доираи вақт ва фазо ҷудо кардани ин ё он субъект ва объекти ҳуқуқ;

3) дар худ ифода намудани тартиби махсуси танзими ҳуқуқии иборат аз воситаҳои ҳуқуқӣ ва ба ҳам мутобиқатии онҳо;

4) эҷоди дараҷаи мушаххаси мусоид ё ин ки номусоид барои қонеъгардонии манфиатҳои субъектҳои алоҳидаи ҳуқуқ [153, с.16-29].

Агар мо ба мафҳумҳои овардаи реҷаи ҳуқуқӣ назар афканем, муайян мегардад, ки муҳаққиқон нисбат ба он ду унсури асосиро ҷудо намудаанд:

1) маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие, ки меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ ва уҳдадориҳоро дар бар мегиранд;

2) барои танзими ягон самти фаъолияти махсус равона гардидаанд [76, с.74].

Бо дарназардошти тасдиқоти боло, реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон ҳамчун маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки

меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ ва уҳдадориҳои мусбатро дар бар гирифта, имконияти истифодаи молу мулкро тибқи қонун ва ё шартнома вобаста ба манфиати умумиоилавӣ ва (ё) манфиати алоҳидаи ҳар яке аз ҳамсарон ба танзим медарорад.

Зикр намудан зарур аст, ки масоили реҷаи ҳуқуқӣ, агарчанде дар баъзе соҳаҳои ҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳ гардида бошад ҳам, вале дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, то ҳол ба ин масъала диққати махсус дода нашудааст. Ҳол он ки, дар шароити ҳозира масъалаи мазкур таваҷҷуҳи заруриро талаб менамояд. Реҷаи ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи оилавӣ ба монанди ҳамаи соҳаҳои дигар барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ин ё он объекти ҳуқуқи оилавӣ равона карда шудааст. Реҷаи ҳуқуқии оилавӣ оид ба танзими ҳуқуқии манфиатҳои оилавии моликияти аъзои оила муносибати низомнокиро талаб намуда, маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқиеро фаро мегирад, ки дар асоси онҳо объекти мушаххасро соҳибӣ кардан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардан мумкин аст. Ба ҳайси ин воситаҳои ҳуқуқӣ на танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дигар воситаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла шартнома баромад менамояд, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқи соҳибӣ кардан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани объектҳои ҳуқуқи оилавӣ мусоидат менамоянд. Ба ҳамин минвол, Кодекси оилаи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои молу мулки ҳамсарон ду реҷаи ҳуқуқӣ-қонунӣ ва шартномавиро бо додани ҳуқуқи интихоб ба онҳо пешбинӣ менамояд [111]. Аз ин ҷо, танзими ҳуқуқии соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулк дар оила ва ба манфиати оила дар асоси воситаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла шартнома анҷом дода мешавад. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2 аз 24 июни соли 2004 бо тағйирот аз 9 марти соли 2009, №2 «Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани баҳсҳо оид ба ҳуқуқи моликият ба хонаи истиқоматӣ пайдо мегарданд» диққати судҳоро ба ин масъала ҷалб намуд. Дар банди

8 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки «суд метавонад бо дарназардошти ҳолатҳои мушаххас даъворо оиди ба аъзои оила эътироф кардани ҳуқуқи моликияти умумӣ ба хонае, ки бо роҳи шартномаи хариду фурӯш дар якҷоягӣ ба даст оварда шудааст, қонеъ гардонад, агар муқаррар карда шавад, ки байни ин шахсон ва аъзои оилае, ки дар шартнома ба сифати харидор нишон дода шудааст, дар бораи якҷоя харидани хона аҳду паймон шуда бошад ва бо ҳамин мақсад аъзои оила барои харидани хона маблағҳои худро гузошта бошанд» [21].

Қайд кардан бамаврид аст, ки талаботи оила ҳамеша ба воситаи молу мулк қонеъ гардонида мешавад. Аз ин ҷо, зарурияти ба даст овардани ин молу мулк ба вуҷуд меояд. Сардори оила, махсусан шавҳар чунин воситаҳоро барои оила ба даст оварда, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва идоракунии молу мулки оилавиро амалӣ мекунад. Ин молу мулк моликияти умумии аъзои оила буда, ҳар яке аз аъзои оила дорои ҳуқуқ ба ин моликият мебошад [40, с.218]. Ҳамчун субъекти муносибатҳои оилавӣ ҳар як аъзои оила ҳуқуқ ба истифодаи воқеии чунин молу мулк ва қонеъгардонии талаботи худро ба он дорад.

Вобаста ба манфиати молумулкӣ, вақте ки сухан дар бораи оила меравад, ҳамеша манфиати шахсон дар назар дошта мешавад. Зеро ин манфиатҳо ҳамеша дар иртиботи ҳатмӣ бо оила, муносибатҳои оилавӣ ва бо ташаккули онҳо қарор доранд. Аз ин ҷо, хулоса баровардан мумкин аст, ки худи манфиати молумулкӣ дар ин ҳолатҳо маҳсули фаъолияти якҷояи оила мебошад.

Ягонагии манфиатҳои аъзои оила ва манфиати умумии онҳо ба мавҷудияти оила ҳамчун ҷамоа робитаҳои махсуси молумулкии оилавиро ташкил медиҳад. Дар навбати аввал манфиатҳои мазкур дар байни ҳамсарон ба вуҷуд омада, онҳо молу мулки тоникоҳиро барои эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи оила «мувофиқи ақди никоҳ» истифода менамоянд.

Бо баробари ташкил кардани оила онҳо молу мулки бадастовардаро на дар шакли алоҳида, балки тариқи умумиоилавӣ ва бемаҳдудкунӣ, истифода мебаранд ва ихтиёрдорӣ мекунанд. То он лаҳзае, ки оилаи комил (пурра) мавҷудият дорад, манфиати молумулкии оилавӣ ҳангоми истифодаи воқеии молу мулк барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти оила, нобаста аз таркиби субъективии моликони молу мулк амалӣ карда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки санадҳои танзимкунандаи ҳуқуқҳои оилаи исломӣ шавҳарро вобаста ба ҳолати моддии ӯ уҳдадор менамуд, ки ҳамсарашро нигоҳубин намояд ва падару модарон ҳам уҳдадор буданд, ки фарзандонашонро нигоҳубин карда, молу мулки мавҷударо барои эҳтиёҷоти оила сарф намоянд (ояти 34, сураи Нисо) [184, с.85].

Гузашта аз ин, зикр кардан бамаврид аст, ки то ба даст овардани соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба ташаккул ва инкишофи манфиатҳои оилавӣ се оилаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла то исломӣ (зардуштӣ), исломӣ ва шуравӣ таъсири мухталиф расонидаанд. Вобаста ба инкишоф ёфтану аз як оилаи ҳуқуқӣ гузаштан ба оилаи ҳуқуқии дигар, реҷаи ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон дар робита ба он, ки манфиати оилавӣ чи гуна ва ба воситаи кадом аъзои оила амалӣ карда мешуд, аз ҳамдигар фарқ менамуданд. Чи тавре, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ қайд карда мешавад дар таърихи тоисломӣ мардуми тоҷику форс дорои оилаҳои падаршоҳӣ буда, дар онҳо бештар бисёрзанӣ ва канизакӣ, никоҳи хешовандони наздик дида мешуд. Оила аз тарафи сардори оила идора карда мешуд. Мардон нисбат ба занон ва кудакон дорои имтиёзҳои зиёд буданд. Дар асоси санадҳои ҳуқуқии ҳамонвақта, бахусус Қонунномаи Сосониён (м.1,2-4) насли оила вобаста ба тааллуқияти ӯ ба падар муайян карда мешуд. Ин гувоҳи он аст, ки дар он давра дар оила ҳукумронии падаршоҳӣ вуҷуд дошт. Идораи молу мулк аз тарафи падар ва ба манфиати оила анҷом дода мешуд [174, с.148-149].

Ҳамин тавр, дар оила молу мулк бо ҳуқуқи моликиятии падар тааллуқ дошт. Аз ин рӯ, барои ба манфиати аъзои оила истифода бурдан маҳдудиятҳо дар ихтиёрдорӣ кардани он аз ҷониби дигарон вуҷуд дошт[9]. Ҳамин тавр, ҳамаи молу мулки оила воқеан ҳамчун доroии умумиоилавӣ истифода мешуд [198, с.67-68].

Дар дигар табақаҳои инфиродӣ дар сохтори молумулкии оила марбут ба алоҳидагии молу мулки чӣ ҳамсарон ва чӣ падару модарон ва фарзандон мавҷуд буд. Ҳар яке аз ҳамсарон  ба моликияти алоҳида доро буд ва метавонист онро аз нав ба даст оварад, мустақилона онро идора ва ихтиёрдорӣ кунад. Ҳамсарон аз ҳар ду тараф моликияти ба худ тааллуқдоштаро тибқи асосҳои умумии қонунгузорӣ мустаҳкам менамуданд [167, с.163-167].

Оила масъалаҳои моликиятиро бо таври оддӣ ҳал менамуд. Новобаста аз таркиби субъективии муносибатҳо, моликияти дар оила мавҷудбуда, дарвоқеъ ҳам молу мулк барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти умумиоилавӣ истифода мешуданд. Ин «умумияти дар ҳудуди ҳаёти хона зарур» ҳифз карда мешуд. То он вақте ки миёни ҳамсарон нофаҳмӣ ба миён наомадааст, мавҷудияти он мумкин ва воқеан байни шахсони дар никоҳбуда дар ҳолати зиндагии муштарак муқаррар мешуданд. Умумияти воқеӣ, принсипи ҷудоияти молу мулкро халалдор намекард. Зеро манфиати ҳуқуқи эътирофи ҷудо будани молу мулкро ба молу мулки ғайриманқул, сармоя, ки муттаҳид намешуд ва мустақилияти моддии ҳар як ҳамсарро таъмин мекард, таалуқдошта медонист.

Реҷаи ҳуқуқии маҳри зан аз рӯйи шартнома муқаррар карда мешуд. Вай ҳамчун моликияти алоҳидаи ӯ ҳисобида мешуд. Вале соҳибӣ ва истифодаи маҳр аз ҷониби ҳамсарон амалӣ карда мешуд. Ҳамзамон, бе розигии шавҳар зан наметавонист ҳуқуқи шавҳарро барои истифодаи

[9] Чунончи, ҳангоми дар қайди ҳаёт будани падар аъзои оила ҳуқуқ ба манзили падарӣ ва нигоҳубин доштанд. Аҳдҳое, ки аъзои оила мебастанд, аз номи оила басташуда ҳисобида мешуданд. Дар ҳолати вафоти падар хоҷагии умумиоилавӣ ягона боқӣ мемонд.

умумии маҳр маҳдуд намояд. Дар як вақт шавҳар наметавонист бе розигии зан молу мулки ғайриманқули худро, ки маҳри занро таъмин мекард, бегона кунад ва ба ивази қарз диҳад. Даромадҳо аз истифодаи маҳр бояд барои эҳтиёҷоти оила ва пӯшонидани хароҷотҳо, ки ҳангоми ҳаёти якҷояи ҳамсарон бавуҷуд меоянд, равона мешуданд [68, с.13-16].

Баъди Инқилоби октябрии соли 1917 дар қонунгузории Шуравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон моликияти умумиоилавӣ дар алоҳидагӣ ҷудо карда намешуд. Вале ҳамзистии якҷояи аъзои оила боиси истифодаи якҷояи молу мулк мегардид. Зимнан, умумияти воқеани соҳибӣ ва истифодаи молу мулк аз ҷониби аъзои оила реҷаи моликияти оилавиро ташкил надод. Тибқи тааллуқияти ҳуқуқӣ, молу мулкро оила метавонист ҳам бо таври умумӣ ва ҳам алоҳида истифода намояд. Дар ҳолати баҳс оид ба амалисозии ҳуқуқи моликияти ҳамсарон дар муносибат бо молу мулки алоҳидаи он, ки аъзои оила онро истифодабарӣ намуданд, агар судҳо эътироф кунанд, ки ҳамсар ҳуқуқи мустақилона ихтиёрдорӣ карданро дошт [186, с. 81]. Ҳамин тавр, бинои истиқоматӣ, ҳатто агар он моликияти алоҳидаи аъзои оила бошад, воқеан молу мулки оилавӣ ҳисобида мешуд. Зеро, бегона намудани хона аз ҷониби ҳамсар (молик) манфиатҳои умумии манзилии оиларо, ки кафолати ҳуқуқии зарурӣ буд, вайрон мекунад.

Бо қабули Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РСС Тоҷикистон аз 19 июни соли 1969 ва аз 1 январи соли 1970 мавриди амал қарор додани он моликияти умумии ҳамсарон ба моликияти умумии якҷояи зану шавҳар (м.20) ва моликияти шахсии ҳар кадоми зану шавҳар (м.22) [7] ҷудо карда шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки оила дорои манзили истиқоматии муҳити умумӣ буда, якҷо ё тавассути намояндаи худ, яъне шавҳар воситаҳои барои зиндагӣ зарурӣ, ба монанди молу мулки манқул ва ғайриманқулро ба даст меовард. Муносибатҳои байни аъзои оила дар

дохили он бештар ба боварӣ ва эҳтироми якдигар асос меёбад. Муносибатҳои оилавӣ дар байни аъзои оила бо афзалияти умумиоилавӣ, вобастагии манфиатҳои моддии онҳо равона шуда, вазъи ҳуқуқии аъзои оиларо муайян менамояд. Ҳолати ҳуқуқии аъзои оила аз танзими робитаҳои молумулкии оилавӣ вобастагӣ дорад. Аз ин ҷо моҳиятан умумияти воқеии молумулкии аъзои оиларо дар ин ҳолат наметавон баэътибор нагирифт. Барои ҳамин муайян кардани молу мулке, ки дар ихтиёри оила ва дар истифодаи воқеии он қарор дорад, муҳим мебошад. Зеро, аъзои оила ба молу мулк ҳуқуқ дорад ва бинобар он чи тавр муқаррар кардани умумигардонии ин ҳуқуқ барои таъмини оила бо манзил, воситаҳои зиндагӣ, таълими фарзандон, нигоҳубини аъзои ноболиғ ва ғайриқобили меҳнати оила таъсир мерасонад.

Дар асоси қонунгузории амалкунанда аъзои оилаи молик дорои ҳуқуқи истифодаи бинои истиқоматии ба он тааллуқдоштаро дорад. Ин бештар аз умумияти воқеии молу мулк вобаста мебошад. Асоси бавуҷудоии ҳуқуқ дар ин маврид ба доираи аъзои оила тааллуқ доштани моликият мебошад (м.24 Кодекси манзили ҶТ) [6]. Дар ҳолати қатъи муносибатҳои оилавӣ бо молики бинои истиқоматӣ, чунин ҳуқуқ қатъ мегардад, агар бо созиши байни молик ва аъзои собиқи оилаи ӯ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

Фарзандони ноболиғ ҳуқуқ доранд, ки дар оила зиндагӣ кунанд ва тарбия шаванд (м.55 КО ҶТ, м. 21 КМ ҶТ). Ҳуқуқҳои онҳо барои истиқомат дар хонаи падару модар (соҳибмулк) зери ҳимоя қарор доранд. Ҳатто ҳангоми фурӯши бинои истиқоматӣ аз ҷониби соҳибмулк, агар шарти амалигардонии ваколати ихтиёрдории соҳибмулк тағйир дода шуда бошад. Бегонакунии бинои истиқоматӣ бо розигии мақомоти васоят ва парасторӣ танҳо дар он ҳолатҳое роҳ дода мешавад, ки дар он аъзои оилаи зери васоят ё парасторӣ қарордошта зиндагӣ кунанд, ё ин ки аъзои ноболиғ бе парастории падару модар монда бошанд. Ин

ҳамзамон дар он ҳолате имкон дорад, ки масъалаи мазкур ба ҳуқуқ ё манфиатҳои ҳифзшавандаи қонунии шахсони мазкур дахл намояд. Дар ҳама ҳолатҳо имконияти фурӯши хона ё ҳисса дар хонаи ба кӯдак тааллуқдошта аз ҷониби хешовандони падару модари ӯ, яъне имконияти ҳалли масъалаҳои манзил дар дохили оила, ҳатто агар ин ба манфиатҳои кӯдак мухолифат кунад, истисно мебошад [149, с.61]. Молумулки дигарро фарзандон ва падару модароне, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд, метавонанд бо розигии ҳамдигар соҳибӣ ва истифода баранд. Зеро, дар ин ҷо сухан на дар бораи ҳуқуқ, балки дар бораи умумияти воқеии молу мулк меравад (м.60 КО ҶТ). Ягонагии манфиатҳои падару модарон ва фарзандонро ба назар гирифта, қонунгузор чунин муқаррар менамояд, ки падару модар ҳуқуқ надоранд манфиати фарзандонро намояндагӣ кунанд, агар муқаррар шуда бошад, ки ин намояндагӣ бархилофи манфиати онҳо аст (қ. 2 м. 64 КО ҶТ). Чунин тартиб амалигардонии манфиатҳои оилавиро дар муносибати ҳуқуқии падару модарон иҷозат медиҳад [224, с.22-26].

Робитаҳои молумулкии байни падару модарон ва фарзандон барқароршаванда ва дуюминдараҷа мебошанд. Ба фоидаи кӯдак эътироф намудани ҳукуқ ба нигоҳубин аз падару модар талаб менамояд, ки онҳо бояд соҳиби молу мулки барои эҳтиёҷоти онҳо зарурӣ бошанд. Ва ин ҳуқуқ, танҳо дар он ҳолат амалӣ мегардад, ки падару модар уҳдадориҳои худро бо таври дахлдор иҷро намоянд [197, с.34]. Ҳамсарон оиларо ташкил медиҳанд ва моликияти умумиро дар навбати аввал ҳамчун воситаи иҷрои вазифаҳояшон аз ҷониби оила ба даст меоранд. Бинобар ин принсипи баробарҳуқуқии ҳамсарон ба молу мулки умумӣ, новобаста аз ҳаҷми иштирок дар хариди он амал мекунад. Дар назар дошта мешавад, ки ҳамсарон ба беҳбудӣ ва таҳкими оила мусоидат намуда, даромади бадастовардаро барои хариди молу мулки ба оила зарур сарф менамоянд. Аз ин ҷо, онҳо даромадҳои ба дастовардашонро

ба манфиати оила самаранок харҷ намуда, бояд ба исрофкорӣ роҳ надиҳанд. Дар ин ҷода нақши меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 8 июни соли 2007 [13], ниҳоят муҳим мебошад. Қонуни мазкур барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҳар як оила, беҳтар намудани шароити зиндагии умумиоилавӣ тавассути роҳ надодан ба исрофкорӣ ва дар ҳамин ҷода зоҳир накардани беэҳтиромӣ ба молу мулки аъзои оила мусоидат менамояд [105, с.10-11].

Дар муносибатҳои моликияти умумии падару модарон ва фарзандон аз ҷониби фарзанд татбиқи ҳуқуқи ихтиёрдорӣ аз ҳаҷми ҳуқуқи амалкунии мадании он вобастагӣ дорад. Қонунгузории оилавӣ ба падару модароне, ки молу мулки фарзандро идора мекунанд, маҳдудиятҳоро муқаррар намудааст. Аз ҷумла, маблағи ба ихтиёрдории онҳо воридшуда, ки ба кӯдак тааллуқ дорад, бояд барои ёрдампулӣ, нигоҳубин, таълиму тарбияи он харҷ карда шавад(м.38 КМ ҶТ). Зимнан, ҳуқуқҳои молумулкии кӯдак чун қоида, хислати ҳосилавӣ дошта, аз ҳуқуқи падару модар ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, маҳдудияти муқаррарнамудаи м.38 КМ ҶТ нисбат ба падару модар оқибати манфӣ низ дорад, зеро он ҳатмӣ мебошад.

Ҳамзамон, мо бояд қайд намоем, ки падару модарон фарзандонро ба оилаи мустақил ҷудо намуда, муайян менамоянд, ки кадом молу мулкро ба онҳо медиҳанд. Ҳангоми чунин сурат гирифтани масъала манфиати умумиоилавӣ ва манфиатҳои фарзандон бояд ба назар гирифта шаванд. Ба ақидаи мо ғояи чи тавре, ки қайд карда будем, манфиатҳои молумулкии аъзои оила ба манфиатҳои умумиоилавӣ, ҳам ҳангоми ташаккулёбии молу мулки умумиоилавӣ ва ҳам ҳангоми ҷудо намудани фарзандон ба оилаи мустақил бояд, тобеъ бошад. Андешаи мазкур хеле арзишнок буда, бояд дар қонунгузории оилавӣ ҳангоми танзими робитаҳои молумулкии гуногуни ҳамсарон таҷассум ёбад.

## 2.2. Манфиати оилавӣ ҳангоми амалигардонии ҳуқуқи моликияти умумии ҳамсарон

Зарурати ошкор намудани табиати ҳуқуқии моликияти умумӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки он бо таври кофӣ имконият медиҳад, ки ду ва якчанд шаҳрванд ё ташкилот ягон объектро якҷоя бунёд созанд ё онро бо мақсади қонеъ намудани талаботи худ истифода баранд. Ҳангоми соҳиби моликияти умумӣ будан, ҳуқуқи моликият оид ба объекти умумӣ дар як вақт ба ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ тааллуқ дорад. Ин ҳолат ҳуқуқ ва манфиатҳои ягон иштирокчиёни онро паст наменамояд ва ба ҳар як иштирокчӣ имконият медиҳад, ки хоҳиш ё иродаи дигар иштирокчиёнро ба назар нагирифта, ин ё он масъалаи ба объекти умумӣ тааллуқдоштаро ҳал намоянд. Моликияти умумии ҳамсарон метавонад якҷоя ва ҳиссагӣ бошад.

Қисми таркибии моликияти умумӣ моликияти якҷоя мебошад. Вай дорои чунин аломатҳои ба худ хос мебошад:

1) дар давраи никоҳ ба даст овардани молу мулк;

2) аз ҳисоби воситаҳои умумӣ ба даст оварда шудани молу мулк;

3) ҳангоми мавҷудияти муносибатҳои оилавии воқеӣ ва ҳангоми ба қайди давлатӣ гирифтани никоҳ ба вуҷуд меояд;

4) истифодаи он аз ҷониби ҳамсарон ҳангоми бурдани хоҷагии умумӣ анҷом дода мешавад.

Хусусияти муҳимми ҳуқуқи молу мулки якҷояи ҳамсарон дар он ифода меёбад, ки дар ҳолати ба миён омадани баҳсҳои молумулкӣ ҳамсарон уҳдадор нестанд, ки умумияти молумулкиро нисбат ба масъалаи мушаххас исбот намоянд, агар масъалаи мазкур дар давраи ҳамзистии якҷоя ва пешбурди хоҷагии умумӣ ба даст оварда шуда бошад [69, с.201]. Баъзе муаллифон, масалан Т.И. Зайтсева ба молу мулки

умумии якҷоя табдил ёфтани молу мулки ҳар яке аз ҳамсаронро тавассути аҳдномаи (шартномаи) никоҳ инкор менамояд [137, с.16].

Ҳануз дар адабиёти ҳуқуқии тоинқилобии рус ягонагӣ оид ба фаҳмиши моликияти умумӣ дар он ифода меёфт, ки муносибат оид ба моликияти умумӣ мавҷудияти як ашёро ҳамчун объекти ҳуқуқ ва якчанд субъектҳои ҳамон ҳуқуқро пешбинӣ мекард. Ба ақидаи Д.И. Мейер «моликияти умумӣ дар он сурат мавҷудият дошта наметавонад, агар ҳар як қисми ашё дорои молики алоҳидаи худ бошад. Ҳуқуқи моликияти умумӣ ба молу мулк воқеан тақсимнашаванда буда, иштирокчиёни он молу мулкро бо розигии ҳамдигар идора мекунанд. Вобаста ба он, ки кадом объект метавонад ба ҳуқуқи соҳибмулкии ҳар яке аъзои оила таалluқ дошта бошад, дар ҳамон вақт се назария дар бораи табиати ҳуқуқии моликияти умумӣ мавҷуд буд: аввалан, назарияи ҳиссаи идеалӣ дар ашё, сонияn, назарияи маҷмуи ҳиссаҳо дар ҳуқуқи моликият ва баъдан, назарияи ҳисса дар арзиши молу мулк (ашё)» [74, с.40-42].

Шершеневич Г.Ф. қайд карда буд, ки «ҳуқуқи ҳар яке аз моликон ба объекти худ танҳо ҳиссаи ҳуқуқ ба ҳиссаи арзиши ашё мебошад» [117, с.280].

Ба андешаи мо ҳисса дар ҳуқуқи моликият, ки объекти ҳуқуқии ҳар яке аз соҳибмулконро ташкил медиҳад, бояд ҳам ба муносибатҳои моликияти умумии ҳиссавӣ ва ҳам ба муносибатҳои моликияти умумии якҷоя татбиқ гардад. Тибқи арзёбии Е.И. Гладковская «назарияи ҳисса дар ҳуқуқи моликият афзалиятнок буда, якум он тафовути куллиро дар амалишавии ҳуқуқҳо аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳиссавӣ ва моликияти якҷоя ифода менамояд. Дуюм, тасаввурот оид ба ҳуқуқ дар ҳисса аз муайянии ҳуқуқи маҳрум набуда, танзими мушаххаси муносибатҳои моликияти ҳиссавиро дар Кодекси маданӣ то ҳадди ниҳоӣ доираи бархурди имконпазири ҳам манфиатҳои иштирокчиёни моликияти ҳиссавӣ ва ҳам манфиатҳои онҳоро бо манфиатҳои шахсони

сеюм маҳдуд месозад». Зеро, ҳуқуқ ба молу мулки умумии мушаххас дар моликияти умумии ҳиссагӣ ба якчанд шахсон дар якҷоягӣ аз рӯи ҳисса тааллуқ дорад [198, с.81]. Чи тавре, ки Ш. Тағойназаров қайд менамояд, агар ҳиссаи воқеии (реалии) ин ё он иштирокчӣ муайян гардида бошад, пас ӯро на иштирокчии моликияти умумӣ, балки соҳибмулки инфиродии ҳиссаи мазкур эътироф намудан лозим аст. Бо назардошти ин далелҳо, мафҳуми ҳиссаи воқеӣ ба табиати худи моликияти умумӣ мухолифат пайдо мекунад [100, с.3-4].

Моҳияти амалии ҳисса дар ҳуқуқ аз он иборат аст, ки он ҳудудҳои «дохилии» амалигардонии ҳуқуқҳоро муқаррар менамояд, ки ба ҳар як ҳаммолик бе ягон мамониат барои соҳибӣ кардан, истифода намудан ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулк имкон медиҳад. Вале моликияти якҷоя аз ин муносибатҳо маҳрум аст. Дар иртибот бо ин, фарқияти ҷиддӣ дар амалигардонии ваколатҳои иштирокчиёни муносибатҳои моликияти ҳиссагӣ ва якҷоя мавҷуд мебошад. Тасаввурот оид ба моликияти якҷоя, ҳамчун моликияти беҳисса ба омехтакунии фарқияти ҷиддии масъалаҳо оид ба мавҷудияти ҳисса ва муайянкунии ҳаҷми он асос меёбад.

Асоси фарқияти дар қонунгузорӣ бо муқаррарот мустаҳкам кардани моликияти ҳиссагӣ ва якҷоя аз он иборат аст, ки дар муносибатҳои моликияти ҳиссагӣ ҳаҷми ҳиссаи ҳар як иштирокчӣ ҳамавақт аниқ муайян аст ва дар муносибатҳои моликияти якҷоя бошад он муайян нест [170, с.140].

Дар асоси қ.1 м.327 КМ ҶТ «Молу мулке, ки ҳамсарон дар давоми ақди никоҳ ба даст овардаанд, моликияти якҷояи онҳо ба ҳисоб меравад, агар қонунгузорӣ ё шартномаи байни онҳо реҷаи дигари ин молу мулкро муайян накарда бошад». Ҳамин тавр, салоҳияти соҳибмулкон нисбат ба молу мулки умумии ҳамсарон бо розигии тарафҳо амалӣ карда мешавад. Муқаррароти мазкур бо каме фарқият ба муқаррароти муайянкардаи қ.1 м.325 КМ ҶТ, ки тибқи он «Иштирокдорони моликияти якҷоя, агар дар

созишномаи онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, молу мулки умумиро бо розигии мутақобила соҳибӣ ва истифода мекунанд» мутобиқат менамояд. Аз рӯйи моҳияти қонун дар назар дошта мешавад, ки соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки умумӣ бо розигии ҳамсарон ҳамон тавре, ки онҳо зарур медонанд, амалӣ карда мешавад. Ҳамчун қоида, ҳар рӯз ҳамсарон аҳдҳои гуногун баста, эҳтимолияти розигии ҳамсари дигарро дар назар доранд. Хислати ба боварии шахсӣ асос ёфтани ин муносибатҳо хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии оилавиро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, пешниҳоди далел дар бораи розигии ҳамсари дигарӣ метавонад боиси нобоварӣ дар байни ҳамсарон ва мушкил гардидани муносибатҳои маданӣ шавад. Бо таври мушаххас ба танзим надаровардани тартиби баамалбарории соҳибӣ ва истифодаи моликияти умумӣ дар қонунгузории оилавӣ бархилофи талаботи м.325 КМ ҶТ ва принсипҳои қонунгузории маданӣ намебошад. Тибқи қ.2 м.325 КМ ҶТ сарфи назар аз он, ки кадоме аз иштирокдорон аҳди ихтиёрдории молу мулкро анҷом додааст, розигии ҳамаи иштирокдорон дар назар дошта мешавад. Вале меъёри мазкур намудҳои аҳдҳои нисбат ба онҳо розигии мазкур паҳншударо мушаххас наменамояд. Дар ин ҷо эҳтимолияти розигӣ дар назар дошта мешавад. Ба ҳайси чунин аҳдҳо бо дарназардошти хусусияти диспозитивӣ доштани танзими ҳуқуқи мадании муносибатҳои ҷамъиятӣ, мумкин аст ҳама гуна аҳдро ҳисоб намуд. Бояд қайд намоем, ки ҳар як иштирокдори моликияти якҷоя ҳуқуқ дорад оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ, агар дар созишномаи ҳамаи иштирокдорон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, аҳдро анҷом диҳад (қ.3 м. 325 КМ ҶТ). Ҳамзамон, қисми мазкур барои ин имконият медиҳад, ки ҳангоми набудани розигии ҳамсари дигар аҳд оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ беэътибор эътироф гардад. Ин танҳо дар ҳолате имкон дорад, ки ҳамсари аҳдро анҷомдода ваколати зарурӣ надошта бошад. Инчунин, танҳо дар он сурат аҳд

беъэтибор дониста мешавад, агар исбот гардад, ки тарафи дигари аҳд ин масъаларо медонист ё мебоист донад (қ. 2 м. 190 КМ ҶТ).

Ҳангоми аз ҷониби зан ё шавҳар анҷом додани муомилоти вобаста ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ чунин тасаввур мешавад, ки бо розигии ҳамсари худ амал мекунад (қ.2. м.35 КО ҶТ). Дар баробари ҳамин қ.2 моддаи мазкур имконият медиҳад, ки ҳангоми набудани розигии ҳамсари дигар аҳди бастаи яке аз ҳамсарон оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ беъэтибор дониста шавад. Ба ақидаи мо хуб мебуд, ки тибқи қонунгузории оилавӣ ба ҳамсарон ҳуқуқи бо хоҳиши худ бастани аҳдҳо дар доираи маблағи тухфаҳои муқарарӣ нигоҳ дошта шавад. Тибқи м. 607 КМ ҶТ ба тухфаҳои муқаррарӣ тухфаҳое дохил мешаванд, ки арзиши онҳо на зиёда аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошанд. Чунин ҳисоб менамоем, ки таклифи мазкур дар қонунгузорӣ бояд бо муқаррарот мустаҳкам карда шавад.

Бояд қайд намоем, ки ҳангоми ба созиш наомадани ҳамсарон (собиқ ҳамсарон) оид ба тартиби истифодаи молу мулки якҷоя танҳо талаб намудан дар бораи муайянкунии ҳиссаҳо бо муайянсозии минбаъдаи тартиби истифода мутобиқи м. 318 КМ ҶТ ё оид ба тақсими моликияти якҷоя имконпазир мебошад. Зеро, на дар м. 326 КМ ҶТ, на дар м. 35 КО ҶТ аз ҷониби суд муаяйнкунии тартиби истифодаи молу мулки якҷоя пешбинӣ нашудааст. Қайд менамоем, ки тартиби соҳибӣ кардан ва истифода намудани молу мулки хоҷагии деҳқонӣ низ дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя, ки аъзои хоҷагӣ мебананд, муайян карда мешавад (м. 7 Қонун) [16].

Дар баробари ин мавриди қайд аст, ки дар қонунгузорӣ нисбат ба муносибатҳои моликияти ҳиссагие, ки оид ба ихтиёрдории объекти ягона ба вуҷуд меоянд, ба духӯрагии танзим роҳ дода шудааст. Ин дар ихтиёрдории ҳамаи объект ва ба ихтиёрдории ҳиссаи иштирокчӣ бо риояи ҳуқуқи афзалиятноки харид (қ.1 ва қ.2 м.319 КМ ҶТ) зоҳир

мегардад. Тибқи қонунгузорӣ моликияти якҷоя ҳангоми мавҷудияти манфиатҳои молумулкии мустақили иштирокчиён, ки ҳуқуқҳои онҳо ба молу мулки умумӣ то тақсимот дифференсатсия карда нашудааст, барои муомилот муайян нашудааст. Дар таркиби моликияти якҷоя ба иштирокчиёни алоҳида ҳиссаҳои алоҳида ҷудо карда нашудааст, ки онҳо тавонанд мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд. Муайян набудани ҳиссаҳо ҳангоми мавҷудияти эҳтимолияти розигии ҳамаи иштирокчиён барои аз ҷониби яке аз онҳо бастани аҳди ихтиёрдорӣ ба вайроншавии манфиатҳои иштирокчиёни амалинакунандаи санади ихтиёрдории моликияти якҷоя оварда мерасонад. Ин боиси мухолифати умумиэътирофшудаи ду муносибати ҳифзи манфиатҳо мегардад. Аз як тараф, манфиати шахсони сеюм дар эътирофи беъэтибории шартнома, ки ба яке аз иширокчиён оид ба бегонакунии объекти баҳсии моликияти якҷоя баста шудааст ва аз дигар тараф, манфиати ҳаммоликони дигари хоҳишманди раҳоӣ ёфтан аз оқибатҳои номатлуби бастани он, ки аҳдро ҷонибдорӣ намекунанд. Чунин вазъи ҳолат зарурияти такмили қонунгузориро тақозо менамояд.

Вобаста аз ҳолатҳои номбаршуда метавонад моликияти якҷоя одилона ҳамчун ҳолати истисноии моликияти умумӣ баррасӣ карда шавад, ки он танҳо дар шакли моликияти ҳамсарон ва моликияти хоҷагии деҳқонӣ (қ. 3 м. 316 КМ ҶТ) ба вуҷуд меояд. Ин муносибатҳо бе иродаи иштирокчиён метавонанд танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун қатъ гарданд. Муносибатҳои моликияти якҷоя метавонанд ба муносибатҳои моликияти ҳиссавӣ ё тибқи созиши ҳамаи иштирокчиён дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун табдил ёбанд. Ба ақидаи баъзе олимон мутобиқи қ. 3 м. 244 КМ ФР (қ. 3 м. 316 КМ ҶТ) моликияти умумӣ метавонад танҳо ҳиссагӣ бошад ва ҳиссаи ҳамсарони собиқ-баробар, аз ин рӯ ихтиёрдории чунин молу мулк метавонад тибқи қоидаҳои ихтиёрдории моликияти ҳиссагӣ-тибқи созишномаи

иштирокчиён амалӣ карда шавад. Чунин фаҳмиш боиси фарқ накардани асосҳои бавуҷудоӣ ва қатъи моликияти якҷоя мегардад. Бояд зикр кард, ки худ ба худ бекоркунии ақди никоҳ моликияти якҷояи ҳамсаронро ба ҳисса қатъ наменамояд. Бахусус, дар робита ба бекоркунии ақди никоҳ як ҳамсари собиқ ҳуқуқ надорад нисбат ба молу мулки умумибуда бе розигии аниқи нотариалӣ тасдиқшудаи собиқ ҳамсари дигар аҳд бандад [217, с.71].

Аҳди бастаи собиқ ҳамсар ҳамчун иштирокчии моликияти якҷоя метавонад бо талаби ҳамсари собиқи дуюм бинобар набудани ваколатҳои зарурӣ беэътибор дониста шавад. Чунин беэътибор эътироф намудан танҳо дар мавриде имкон дорад, ки агар исбот гардад, ки тарафи дигари аҳд ин масъаларо медонист ё бояд медонист. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки воқеияти бекоркунии никоҳ худ аз худ моликияти якҷояи дар никоҳ бадастовардаро бекор намекунад, зеро он ба сифати асоси қатъи муносибатҳои моликияти якҷоя нишон дода шудааст. Ҳангоми набудани имкони интихоб дар аҳдномаи никоҳ молу мулк моликияти якҷоя боқӣ мемонад, то он ки собиқ ҳамсарон тақсими онро ихтиёран ё бо тартиби судӣ амалӣ накунанд, созишнома оид ба муайянкунии ҳиссаҳоро ба имзо нарасонанд, ё то он даме ки кредитори яке аз онҳо даъво дар бораи ҷудо намудани ҳиссаи қарздорро аз ин молу мулк пешниҳод накунад[10].

Ягона тавсияҳои имконпазири гузаштан аз моликияти якҷояи ҳамсарон ба моликияти ҳиссавӣ оид ба мураккабии муайянкунии ҳаҷми ҳуқуқ (ҳангоми будани моликияти якҷоя) изҳор карда мешавад, ки онро ҳамсари аҳдро баста нияти ихтиёрдорӣ кардан дорад.

---

[10] Бо сабабе, ки моликияти якҷояи ҳамсаронро асосан молу мулке ташкил медиҳад, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти умумиоилавӣ истифода бурда мешаванд, масъала оид ба амалигардонии ҳуқуқи ихтиёрдорӣ масъалаи таносуби манфиатҳои шахсии аъзои оила ва манфиати умумиоилавӣ мебошад. Чи тавре муқаррар шудааст, ҳисса дар ҳуқуқи моликият функсияи меъёр барои ҳисобҳоро иҷро намуда, барои муайянкунии табиати ҳуқуқии ашёе, ки ба ҳар як иштирокчӣ тааллуқ дорад, ҳалкунанда мебошад. Бо назардошти ҳолатҳои номбаршуда байни ҳамсарон бастани аҳдҳо вобоста ба «азнавтақсимкунии» ҳаҷми ҳуқуқҳои молумулкӣ ба молу мулки якҷоя мушкил карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки аҳдҳои байни ҳамсарон басташавандаи марбут ба додани ҳуқуқи моликият ба молу мулки умумӣ ниҳоят кам буда, ба манфиатҳои шахсони сеюм дахолат намекунад. Аз ин рӯ, Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи РСС Тоҷикистон аз 1 январи соли 1970 мавриди амал қароргирифта оид ба аҳдҳои молумулкии байни ҳамсарон онро ёдрас ҳам намекард [69, с.206-214][11].

Қайд карданӣ ҳастем, ки ҳангоми истифодаи моликияти якҷоя барои муомилоти маданӣ ихтилофи манфиатҳои молумулкии иштирокчиёни он дар назар дошта намешавад. Агарчанде, ки баъзан яке аз ҳамсарон ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш ба манфиати ҳамсари дигар ва оила умуман амал намекунад. Зимнан, ҳангоми муомилоти маданӣ афзалияти манфиатҳои харидори бо виҷдон низ бояд ба инобат гирифта шавад. Дар ин мавридҳо муайян кардан лозим аст, ки то кадом дараҷа таваккали халалдоркунии манфиатҳои молумулкии ҳамсарон ва оила дуруст аст. Ба ақидаи мо, дар ин мавридҳо зарурати беэътибор эътироф кардани аҳдҳо оид ба бегонакунии молу мулки якҷоя ба вуҷуд меояд. Чунин беэътибор эътирофнамоӣ  аз ҷониби як ҳамсар берун аз иродаи ҳамсаре мебошад, ки аҳдро набастааст. Албатта, дар ин мавридҳо манфиатҳои оила халалдор карда мешавад. Аз тарафи дигар имконияти воқеии чунин эътироф хеле кам аст. Зеро  аз як тараф,  дар бисёр маврид на танҳо набудани иродаи ҳамсари ҳуқуқаш вайронкардашуда барои

[11] Бояд қайд намоем, ки танҳо меъёрҳои КоНО РСС Украина ва РСС Эстония муқаррар намуда буданд, ки амали як ҳамсар барои идоракунӣ ва ихтиёрдории молу мулки умумии онҳо дар як вақт амали ҳамсари дигар ҳисобида мешавад. Вале ҷонибдории пешакии розигии хатии амали як ҳамсар аз тарафи дигарӣ танҳо дар ҳолатҳои дар қонун нишондодашуда талаб карда мешуд. Дар ҶШС Тоҷикистон аз ҷониби яке аз ҳамсарон аҳд бидуни иродаи дигар анҷом дода мешуд. Зеро Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи РСС Тоҷикистон соли 1970 чунин талаботро муқаррар накарда буд. Вале Кодекси нави оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти бастани чунин аҳдҳоро эътироф менамояд, агар онҳо ҳуқуқҳои молумулкии яке аз ҳамсарон ё фарзандонро вайрон накунад (м.42). Зимнан, масъалаи оқибатҳои аҳдҳои ба ин монанд то қабули КГ ҶТ (1999) меъёран ҳал нашуда буд.(Гладковская.Е.И. Асари ишора кардашуда.С.; Маҳмудзода, М., Худоёрзода, Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ / М. Маҳмудзода, Б. Худоёрзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С.206-214.

бегонакунии молу мулки баҳсӣ, балки огоҳ будани харидор оид ба набудани розигии ӯ барои бастани аҳд таъсир мерасонад[12].

Дар соҳаи муносибатҳои моликияти якҷояи ҳамсарон барои ба анҷом расонидани муомилот вобаста ба ихтиёрдории молу мулки ғайриманқул ва муомилоте, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд розигии пешакӣ аз тариқи идораи нотариалии давлатӣ тасдиқшуда зарур мебошад. Тибқи қ.3 м.35 КО ҶТ барои ба анҷом расонидани муомилот вобаста ба ихтиёрдорӣ кардани молу мулки ғайриманқул ва муомилоте, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун тасдиқ ё қайди нотариалиро талаб мекунад, бояд розигии пешакии аз тариқи идораи нотариалии давлатӣ тасдиқшудаи зан ё шавҳар гирифта шавад. Дар қонунгузории ҷорӣ амали қ.3 м.35 Кодекси оила ҶТ на ба ҳамаи аҳдҳое, ки мавзуи онҳо молу мулки манқуланд, аз он ҷумла автомобил паҳн мегардад. Ҳол он ки,  маъмулан бинобар арзиши баланд доштани воситаҳои нақлиёт, дар амал реҷаи ҳуқуқии онҳо ба реҷаи молу мулки ғайриманқул монанд аст [65, с.50]. Тибқи қонунгузории Тоҷикистон бақайдгирии воситаҳои нақлиёт санади маъмурие эътироф шудааст, ки бехатарии истифодаи техникии онҳоро иҷозат медиҳад. Бо сабабе, ки автомобил (нақлиёт), метавонад моликияти якҷояи ҳамсарон бошад, бегонакунии он берун аз иродаи ҳамсар манфиатҳои оиларо низ вайрон мекунад, пешниҳод карда мешавад, ки низоми бақайдгирии воситаҳои нақлиётро бояд такмил дод ва ҳангоми моликияти якҷоя будани он розигии ҳамсари дуюм барои бегонакунии нақлиёт бояд гирифта шавад. Чунин розигӣ бояд нисбат ба ҳама гуна молу мулки ғайриманқул, ки зарурияти тасдиқи нотариалӣ ё бақайдгириро бо тариқи муқараркардаи қонун талаб менамояд, гирифта шавад.

[12] Одатан дар ин ҳолатҳо мушкилӣ дар ихтилофи манфиатҳои ҳамсари хоҳиши бекор кардани аҳдро надошта ва шахси сеюм, ки объекти баҳсии моликияти якҷояро ба даст овардааст, дида мешавад. Пешниҳод карда мешавад, ки дар ин ҳолатҳо аввало, бояд манфиати умумиоилавиро ба манфиатҳои муомилоти маданӣ мутобиқ намуда, дар ҳолати бегонакунии молу мулки ба оила зарурӣ ба манфиати шахси сеюм набояд дар муқоиса ба манфиати оилавӣ бартарӣ дода шавад

Розигии қайдшуда ҳам ҳангоми бегонакунӣ ва ҳам ҳангоми харидории молу мулк талаб карда шавад. Чӣ тавре, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, чунин розигии ҳамсар бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ шавад, ҳатто агар ӯ шахсан ба назди нотариус ё мақомоти бақайдгирӣ ҳозир шавад ҳам, тартиби бегонакунии молу мулки ғайриманқулро тарафҳо тағйир дода наметавонанд [33, с.16-19].

Чи тавре пешниҳод мешавад, аҳде, ки бо вайрон кардани талаботи қ.3 м.35 КО ҶТ баста шудааст, баҳснок мебошад. Зеро, аввало дар матни қ.3 м. 35 КО ҶТ ба беэътибор донистани он ишора нашудааст. Сониян, қарор дар бораи беэътибор дониста шудани аҳдро бояд суд барорад ва ҳуқуқи талаби эътирофи беэътибории аҳд на ба ҳар шахс дода шудааст, балки ба ҳамсаре, ки розигии бо тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи ӯ барои бастани он гирифта нашудааст. Ҳолатҳои боиси беэътибор эътироф шудани аҳдҳо муайян шудаанд. Суд бояд далели аз ҷониби яке аз ҳамсарон бастани аҳдро оид ба ихтиёрдории молу мулки ғайриманқул, ки молу мулки якҷояи умумӣ мебошад, ё аҳде, ки тасдиқи нотариалӣ ва (ё) бақайдгириро бо тартиби муқаррарнамудаи қонун талаб менамояд ва набудани розигии бо тариқи нотарилӣ тасдиқшудаи ҳамсари дуюм барои бастани онро муқаррар намояд. Агар ҳамсар бо ягон тарз далели дар никоҳ буданашро пинҳон карда, бегонакунии молу мулкро амалӣ намуда бошад, дар ин сурат аҳд баҳснок мемонад.

Дигар мавқеъ низ арзи вуҷуд дорад. Ба ақидаи Е.А. Душкина «дар м. 35 Кодекси оила ФР муқаррарот дар бораи намудҳои гуногуни аҳдҳои беэътибор меравад ва талаботи қ. 2 аҳдҳои баҳснок ва муқаррароти қ. 3 аҳдҳои беэътиборро дар назар доранд. Набудани розигии бо тариқи нотариалӣ тасдиқшуда, ба андешаи ӯ, агар тарафи дигари аҳд медонист ё бояд норозигии ҳамсари дуюмро барои бастани он медонист ба беэътибории худи аҳд боис мегардад» [202, с.99-100].

Мавқеи зикршуда метавонад дастгирӣ ёбад, агар дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ба суд такмили норасогии (мукамалсозии) тасдиқи нотариалии аҳд иҷозат дода шавад.

## 2.3. Манфиати оилавӣ ҳангоми ҷудонамои моликияти якҷоя ва моликияти шахсии ҳар кадоме аз ҳамсарон

Бояд қайд намоем, ки реҷаи амалкунандаи моликияти якҷояи (муштараки) ҳамсарон реҷаи умумии қонунии ба даст овардани молу мулке мебошад, ки аз ҷониби ҳар ду ҳамсар дар давраи акди никоҳ ғун ва ҷамъоварӣ карда шудааст. Дар ин ҷода, принсипи умумият амал мекунад, ки тибқи он молу мулке, ки то ақди никоҳ ба ҳамсарон тааллуқ дошт, инчунин дар давраи ақди никоҳ бо дигар роҳҳо ба даст оварда шудааст, моликияти алоҳидаи ҳар яке аз онҳо эътироф карда мешавад. Барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти оила одатан ҳам молу мулке, ки ҳамсарон дар давраи ақди никоҳ ва ҳам то ақди никоҳ ба даст овардаанд, истифода бурда мешавад.

Даромад ва пардохтҳое, ки дар м. 34 КО ҶТ номбар карда шудааст (ашёҳои харидаашон, коғазҳои қиматнок, саҳмия, пай ва ҳама гуна молу мулки манқул ва ғайриманқули дар давоми заношӯӣ ҷамъкарда ва ғ.) ягон таъиноти махсуси мақсаднок надоранд, аз ҷониби ҳамсарон барои ташкил ва зиёд намудани моликияти якҷоя истифода карда мешаванд[13]. Ҳама намуди дороие, ки аз ҳисоби даромади умумӣ ба даст оварда мешавад, моликияти умумии ҳамсарон ҳисобида мешавад. Чи тавре, ки дар банди 15 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2003 бо даровардани тағйирот аз 19 марти соли 2009 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ» қайд карда

[13] Онҳоро метавонанд барои ба даст овардани ашёҳои барои оила зарурӣ ва ташкил намудани фонди умумии молумулкӣ бо роҳи ба даст овардани коғазҳои қимматнок, гузоштани саҳм ба ташкилотҳои қарзӣ истифода намоянд.

шудааст, «ҳамаи молу мулки манқул ва ғайриманқуле, ки аз тарафи ҳамсарон дар давраи дар никоҳ буданашон ҷамъ намудаанд, агар дар аҳдномаи никоҳи байни онҳо реҷаи дигари ин молу мулк пешбинӣ нашуда бошад новобаста, аз он ки ба номи кадоме аз онҳо харидорӣ карда шудааст ё маблағҳои пулӣ пасандоз карда шудаанд объекти моликияти якҷояи онҳо шуда метавонанд» [21].

Ба ақидаи Б.П. Архипов «дар м. 34 КО ФР ду номгӯйи объектҳои молумулкӣ муқобили ҳам гузошта шудаанд. Яке, ба моликияти якҷояи молу мулке ворид карда мешавад, ки аз ҳисоби ин ё он ҳамсар ба даст оварда шудааст, дуюм бошад танҳо он молу мулк якҷоя эътироф карда мешавад, ки аз ҳисоби даромади умумӣ ба даст оварда шудааст. Ба гурӯҳи дуюм, муаллиф, аз ҷумла корхонаро ворид мекунад. Вале қайд менамояд, ки корхонаи дар давраи ақди никоҳ аз ҳисоби як ҳамсар ба даст овардашуда, ба моликияти якҷояи ҳамсарон дохил намешавад. Бинобар ин масъалаи ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳамсарон нисбат ба корхона ба миён меояд. Ҳамзамон, қайд менамояд, ки қонун дигар дар ҳеҷ ҷо хусусияти реҷаи ҳуқуқии чунин объектҳоро муайян накардааст. Дар робита бо ин, бояд қоидаи умумӣ оид ба моликияти якҷоя татбиқ карда шавад» [126, с.24-25]. Ба ақидаи Е.И. Гладковская бошад «фарқияти истилоҳотии зикргардида маънои муқобили ҳам гузоштани гурӯҳҳои объектҳои ҷудокардашударо надорад. Ҳамзамон, дар ин бора ҳеҷ гуна мухолифате дар байни муқаррароти қ. 2 ва қ. 1 м.34 КО ФР мавҷуд намебошад. Меъёри қ. 1 м.34 КО ФР қоидаи умумӣ буда, мутобиқи мазмуни он ба моликияти якҷоя даромад ва пардохтҳои ба даст овардаи ҳар як ҳамсар ворид карда шудааст, ки дар ҷумлаи якуми қ. 2 м.34 КО ФР номбар шудааст. Мутаносибан ин аллакай даромади умумии ҳамсарон мебошад. Ба сифати даромади умумии онҳо ашёҳои манқул ва ғайриманқуле, ки дар ҷумлаи дуюми қ.2 м.34 КО ФР номбар карда шудааст, дохил мешаванд.» [198, с.107].

Ба моликияти умумӣ даромади ҳар як ҳамсарро аз фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, инчунин ашёҳои манқул ва ғайриманқули аз ҳисоби даромади умумӣ ба дастовардашуда, коғазҳои қимматнок, саҳмҳо ва ҳиссаҳо, ки ба ташкилотҳои қарзӣ ё ба дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ гузошта шудааст, ворид намудан мумкин аст.

Муқаррароти м. 34-35 КО ҶТ реҷаи моликияти якҷояи ҳамсаронро ба танзим дароварда, ба ташкилоти (корхонаи) хусусии инфиродии онҳо паҳн намегардад. Бинобар ин, агар ташкилоти хусусӣ дар давраи ақди никоҳи ҳамсарон бо истифода аз моликияти умумии ҳамсарон таъсис дода шуда бошад, ҳамсари даъвогар нисбат ба даромади аз фаъолияти ташкилоти мазкур бадастомада ҳуқуқи моликияти баробари якҷояро дошта, на ҳуқуқи умумии моликиятро ба молу мулки он дорад.

Мутобиқи муқаррароти Қонуни ҶТ аз 25 июни соли 1993 «Дар бораи корхонаҳо» [12] ҳар як субъекте, ки дар Қонуни ҶТ аз 5 декабри соли 1990 «Дар бораи моликият дар ҶШС Тоҷикистон» [15] зикр карда шуда буд, метавонист соҳиби корхона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад (м.2 Қонун). Корхонае, ки бо истифода аз маблағи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буданд, моликияти шаҳрванд ё гурӯҳи шаҳрвандон эътироф карда мешуд (м.3 Қонун). Корхона ба шаҳрванд бо ҳуқуқи моликият ва ё ба аъзои оилаи ӯ бо ҳуқуқи моликияти умумии ҳиссагӣ тааллуқ дошта метавонист. Яъне, қонунгузор дар як вақт корхонаи хусусии инфиродиро ба сифати шахси ҳуқуқӣ ва ҳам ба сифати объекти ҳуқуқи моликияти муассисон пешбинӣ менамуд.

Ба молу мулки аз ҷониби ҳамсарон дар давраи ақди никоҳ ҷамъовардашуда, пардохтҳои маблағи бадастовардаи онҳо (нафақа, кумакпулӣ, пардохтҳои дигар) агар онҳо таъиноти махсуси мақсаднок надошта бошанд (маблағи кумаки моддӣ, маблағе, ки барои аз даст додани қобилияти меҳнат дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатӣ

пардохта шудааст ва ғ.) дохил карда мешавад. Инчунин, ҳамаи дигар молу мулке, ки аз ҷониби ҳамсарон дар давраи ақди никоҳ ба даст оварда шудааст ва аз муомилот гирифта нашудааст, ба моликияти умумӣ онҳо ворид карда мешавад. Ҳифзи манфиатҳои ҳамсарон чунин тақозо намудааст, ки қонунгузории оилавӣ аз принсипҳои умумӣ истисно намояд [218, с.86-91]. Молу мулк новобаста аз оне, ки ба номи кадоме аз ҳамсарон ба даст оварда шудааст ё ба номи кадоме аз онҳо маблағи пулӣ гузошта шудааст, моликияти умумии онҳо ҳисобида мешавад. Аз ин ҷост, ки ҳамсарон вобаста ба моликияти умумӣ дорои ҳуқуқҳои баробар мебошанд, агар ҷиҳати ба даст овардани он иштироку саҳм гузошта бошанд. Ҳатто ҳамсаре, ки корҳои хонаро иҷро мекунад ва шахсан ба нигоҳубини кӯдакон машғул мешавад ва бо сабабҳои узрнок дорои даромади мустақил намебошад, новобаста аз он, ки дар ба даст овардани моликияти умумӣ иштирок накардааст (қ. 3 м. 34 КО ҶТ), ба он ҳуқуқ пайдо мекунад. Зеро, ӯ ба амалигардонии манфиати оилавӣ мусоидат менамояд. Дарвоқеъ, қонунгузории оилавӣ манфиатҳои оилавиро ба таври кулл ба инобат мегирад (қ. 1 ва 2 м. 34 КО ҶТ). Бо дарназардошти манфиати оилавӣ эътироф намудан лозим аст, ки даромад ва пардохтҳои ба ҳамсарон додашаванда аз лаҳзаи ба онҳо пайдо шудани ҳуқуқи моликиятии ҳар яке аз ҳамсарон ба моликияти умумӣ мубаддал мегарданд. Ҳамзамон, оид ба лаҳзаи пайдо шудани ҳуқуқ ба гирифтани даромад ва пардохтҳо сухан ронда, қайд намудан лозим аст, ки ин ҳуқуқро ҳамсаре, ки пардохтҳо ва даромадҳо ба он тааллуқ дошта метавонад ва ё бо розигии он намояндааш амалӣ менамояд. Зеро, тибқи қонунгузорӣ яке аз ҳамсарон манфиатҳои дигар ҳамсарро бе ягон ваколати махсус танҳо дар соҳаи муносибатҳои моликияти умумӣ доро мебошад.

Дар вақти муайян намудани мафҳуми «даромад» ба банди 24 м. 17 Кодекси андози ҶТ назар кардан лозим аст. Тибқи он «даромад аз

манбаъҳои воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон–ҳар воридот, манфиат дар шакли пул, моддӣ ё ғайримоддӣ ё (бе тарҳ намудан аз онҳо) аз ҳама намудҳои фаъолият, молу мулк (ҳуқуқҳои молумулкӣ) ва асосҳои дигар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли пардохти даромад ҳисобида мешавад. Агар бо таври дигар ифода намоем, аз рӯйи табиати иқтисодиаш даромад нафъи пулӣ ва моддие мебошад, ки аз ҳамагуна сарчашмаҳо (манбаъҳо) ва намуди фаъолият бо тарҳи хароҷотҳои кардашуда мебошад.» [91, с.242-243]. Аз даромади умумӣ тамоми хароҷоти тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқаманд, ки дар Кодекси андоз ва (ё) дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, ба Кодекси андоз мухолифат намекунанд, тарҳ карда мешаванд (м. 111 КА ҶТ).

Даромад ҳамон вақт умумӣ эътироф карда мешавад, ки ҳамсар имконияти ихтиёрдорӣ кардани онро пайдо намояд. Тафсири мафҳуми «даромад (фоида) аз фаъолияти соҳибкорӣ» баҳснок мебошад. Зеро, лаҳзае, ки даромад (фоида) қабулшуда ҳисобида мешавад, даврае, ки он кор анҷом дода шудааст, инчунин вобаста ба корхона бошад – таркиб ва тартиби муайянкунии он дар қонунгузорӣ ва назария якхела баҳогузорӣ карда намешавад.

Дар вақти муайян намудани моликияти умумии ҳамсарон ба даромад аз фаъолияти ташкилот (корхона) бояд тамоми хароҷот ба инобат гирифта шавад, вагарна идомаи фаъолияти муътадили корхона душвор мегардад. Ба хароҷоти умумӣ - хароҷоти тасдиқшудаи уҳдадориҳои андоз бо дарназардошти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз; хароҷоти тасдиқшудаи музди меҳнат, хароҷоти сафарҳои хизматии кормандон дар доираи меъёрҳои муқарраршуда, хароҷоти тасдиқшудаи вобаста ба хариди ашёи хом, мавод, энергияи воқеан дар давраи андоз истифодашуда, ба истисноии ҳароҷоти вобаста ба сохтмон, харидории воситаҳои асосӣ ва васли онҳо, инчунин хароҷоти дигар

дохил мешаванд. Тарҳи хароҷот дар ҳолати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои ба таври дахлдор ба расмият даровардашуда, ки хароҷоти воқеии вобаста ба гирифтани чунин даромадро тасдиқ менамоянд, иҷозат дода мешавад (м.111 КА ҶТ).

Имкониятҳои қонунии гузаронидани даромади (фоидаи) соҳибкориро ба дигар давра вуҷуд дорад. Он чи, ки ба таркиби даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ тааллуқ дорад ва ба моликияти якҷояи ҳамсарон ворид карда мешавад ё карда шудааст, бо дарназардошти шарҳи меъёри қ. 2 м. 34 КО ҶТ, ки онҳоро дар як қатор бо дигар пардохтҳои пулӣ мегузорад, ба  чунин хулоса меорад, ки қонунгузор танҳо даромадҳои соҳибкориро дар шакли пардохти пулӣ ба соҳибкор ба сифати тақсим кардани даромад аз фаъолияти корхона пешбинӣ намудааст. Аммо корхона онро пардохт намекунад, он танҳо даромадро дар шакли восита (маблағ) ба ҳисоби молик ё дар намуди дигари молумулкӣ ҷамъ мекунад. Бо дарназардошти ҳолатҳои номбаршуда Б.П. Архипов ишораи бевоситаи дар қ.2 м.34 КО ФР (қ.2 м.34 КО ҶТ) нисбат ба даромадҳо аз фаъолияти соҳибкориро мувофиқи мақсад намешуморад, аз ҷумла нисбат ба даромадҳое, ки аз фаъолияти корхона ба даст оварда мешавад, ба таркиби молу мулке, ки моликияти якҷояи ҳамсарон мебошад, зеро он имкон намедиҳад ба он мақсадҳое, ки қонунгузор умед баста буд, ноил гарданд. Ӯ ҳал намудани масъалаи баҳисобгирии даромадро аз фаъолияте, ки ба моликияти якҷояи ташкилот (корхона) ворид аст, бо роҳи ба ҳар як ҳамсар дар вақти бекор кардани ақди никоҳ додани ҳуқуқ ба нисфи зиёдшавии молу мулке, ки дар давраи ақди никоҳ ба даст оварда шудааст, муваффақтар меҳисобад. Зеро, даромадҳои соҳибкорие, ки аз ҳисоби ташкилот (корхона) барои рушди он ҷудо карда шудааст, бешак арзиши корхонаро зиёд мегардонад [126, с.26].

Қайд намудан лозим аст, ки молу мулк метавонад дар моликияти

алоҳидаи ҳамсарон низ қарор дошта бошад. Ба онҳо молу мулке дохил мешавад, ки ба ҳар яки онҳо то ба қайд гирифтани ақди никоҳ тааллуқ дошт, инчунин молу мулке, ки дар давраи ақди никоҳ аз ҷониби яке аз ҳамсарон ба сифати ҳадя ва бо тартиби мерос ба даст оварда шудааст (қ.1 м.36 КО ҶТ). Ҳатто, воситаҳои аз фурӯши молу мулки меросӣ, хона, ҳуҷрае (квартирае), ки ба яке аз ҳамсарон то бастани ақди никоҳ тааллуқ дорад, моликияти шахсии ҳамсари мазкур ба ҳисоб меравад, агарчанде ки дар вақти дар ақди никоҳ будан дар муассисаи бонкӣ гузошта шуда бошанд [31, с.12].

Дар ин ҷо бояд қайд намоем, ки новобаста аз он, ки ба номи кадоме аз ҳамсарон моликияти умумӣ ба даст оварда шудааст ё маблағи пулӣ ворид карда шудааст, агар дар аҳдномаи никоҳ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад бо дарназардошти эҳтимолияти қонуние, ки дар қ.1 м.34 КО ҶТ муқаррар карда шудааст, ҳамсар уҳдадор нест далели умумияти молу мулкеро, ки дар давраи ақди никоҳ аз ҳисоби даромади умумӣ ҷамъоварӣ карда шудааст, исбот намояд. Ҷудо будани молу мулк исботро талаб мекунад. Дар ин маврид ҳам қоидаи умумии барои судҳо ҳатмӣ (м.36 КО ҶТ) ва ҳам қоидаи алтернативӣ (м.38 КО ҶТ) муқаррар карда шудааст, ки дар вақти ворид намудани объектҳои баҳсӣ ба молу мулки ҷудогона ба инобат гирифта мешавад. Шояд молу мулки ҳар яке аз ҳамсарон моликияти якҷоя эътироф карда шавад (м.37 КО ҶТ). Ҳамин тавр, барои ворид намудани объекти баҳсӣ ба молу мулки умумӣ ё алоҳида, татбиқи бонизомонаи қоидаҳои м.34, 36, 37 ва қ.4 м. 38 КО ҶТ, инчунин ба инобат гирифтани эҳтимолияти қонунӣ талаб карда мешавад.

Ашёи истифодаи шахсӣ (либос, пойафзол ва ғайра), ба истиснои ҷавоҳирот ва асбоби дигари зебу зиннат, гарчанде дар давраи заношӯӣ аз ҳисоби маблағҳои умумии зану шавҳар ба даст оварда шудаанд, моликияти хусусии ҳар кадоме аз зану шавҳар ба ҳисоб меравaнд.

Инчунин, моликияти шахсии ҳар яке аз ҳамсарон ашёе (молу мулке) ба ҳисоб меравад, ки аз ҳисоби маблағҳои (воситаҳои) шахсии ҳар яке аз онҳо ба даст оварда шудааст [187, с.18-19].

Қоидаи қ.2 м.36 КО ҶТ аз шумораи объектҳои моликияти умумӣ ашёҳои истифодаи инфиродиеро, ки (ба ғайр аз ҷавоҳирот ва асбоби дигари зебу зиннат) дар давраи ақди никоҳ аз ҳисоби воситаҳои умумӣ ба даст оварда шудааст, истисно менамояд (либос, пойафзол ва ғайра).

Бояд қайд намоем, ки тибқи банди 15 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ» аз 29 майи соли 2003 [21] «молу мулки ҳатто дар давраи заношӯӣ, лекин бо маблағи шахсии яке аз ҳамсарон ба даст овардашуда, то ба никоҳ даромадан ба ӯ тааллуқдошта, ҳамчун ҳадя ё мерос гирифташуда, инчунин ашёи истифодаи шахсӣ, ба истиснои ҷавоҳирот ва олоти дигари зебу зинат, молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон ҳисоб намеёбад».

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми муайян намудан «объектҳои гаронарзиш» дар бораи оне, ки чи ба онҳо дохил мешавад, савол ба миён меояд, зеро мафҳуми қонунии он вуҷуд надорад. Қайд карда мешавад, ки барои ин ё он молу мулкро ба категорияи гаронарзиш дохил намудан бо мақсади муносибати якхела намудан дар ҳолатҳои гуногун ба мақсад мувофиқ мебуд, ки на маҳаки арзиш, балки маҳаки «заурият» ба инобат гирифта шавад. Дар ин маврид суд бояд муайян намояд, ки предметҳои мазкур барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзмараи ҳамсарон зарур мебошанд [188]. Дар чунин ҳолат саволе ба миён меояд, ки чи ба объекти гаронарзиш дохил мешавад, зеро «талаботи рӯзмарра» вобаста ба шахсони гуногун низ якхела намебошад. Вобаста ба ҳамин суд бояд дар ҳар мавриди алоҳида бо дарназардошти ҳолати мушаххас ва шароити зиндагии ҳамсарон имконияти дохил намудани ин ё он молу мулкро ба предмети гаронарзиш қарор қабул кунад. Ба ақидаи мо бо роҳи дар

қонунгузорӣ муқаррар намудани номгӯйи предметҳои гаронарзиш имконият пайдо мешавад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо аз тарафи суд дар мавриди тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон сабукӣ ба миён ояд.

Ҳамин тавр, дар ҳолати гуногуншакл будани молу мулк тарз ва давраи ба даст овардани он, таъиноти мақсаднок ва таъиноти шахсии молу мулк реҷаи ҳуқуқии онро муайян мекунад.

Бояд қайд намоем, ки муқоисаи м.22 Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РСС Тоҷикистон, ки 1 январи соли 1970 мавриди амал қарор дода шудааст ва матни м.36 КО ҶТ амалкунанда нишон медиҳанд, ки маҳаки иловагии ба даст овардани молу мулки алоҳидаи ҳамсарон дар онҳо нишон дода нашудааст. Ҳол он, ки қонунгузории маданӣ ҳолатҳои дигари бемузд ба даст овардани молу мулки ҳамсаронро истисно наменамояд. Аз он ҷумла, ҳолатҳои бемузд ба даст овардани молумулкро. Қонунгузории амалкунандаи маданӣ шартномаҳоро ба музднок ва бемузд ҷудо менамояд. Бемуздии аҳдҳо одатан дар мафҳуми қонунии шартнома нишон дода мешавад. Агар чунин ишораҳо набошад ё дар қонун ба танзим дароварда нашуда бошад, ҷудокунӣ вобаста аз мавҷудияти (мавҷуд набудани) ҳуқуқи тарафҳо ба гирифтани музд ва ё дигар намуди пешниҳоди мутақобила барои иҷро намудани уҳдадориҳо тибқи шартнома гузаронида мешавад.

Дар шартномаи истифодаи ройгон (бемузд) як тараф (ройгондеҳ) уҳдадор мешавад ашёро ба тарафи дигар (ройгонгир) ба истифодаи муваққатии ройгон супорад ё месупорад ва ройгонгир уҳдадор мешавад, ки худи ҳамон ашёро дар ҳамон ҳолате, ки онҳоро гирифта буд, бо назардошти фарсудашавии муътадил ё дар ҳолате, ки дар шартнома зикр шудааст, баргардонад (қ.1 м.762 КМ ҶТ). Бояд қайд намоем, ки дар ин ҳолат эҳтимолияти музднокии шартнома амал мекунад. Шартномаи басташуда музднок эътироф карда мешавад, агар аз қонун, санади

дигари ҳуқуқӣ ё аз мазмун ва моҳияти шартнома тартиби дигаре ба миён наояд.

Мафҳуми қонунии аҳди ройгон бо ақидаи мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маданӣ мувофиқ мебошад. Онҳо тасдиқ мекунанд, ки барои муайян намудани амали музднок бояд табиати муносибати ҳуқуқиеро, ки аз он муносибати мазкур ба миён меояд ва амалеро, ки барои худи муносибатҳои ҳуқуқӣ асос мегардад, ба назар гирем. Аҳди ройгон (бемузд) чунин муносибати ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки аз уҳдадории танҳо як субъект иборат буда, на аз вобастагии шартӣ ва на аз вобастагии казуалии амали тарафи дигар вобаста намебошад. Ё уҳдадории ҳар ду тараф мебошад, агар уҳдадории яке аз тарафҳо аз рӯйи мазмуни худ танҳо уҳдадории тарафи муқобилро муайян ё маҳдуд намояд [189, с.27-29]. Ҳамзамон, барои ҳама гуна муносибатро музднок эътироф намудан пешниҳоди тарафайн ва мутақобила, агарчанде ки аз ҷиҳати ифодаи арзишӣ нобаробар бошад ҳам, зарур мебошад.

Ба андешаи мо, аҳдҳои ройгон ва дуруст кардани табиати ҳуқуқии онҳо барои ҳифзи манфиатҳои ҳамсарон мусоидат менамояд. А.М. Эрделевский чунин мешуморад, ки додани ашё ё ҳуқуқро ба ивази чизе ройгон шуморидан мумкин нест, зеро худи қабул намудани ҳадя барои ҳадякунанда манфиати молумулкӣ дорад. Барои асосноккунии фикри худ ӯ ҳолати дар давлатҳои аврупои ғарбӣ хеле паҳнгардидаро оид ба пешниҳоди ҳадяи молу мулк бо шарти он, ки ҳадягиранда ҳадяро худ мебарадро (мебиёрадро) мисол овардааст [182, с.14]. Ҳамзамон, чи тавре, ки М.З. Раҳимзода қайд менамояд барои ҳамагуна муносибатро музднок эътироф намудан пешниҳоди тарафайн ва мутақобила, агарчанде ки аз ҷиҳати ифодаи арзиши нобаробар бошад ҳам, зарур мебошад. Музднок будан маънои онро дорад, ки ба пешниҳоди молумулкии як шарик пешниҳоди молумулкии дигар шарик мутобиқат менамояд [87, с.76-78]. Инчунин ба ақидаи мо пешниҳоди мутақобила шарт нест, ки ҳатман

эквивалентӣ бошад. Қайд намудан бамаврид аст, ки хусусигардонии биноҳои истиқоматӣ дар Тоҷикистон дар асоси Қонуни ҶТ аз 16 майи соли 1997 «Дар бораи хусусигардони моликияти давлатӣ» [17] ба амал бароварда мешавад[14].

Таҳлили м. 36 КО ҶТ ба хулосае меорад, ки асоси пайдо шудани моликияти алоҳидаи ҳамсарон маҳз аҳди ройгон мебошад. Вале м.36 КО ҶТ ба шумораи асосҳои бавуҷудоии моликияти шахсии санади маъмуриро, ки тибқи он ҳуқуқи моликият нисбати объекти хусусигардонида шуда ба вуҷуд меояд, номбар намекунад. Чунин ҳолат боиси монеа барои моликияти шахсии ҳамсар эътироф намудани хонаи хусусигардонида шуда метавонад.

Аз ин ҷо, ба ақидаи мо яке аз асосҳо ба даст овардани молу мулки ҳамсарон ба ғайр аз аҳдҳои бастаи онҳо, метавонад ройгон ба даст овардани молу мулк бошад. Вале он дар м.36 КО ҶТ ифодаи худро наёфтааст. Хуб мебуд, ки асоси мазкур дар моддаи зикршудаи Кодекси оила муқаррар карда шавад. Чунин ҳолатро қонунгузории мадании Ҷумҳурии Литва пешбинӣ кардааст. Тибқи он молу мулки алоҳидаи ҳамсарон «молу мулке мебошад, ки аз ҷониби яке аз ҳамсар дар давраи никоҳ ройгон ба даст оварда шудааст.» [19].

Бо қабул намудани Кодекси никоҳ ва оилаи РСС Тоҷикистон молу мулке, ки дар давраи ақди никоҳ аз ҳисоби маблағҳои ҳамсарон ҷамъоварӣ карда шудааст, тибқи қонун моликияти якҷоя эътироф карда мешуд (м.20). Ин мавқеъ дар қонунгузории амалкунанда низ нигоҳ дошта шудааст.

Ҳифзи манфиатҳои ҳамсарон тақозо менамояд, ки молу мулки то

[14] Бояд қайд намоем, ки агар дар вақти ба расмиятдарории шартномаи пешниҳоди хонаи истиқоматӣ яке аз ҳамсар аз ҳуқуқи иштирок намудан дар хусусигардонӣ даст кашида бошаду дар натиҷа квартира ба моликияти ҳамсари дуюм хусусӣ гардонида шуда бошад, моликияти шахсии охирон пайдо мешавад. Ҳамсари аз хусусигардонӣ досткашида аъзои оилаи молик мегардад, аммо бо бекор кардани акди никоҳ ҳуқуқи истиқомат намудан дар квартираи хусусигардонидашударо аз даст намедиҳад.

ақди никоҳ  бадастоварда ва дигар молу мулки шахсӣ, дар алоҳидагӣ моликияти ҳар кадоми онҳо боқӣ мемонад, новобаста ба он, ки ҳама аъзои оила онҳоро истифода мебаранд. Ҳамчунин, нигоҳдории чунин молу мулк дар шакли дахлдор барои таъмин намудани талаботи умумии оила хароҷотро талаб менамояд. Бинои истиқоматӣ, ки то ақди никоҳ ба яке аз ҳамсарон тааллуқ дошт ва барои зисту истиқомати оила истифода мешуд, чун қоида таъмир кулл, азнавсозӣ ё азнавкунии таҷҳизоти он бо дарназардошти тағйир ёфтани талаботи оила амалӣ карда мешавад. Хароҷоти барои он зарурӣ  на танҳо аз ҳисоби молики молу мулк, балки аз ҷониби аъзои дигари оила низ ба амал баровarda мешавад. Маблағи умумӣ истифода карда шуда, пардохти маблағи пулӣ ва истифодаи меҳнати ҳамсар, ки молик намебошад, низ имкон дорад. То он даме, ки ҳамаи оила объекти номбурдаро истифода мебаранд, онҳо ҳамчун «умумиоилавӣ» қабул карда мешаванд. Ҳамин тавр, умумияти воқеии молу мулк ба вуҷуд меояд, зеро объектҳои зикргардида аз лиҳози ҳуқуқӣ ба яке аз ҳамсарон тааллуқ доранд. Дар ҳолати барҳам хӯрдани оила зарурати ба мувофиқа овардани муносибатҳои воқеӣ ва ҳуқуқии молумулкии тарафҳо ба миён меояд.

Дар Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РСС Тоҷикистон меъёре мавҷуд буд, ки тибқи он «молу мулки ҳар кадоме аз ҳамсарон метавонист моликияти якҷояи умумии онҳо эътироф карда шавад, агар суд муқаррар намояд, ки дар давоми никоҳ саҳме гузошта шудааст, ки арзиши ин молу мулкро зиёд кардааст (таъмир, азнавсозӣ ва ғ.) (қ.4 м.20 КО ҶШСТ). Чунин навиштаҷот дар қонун ба судҳо имкон медод, ки таносуби арзиши молу мулкро то ва пас аз хароҷот намудан ба инобат гиранд [37, с.65]. Ба ақидаи баъзе муаллифон зиёдшавии арзиши молу мулк на ҳама вақт натиҷаи танҳо хароҷотҳои моддӣ (маблағгузорӣ ба азнавсозӣ, таъмир ва ғайра) мебошад. Метавонад саҳми меҳнатии ҳамсари дигар, ки дар натиҷа арзиш ва нархи молу мулк зиёд шудааст, ба назар гирифта шавад

[58, с.53].

Бояд қайд намоем, ки муқаррароти м. 37 КО ҶТ аз он ба миён меояд, ки ба молу мулки то никоҳи яке аз ҳамсар дар давраи зиндагонии якҷоя, ки ба ақди никоҳ асос меёбад, бо меҳнат ё маблағи ҳамсарон ё ин ки ҳамсари ғайрималик саҳме гузошта шудааст, ки арзиши хона ё дигар молу мулкро хеле зиёд намудааст. Молу мулки зикргардида барои оила таъин гардидааст, бинобар ин ҳамчун объекти умумии оилавӣ, беҳтар карда мешавад. Чунин шакли молу мулк метавонад танҳо объекти моликияти якҷояи ҳамсарон эътироф карда шавад, чунки ҳангоми ҷой надоштани аҳдномаи никоҳ ва созишнома оид ба муайян намудани ҳиссаи молу мулки ҳамсарон метавонад ё дар низоми алоҳида ё дар реҷаи молу мулки якҷоя қарор дошта бошад. Чунин ҳолат метавонад барои ҳифзи манфиатҳои молумулкии ҳамсарон мусоидат намояд.

Молу мулкро объекти моликияти якҷояи ҳамсарон эътироф намудан чунин маъно дорад, ки қонунгузор имкон медиҳад ҳамсар ба молу мулки шахсии ҳамсари дигар бо мақсади ҳифзи манфиати оилавӣ ҳамчун молу мулки умумӣ даъво кунад. Зеро, ҳамсарон оиларо ташкил мекунанд, якҷоя истиқомат мекунанд ва молу мулкро истифода мебаранд. Дар чунин ҳолат муқаррар намудан зарур аст, ки дар давраи ақди никоҳ ба молу мулке, ки моликияти алоҳидаи ҳамсар мебошад, саҳме гузошта шудааст, ки арзиши онро хеле зиёд гардонидааст. Агар саҳми гузошташуда камаҳамият бошад, пас дар вақти ҷудо намудани молу мулки умумӣ танҳо ба хароҷоти сарфшуда ва рӯёнидани он, аз он ҷумла аз ҳисоби дигар молу мулки умумӣ даъво намудан мумкин аст.

Ба ҳисоб гирифтани ҳолатҳои зикргардида бовар мекунонад, ки умумияти молумулкӣ, ки дар натиҷа моликияти якҷоя эътироф кардани молу мулки ҳар кадоме аз ҳамсарон пайдо шудааст, аз ин пас моликияти якҷояи «ғайрианъанавӣ» мебошад, ки ҳамчун низоми қонунии молу мулки ҳамсарон пешбинӣ шудааст. Ин гуногунии моликияти якҷоя ба

дарназардошти «ҳайти тӯлонӣ» бо минбаъд якҷоя ба амал баровардани ваколати молики объекти баҳсӣ аз ҷониби ҳар ду ҳамсар ба ҳисоб гирифта нашудааст. Дар ҳолати чунин эътироф намудан он ҳуқуқан ба муҳлати тӯлонӣ арзи ҳастӣ карда наметавонад. Объектро моликияти якҷояи ҳамсарон эътироф намудан пешакӣ муайян намудани ҳиссаро дар он ва тақсими молу мулки баҳсиро мутобиқи ҳиссаи муайяншуда, чун қоида дар як ҳалномаи суд ба миён меорад. Маҳз барои минбаъд муайян намудани ҳисса муқаррар намудани ҳаҷм ва хусусияти саҳми гузошташуда, ки арзиши объектро зиёд намудааст, талаб карда мешавад. Дар асоси м. 37 КО ҶТ объектро моликияти якҷоя эътироф намудан ба ҳамсари ғайримолик имкон медиҳад, ки барои эътироф намудани ҳуқуқаш ба ин объект даъво кунад.

Зикр намудан зарур аст, ки имконияти моликияти якҷоя эътироф намудани молу мулки яке аз ҳамсарон, зиёдшавии арзиши объекти баҳсиро ба сифати молу мулки воқеии умумиоилавӣ ба инобат гирифта, мутаносибан мавзуи исботкунӣ муайян шуда, сарбории исботкунӣ байни ҳамсарон ҷудо карда шудааст. Дар ин ҳолат ба дигар шахсон додани ҳуқуқ барои даъво намудан дар вақти дар қайди ҳаёт будани ҳамсарон манфиати моддии умумиоилавиро вайрон мегардонад.

### 2.4. Ҳифзи манфиати оилавӣ ҳангоми тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон

Дар мавриди бекор кардани ақди никоҳ оила чун қоида барҳам мехурад. Ин дар навбати худ боиси халалдор шудани манфиати оилавӣ гардида, ҳаёти якҷояи минбаъдаи ҳамсарон ва ҳифзи оила дар кулл имконнопазир мегардад. Чун қоида, аз оила яке аз ҳамсарон рафта, бо ҳамсари дуюми собиқ фарзандон боқӣ мемонанд. Онҳо ноболиғон ё болиғоне мебошанд, ки оила барпо накардаанд. Дар мавриди бекор кардани никоҳ оилае, ки танҳо аз ҳамсарон иборат мебошад, оилаи

нопурра ҳисобида шуда, ҳамчун қоида фаъолияташ қатъ мегардад. Қайд кардан лозим аст, ки барои барқарорсозии оилаи муътадил дар ҳолати бекор кардани ақди никоҳ давлат на танҳо наметавонад воқеан ба оила ҳамсари дигариро баргардонад, балки ба таври бояду шояд ба оилаи барҳамхурда ғамхорӣ карда наметавонад. Аз ин ҷо барои оила гирифтани қарзҳои (кредитҳои) имтиёзнок барои гирифтани таҳсили кӯдакон, харидории манзили истиқоматӣ, ашёҳои эҳтиёҷоти рӯзгор ва ғайра имконнопазир мегардад. Дар ин маврид роҳи ягонаи ҳуқуқии ҳалли масъала барқарорсозии таъминоти моддии оилае мебошад, ки дар он яке аз ҳамсарон вуҷуд надорад. Зеро ин оилаи гузошташуда барои ғамхорӣ ниёз дорад [86, с.331]. Умуман, оила набояд молу мулки барои фаъолияти ҳаётӣ заруриро аз даст диҳад. Зимнан, дар ҳолати робитаҳои молумулкии пешина барҳам хӯрдан, муносибатҳои нав дар шароити ҷудошавии ҳамсарони собиқ аҳён ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, тақсими молу мулки оилавӣ бо созиши ҳамсарон на қоидаи пешбинишуда, балки бештар хислати истисноӣ дорад.

Баъди барҳам хӯрдани оила муносибатҳои молумулкӣ дар оила ба танзим эҳтиёҷ доранд, то ин ки манфиатҳои оилавӣ ҳангоми тақсими моликияти умумии ҳамсарон ҳифз карда шавад. Молу мулк дар давраи никоҳ барои таъмини фаъолияти ҳаётии ҳамсарон ва амалинамоии функсияҳои оила ба даст оварда мешавад. Аз ин ҷо, бояд принсипҳои тақсимоти он тавре ба роҳ монда шавад, ки оилаи гузошташуда бо молу мулки зарурии ҳангоми дар никоҳ будан мавҷудбуда, боқӣ монад. То ҳадди ниҳоӣ манфиати оилавӣ вобаста аз имкониятҳои мавҷудаи ҳифзи оилавии оилаи гузошташуда дар сатҳи пештара бо дарназардошти манфиатҳои ноболиғон ва шахсони ғайриқобили меҳнат, инчунин манфиатҳои боиси таваҷҷуҳи ҳамсарон таъмин гардад.

Тақсимоти молу мулки умумии ҳамсарон тибқи қонунгузории Тоҷикистон бо ду тарз - якум, бо созиши ҳамсарон ва сонияи, бо тартиби

судӣ амалӣ карда мешавад. Имконияти аз ҷониби ҳамсарон тақсим кардани молу мулки умумии онҳо дар асоси бастани созишномаҳо оид ба тақсими молу мулки умумии онҳо танҳо дар қ.3 м.38 КО ҶТ мавҷуд мебошад, агарчанде зарурат ба бастани онҳо аз лаҳзаи ҷорӣ намудани реҷаи умумии молу мулки ҳамсарон ба вуҷуд меомада бошад ҳам [169, с.83-84].

Мавриди таваҷҷуҳ ва зикр аст, ки Кодекси оила ва никоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1970 на танҳо созишномаи ҳамсаронро, ки ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои яке аз онҳо равона шудаанд, балки ҳуқуқҳои ноболиғонро (кӯдаконро) низ беэътибор медонист (м.26). Азбаски қонунгузории оилавии ҳамонвақта тартиби ба расмият даровардани созишнома дар бораи тақсими молу мулки умумиро дар байни ҳамсарон ба танзим надароварда буд, нисбат ба онҳо меъёрҳои қонунгузории мадании татбиқ карда мешуд. Вобаста ба ҳамин дар адабиёти ҳуқуқи оилавии замони Шуравӣ чунин пешниҳодот манзур гардид, ки бояд аҳдҳои ҳуқуқи мадании ҳамсарон аз созишномаҳои ҳуқуқи оилавӣ фарқият дошта бошанд. Аз он ҷумла, қайд карда мешуд, ки аҳдҳои ҳуқуқи мадании ҳамсарон аҳдҳо оид ба тақсими молу мулки алоҳидаи онҳо эътироф гардида, ва ба ҳайси аҳдҳои ҳуқуқи оилавӣ бошанд, он аҳдҳое ҳисобида шаванд, ки вобаста ба молу мулки якҷояи онҳо ба вуҷуд меоянд [38, с.134-135]. Имконияти чунин фарқиятро В.П.Никитина бо чунин изҳорот рад намуд, ки табиати ҳуқуқии созиши байни шахсони зикршуда нисбат ба ҳамон як предмет наметавонад вобаста аз он, ки ҳуқуқи моликият на ба як, балки ба ду шахс тааллуқ дорад, иваз шавад. Ба фикри ӯ созиши ҳамсарон оид ба тақсими молу мулки умумӣ аз рӯйи шаклу мазмун бо созишномаҳои ҳуқуқи маданӣ иштирокчиёни моликияти умумӣ монанданд [190, с.58].

Мавқеи табиати маданӣ-ҳуқуқӣ доштани созишномаҳоро М.А. Маҳмудов (Маҳмудзода) қайд карда аст, ки «созишномаи байни

ҳамсарон, ки ба тақсими молу мулки умумии онҳо равона карда шудааст, мақсади муқаррарсозии речаи шахсии молумулкии (умуми ҳиссавӣ ё алоҳидаи) ҳуқуқи маданиро дорад». Ба ақидаи ӯ, «ҳамсарон дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ соҳибихтиёр буда, дар «тобеияти» тарафи дигар қарор надоранд ва ҳуқуқҳои субъективии худро озодона ба амал мебароранд. Нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқи мадании ҳамсарон муқаррароти қонунгузории маданӣ татбиқ гардида, онҳо зери ҳимояи қонунгузории оилавӣ қарор гирифта намешаванд. Вале ҳангоми ба вуҷуд омадани зарурат нисбат ба он муқаррароти қонунгузории маданӣ татбиқ мегардад. Тартиби мазкур кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ ва молумулкии ҳамсарон ба шумор рафта, ҷиҳати таъмин кардани эътидоли муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ нигаронида шудааст» [155, с.21-25].

Ҳамин тавр, ба имзо расонидани созишнома дар бораи тақсими молу мулки ҳамсарон дар Кодекси нави оила ҶТ ба расмият дароварда шуд. Вале қоидаи қ.3 м.38 КО ҶТ оид ба имконияти тақсими молумулки ҳамсарон дар асоси созишнома барои танзими мустақилонаи «ҳуқуқи оилавӣ»-и он кофӣ намебошад. Аммо, мавҷудияти меъёри мазкур дар Кодекси оила аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он сухан дар бораи шартномае меравад, ки бояд ба асосҳои аввалияи қонунгузории оилавӣ мутобиқат намояд. Дар қонунгузории нави оила таваҷҷуҳи асосӣ ва аввалиндараҷа ба меъёрҳои ҳуқуқие дода шудаанд, ки онҳо ба таври ниҳоӣ баробарии ҳамсаронро чи дар давраи ақди никоҳ ва чи дар давраи баъди бекор кардани ақди никоҳ таъмин менамоянд [191, с.74]. Тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон ба ҳиссаи дахлдор бо розигии якҷояи онҳо гузаронида шуда, оид ба он созишнома дар бораи тақсими молу мулк баста мешавад. Мақсади ягонаи чунин созишнома ба ақидаи В.Н. Полозова ва Е.В. Ионова тақсими молу мулки дар давраи никоҳ ба даст оварда мебошад [164, с.28-29]. Мазмуни созишномаро шартҳои

тақсими молу мулки умумии бадастоварда, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо оид ба додани молу мулк ва пардохтҳо вобаста ба амалигардонии тақсими ҷубронҳои пулӣ ташкил медиҳанд [180, с.41].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ созишнома (шартнома) дар бораи тақсими молу мулки умумии ҳамсаронро ҳамчун созишномаи дар вақти никоҳ бастаи ҳамсарон, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсаронро дар мавриди тақсими молу мулки умумии онҳо муайян менамояд, баҳо медиҳанд [138, с.92-100]. Ба ақидаи онҳо, предмети шартномаи мазкур муносибатҳои молумулкии байни ҳамсарон дар ҳолати тақсими молу мулки умумии онҳо мебошад. Ҳамзамон, мавқеи дигарро В.Н. Полозов ва Е.В. Ионова пайгирӣ намуда, таъкид менамоянд, ки предмет ва мақсад дар ҳолати мазкур ба ҳам мутобиқат доранд. Аз рӯйи тасдиқоти ин ду олим, «созишномаи ҳамсарон предмет ва мақсади ягонаи он тақсими молу мулки дар давраи никоҳ ба даст овардаи ҳамсарон буда, бояд бо тартиб ва асосҳои пешбиинамудаи м.38 КО ФР (м. 38 КО ҶТ)» баста шавад [164, с.28-29]. Бояд қайд намоем, ки ҳам созишнома дар бораи тақсими молу мулк ва ҳам шартномаи (аҳдномаи) никоҳ аз ҷониби ҳамсарон оид ба молу мулки онҳо баста мешавад. Аз ин сабаб, объекти онҳо молу мулки ҳамсароне ба ҳисоб меравад, ки ин молу мулк дар давраи никоҳи якҷоя ба даст оварда шудааст.

Мазмуни созишномаро шартҳои тақсими молу мулки умумии бадастоварда, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо оид ба додани молу мулк ва пардохтҳо вобаста ба амалигардонии тақсими ҷубронҳои пулӣ ташкил медиҳанд.

Аз рӯйи мазмуни қ.3 м.38 КО ҶТ маълум мегардад, ки дар созишнома на танҳо тааллуқияти минбаъдаи молу мулкро муайян кардан мумкин аст, балки тарафҳо имконият доранд арзиши он молу мулкеро, ки яке аз онҳо воситаҳои бадастовардаро бе иродаи дуюмин, ба эҳтиёҷоти умумиоилавӣ равона кардааст, низ ба инобат гиранд.

Мақсади бастани созишнома, агар молу мулк тақсимшаванда бошад, муқаррар намудани моликияти алоҳидаи ҳамсарон аз молу мулки умумии онҳо мебошад. Дар дигар ҳолатҳо молу мулк дар моликияти ҳиссагии умумӣ бо муайянсозии тартиби истифодаи он тибқи меъёрҳои Кодекси маданӣ дар бораи моликияти умумӣ амалӣ карда мешавад.

Ба ақидаи мо, созишнома оид ба тақсими молу мулки умумии ҳамсаронро мумкин аст ба созишномаи «дохилиоилавӣ» шомил намуд, зеро он чун қоида, ба манфиатҳои шахсони сеюм дахолат намекунад. Вале пеш омадани мушкилӣ ҳангоми тақсими ашёи бо реҷаи ҳуқуқии махсус, инчунин ҳангоми тақсими саҳмияҳо, ҳиссаҳо, пайҳо, ҳисса ва саҳм дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилотҳои дигари тиҷоратӣ (қ. 4. м. 38 КО ҶТ) дар он ҳолатҳое, ки қонунгузор ба шахсони сеюм додани ҳуқуқу уҳдадориҳоро вобаста ба саҳм дар молу мулки шахси ҳуқуқӣ иҷозат намедиҳад, мумкин мебошад [157, с.120]. Чунин ҳолат нисбат ба пасандозҳое, ки зану шавҳар аз ҳисоби молу мулки умумиашон ба номи фарзандони ноболиғи худ гузоштаанд, рух доданаш мумкин аст. Зеро, молу мулки мутааллиқи фарзандон донисташуда, ҳангоми тақсими молу мулке, ки моликияти якҷояи зану шавҳар мебошад, ба инобат гирифта намешаванд (қ.5. м.38 КО ҶТ). Инчунин, агар ба зан ё шавҳар ҳангоми тақсимот бо хоҳиши онҳо ашёе дода шавад, ки арзиши он аз ҳиссаи барои ӯ муайяншуда зиёд бошад, барои ҳамсари дигари суд метавонад ҷубронпулӣ ё ҷуброни дигар муқаррар намояд( қ.3. м.39 КО ҶТ).

Бояд қайд намоем, ки тақсими молу мулк на ҳама вақт бо таври пурра анҷом дода мешавад. Масалан, ҳамсарон метавонанд дар байни худ танҳо ҳамон ашёҳоро тақсим намоянд, ки то як дараҷа гаронарзиш (хона, мошин) бошанд ва ашёҳои камарзишро (дастгоҳи дарзмолкунӣ, косаю табақ, чангкашак) тақсим накунанд. Дар чунин ҳолат ашёҳои тақсимотнашуда, то он даме моликияти якҷояи онҳо ҳисоб мешавад, ки

онҳо тақсимот нашуда бошанд [45, с.121].

Риояи қоидаҳои қ. 4 ва 5 м. 38 ва қ. 3 м. 39 КО ҶТ барои ҳамсарони созишнома оид ба тақсими молу мулки умумӣ басташуда ҳатмист, зеро меъёрҳои мазкур ба таъмини манфиатҳои молумулкии ноболиғон ва ҳамсарон равона шудааст. Риоя накардани онҳо метавонад боиси беэътибор донистани созишнома оид ба тақсими молу мулки умумӣ гардад. Тибқи қ.1 м.39 КО ҶТ, агар дар аҳдномаи никоҳ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳангоми тақсими молу мулки дар моликияти якҷояи зану шавҳар буда, муайян намудани ҳиссаи онҳо дар ин амал ҳиссаи онҳо баробар granted дониста мешавад. Чунин сурат гирифтани масъала зарурати таваҷҷуҳ доданро дорад. Зеро, меъёри мазкур имконияти аз ҳиссаи умумии молу мулк дасткашиданро ҳангоми дар созишнома муайянсозии ҳаҷми ҳиссаҳо фароҳам меорад. Дар ин ҳолатҳо дасткашии «бесабаб» аз баробарии ҳиссаҳо боиси шубҳа намегардад, зеро ба ҳамсарон кифоя аст, ки розигии принсипалиро ба даст оварда, ҳаҷми дахлдори ҳиссаҳоро дар молу мулки умумӣ нишон диҳанд. Ҳамзамон, усули интихобнамудаи қонунгузор риоя нашудани манфиатҳои оиларо ба ақидаи мо истисно намекунад.

Ҳангоми бастани созишномаи тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон, бояд хусусиятҳои амалишавӣ ва тақсими молу мулки умумии ҳамсарон тибқи шартҳои аҳдномаи никоҳ ба инобат гирифта шаванд. Ҳам аҳдномаи никоҳ (м.40 КО ҶТ), ҳам созишнома оид ба тақсими молу мулки умумии ҳамсарон, ки тибқи қ.3 м.38 КО ҶТ баста шудааст, ба сифати механизмҳои баробари муносибатҳои моликияти якҷоя дар асоси иродаи ҳамсарон пешбинӣ шудаанд. Новобаста аз мавҷудияти қонунгузорӣ оид ба масъалаи мазкур, дар таҷрибаи судӣ татбиқ намудани талаботи аҳдномаи никоҳ ва созишнома дар бораи тақсими молу мулк ва баръакс асоси мустақил ба ҳисоб мераванд. Зимнан, созишномаҳои зикршуда, чун қоида аз рӯйи шакл, предмет, мазмун ва

мақсади бастанашон фарқ мекунанд. Аввало, ҳуқуқи бастани созишномаро ҳамсарон ва собиқ ҳамсарон пайдо менамоянд. Сониян, мазмуну муҳтавои аҳдномаи никоҳ то як дараҷа васеъ буда, ба воситаи созишнома танҳо тақсими моликият муқаррар карда мешавад, ба ғайр аз он тавассути созишномаи бастаашон ҳамсарон ҳуқуқи тағйир додани реҷаи молумулкии якдигарро надоранд. Сипас, қонун ба таври нотариалӣ ба расмият даровардани созишномаро талаб наменамод. Дар ин росто, предмети созишнома танҳо молу мулки воқеии ҳамсарон шуда метавонад. Дар охир онҳо равишҳои гуногун доранд. Шартҳои аҳдномаи никоҳ ояндадор мебошад. Ҳол он, ки ҳангоми ба имзо расонидани созишнома дар бораи тақсими молу мулки ҳамсарон ҳолати бекоркунии аҳди никоҳ дар пеши назар мебошад [63, с.162].

Дар қатори аҳдномаи никоҳ, ки дигар хел тартиби тақсими ҳамон молу мулки умумиро пешбинӣ менамояд, инчунин созишнома оид ба тақсими молу мулки умумӣ дар байни ҳамсарон бо тартиби муқаррарнамудаи қ.3 м.38 КО ҶТ баста шудаанд.

Он ҳолате, ки шартномаҳои (созишномаҳои) мазкур метавонанд аз рӯйи мазмун ягона бошанд ва ҳамзамон боиси имконияти бавуҷуд овардани мушкилиҳои амалӣ гарданд, аз эҳтимол дур нест. Зеро реҷаи моликияти умумӣ метавонад дар аҳдномаи никоҳ як хел ва дар созишномаи тақсими молу мулки якҷоя дигар хел бошад. Ҳамзамон, созишномаи тақсимоти молу мулки якҷоя минбаъд баста шуда, метавонад шартҳои аҳдномаи никоҳро тағйир диҳад. Шакли бастани онҳо низ метавонад фарқ намояд. Аҳдномаи никоҳ тибқи қонунгузорӣ бояд тариқи хаттӣ дар шакли оддӣ баста шавад ва дар нотариус ба расмият дароварда шавад (қ.3. м.41 КО ҶТ). Шакли бастани созишномаи тақсимоти молу мулки якҷояи ҳамсарон дар қонунгузорӣ муқаррар карда нашудааст, ки метавонад боиси номуайянӣ дар шакли бастани онҳо ва асос барои ба вуҷуд омадани баҳс дар байни ҳамсарон гардад.

Чунин номуайянӣ дар қонунгузорӣ бояд бартараф карда шавад. Ҳамзамон, дар давраи никоҳ ҳамсарон метавонанд якчанд созишнома оид ба тақсими молу мулки якҷояро банданд. Қонунгузорӣ инро манъ накардааст. Ин созишномаҳо метавонанд аз рӯйи предмет ба ҳамдигар мувофиқ бошанд, вале шартҳои тақсими онҳо гуногун бошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс ба суд зарур аст, ки масъалаи ҳақиқатан ҷой доштани ҳар як созишномаи бастаи ҳамсаронро бо тартиби муқаррарнамудаи қ. 3. м. 38 КО ҶТ мавриди баррасӣ қарор дода, гуногунии шартҳои тақсими онҳоро муайян намояд. Дар қонунгузории амалкунандаи оилавӣ ҳолати мазкур пешбинӣ карда нашудааст. Ин боиси он мегардад, ки судҳо маҷбуранд эътибор доштани яке аз созишномаҳои бастаи ҳамсаронро бо тартиби муқаррарнамудаи қ.3 м.38 КО ҶТ вобаста аз ҳолати мушаххаси баҳс муайян намоянд. Дар қонунгузорӣ бояд имконият фароҳам оварда шавад, ки ба шакли тақсимоти молу мулки ба манфиати оила бештар ҷавобгӯбуда, новобаста ба баста шудани аҳдномаи никоҳ ва созишнома оид ба тақсими молу мулк мутобиқи қонунгузории амалкунанда, вале шаклҳои гуногуни тақсимро дар бар гирифтани он бартарӣ дода шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки созишнома дар бораи тақсими молу мулки ҳамсарон реҷаи умумии моликияти якҷояро қатъ намуда, моликияти ҳиссагӣ ё ин ки алоҳидаи ҳамсаронро нисбат ба молу мулки ҳангоми заношӯӣ бадастоварда муқаррар менамояд. Дар ин маврид ҳамсарон ҳақ доранд бо хоҳиши худ андозаи ҳиссаи ҳар яке аз ҳамсаронро, ки ҳангоми зиндагии якҷоя ба даст овардаанд, инчунин таркиби молу мулки дар натиҷаи тақсим ба ҳар яке аз ҳамсарон мегузаштаро муайян намоянд.

Дар қ. 1 м. 41 КО ҶТ омадааст, ки аҳдномаи никоҳ метавонад дар давраи заношӯӣ низ баста шавад. Ин чунин маъно дорад, ки реҷаи қонунии молу мулки ҳамсарон мумкин аст, дар ҳар лаҳзаи мавҷудияти

никоҳ ба реҷаи шартномавӣ тағйир дода шавад. Дуруст будани муқаррароти мазкур шубҳаовар мебошад. Чунин ҳолат барои кредиторон метавонад боиси оқибатҳои номусоид гардад, агар яке аз ҳамсарон бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардад. Барои ҳамин ҳам, дар Кодекси оилаи ҶТ ба фикри мо зарурати ҳифзи оқибатҳои номусоиди имконпазири чунин созишномаҳо барои кредиторон бояд пешбинӣ карда шавад. Дар шароити ҳозира дар Ҷумҳурии Тоҷикистон феҳристи ягонаи маълумот дар бораи аҳдномаи никоҳ ё дигар созишномаҳо дар байни ҳамсарон мавҷуд нест. Онҳо дар ҳеҷ ҷо ба қайд гирифта намешаванд. Масалан, ҳангоми содир намудани аҳдҳое, ки зарурати тариқи тасдиқоти нотариалӣ ё бақайдгирии далатии яке аз ҳамсаронро доранд, на нотариус ва на мақомоти бақайдгиранда дар бораи он ки соҳибмулк дар қайди никоҳ мебошад ё не, ягон маълумот надоранд. Аз ин сабаб, ҳангоми бастани чунин аҳдҳо барасмиятдаророндаҳо аз онҳо талаб менамоянд, ки дар бораи дар қайди никоҳ будан ё набудани шахс бо дасти худашон ариза нависанд. Ҳамаи ин проблемаҳо дар амал метавонад боиси даъвоҳои зиёд дар мақомоти судӣ гардад [124, с.143].

Дар ин росто, омӯзиши Кодекси граждании Франсия қобили таваҷҷуҳ мебошад. Тибқи моддаи 1394-и ин Кодекс «Агар яке аз ҳамсарон дар лаҳзаи бастани никоҳ тоҷир бошад ё дар оянда тоҷир шавад, он гоҳ шартномаи никоҳ тибқи шартҳо ва зери тарси гирифтани муҷозоти пешбининамудаи дастурӣ дар феҳристи ба савдо тааллуқдошта бояд нашр карда шавад [43, с.66].

Омили дигаре, ки муҳокимаро бо дарназардошти манфиатҳои оила талаб менамояд, ин ҳадди пешбинии тарафҳо зимни муайянсозии хусусияти робитаҳои молумулки дар шартномаи никоҳ мебошад. Муайянсозии мазмуни шартномаи никоҳ ба ду ҳолат вобастагӣ дорад:

Якум, предмети аҳдномаи никоҳ мувофиқи қонунгузории оилаи Тоҷикистон метавонад танҳо муносибатҳои молумулкии ҳамсарон

бошад. Гурӯҳҳои асосии муносибатҳое, ки танзими онҳо дар аҳдномаи никоҳ имконпазир аст, дар қ.1 м. 42 КО ҶТ муқаррар карда шудаанд.

Дуюм, дар қ.3 м.42 КО ҶТ ҳудуди мазмуни аҳдномаи никоҳ муқаррар кара шудааст. Тибқи он маҳдуд намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии ҳамсарон, инчунин маҳдудкунии ҳуқуқҳои онҳо бо тартиби судӣ, пешбинӣ кардани муқаррароти маҳдудкунандаи ҳуқуқи ҳамсари ғайриқобили меҳнатии эҳтиёҷманд ба гирифтани алименти кафолатдодаи қонун ва воридкунии дигар шартҳое, ки яке аз ҳамсаронро дар ҳолати ногувор мемонанд, имконият дода намешавад. Маҳдудиятҳои мазкур манфиатҳои молмулкии ҳар яке аз ҳамсаронро таъмин намуда, ҳуқуқҳои молмулкии ноболиғро ҳифз менамояд. Қ.3 м.42 КО ҶТ ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсаронро нисбат ба ноболиғон танзим намуда, имконияти вайроншавии манфиатҳои молумулкии ноболиғонро бартараф менамояд. Зимнан, муайянгардонии ҳадди озодии тарафҳои аҳдномаи никоҳ мумкин буда, ва дар ин ҳолат бояд хусусиятҳои манфиатҳои оилавиро ба инобат гирифт. Дар ин ҷо зарур аст, ки ба дигар омил аҳаммият дода шавад. Ба ақидаи Ҳ.Н. Ҳимматов махсусияти хоси шартномаи никоҳ дар он зоҳир мегардад, ки ба ҳайси субъекти он танҳо шахсоне эътироф мешаванд, ки дар вазъи (ҳолати) ҳамсарон қарор дошта бошанд [192, с.155].

Бояд қайд намоем, ки тақсимоти молу мулки умумии ҳамсарон бо тартиби судӣ низ анҷом дода мешавад. Ба суд одатан бо даъво дар бораи тақсими молу мулк дар мавридҳои зерин муроҷиат менамоянд:

1. Дар давраи никоҳ бо сабабҳои гуногун, масалан ҳангоми яке аз ҳамсарон қисми молу мулки худро ҳамчун туҳфа ба хешони наздики худ додан ё барои адо намудани қарзҳои худ харҷ кардан;

2. Қатъ гардидани муносибатҳо дар байни ҳамсарони дар ақди никоҳ карордошта;

3. Қатъ гардидани ақди никоҳ;

4. Мурочиат барои ситонидан аз ҳиссаи яке ҳамсарон аз молу мулки умумии онҳо ҳангоми бо талаби кредиторҳо дар бораи молу мулки умумии ҳамсарон [165, с.73-74].

Масъалаи асосии дар суд ҳангоми тақсимоти молу мулки умумии ҳамсарон бавуҷудоянда аз он иборат мебошад, ки бо кадом ҳисса бояд молу мулк дар оила тақсим карда шавад. Кодекси никоҳ ва оилаи РСС Тоҷикистон соли 1970 имконияти аз ҷониби суд ба инобат гирифтани манфиатҳои фарзандони ноболиғ ё манфиати зан ё шавҳари сазовори таваҷҷуҳро ҳангоми тақсими молу мулки умумии ҳамсарон муқаррар намуда буд (м. 21). Кодекси оилаи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд ҳуқуқ медиҳад, ки аз баробарии ҳиссаи ҳамсарон вобаста аз манфиатҳои фарзандони ноболиғ, инчунин фарзандони болиғи корношоями эҳтиёҷманд ё манфиати қобили таваҷҷуҳи зан ё шавҳар даст кашад ва имконияти зиёд намудани онро ба суд додааст. Ҳиссаи зан ё шавҳар бо дарназардошти корношоямии онҳо, инчунин агар яке аз онҳо бо сабабҳои узрнок даромад нагирифта бошад ё молу мулки умумиро бар зарари манфиати оила сарф карда бошад, инчунин дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои дигари қобили таваҷҷуҳ мумкин аст зиёд карда шавад (қ.2 м.39). Далели он мисоли зерини таҷрибаи судӣ шуда метавонад. Шаҳрванд Кенҷаева Р. А. дар асоси парвандаи оилавӣ шаҳрванд Кенҷаев М.Э-ро ҷиҳати ба ҷавобгарӣ кашидан бобати тақсим намудани молу мулки якҷояашон-манзили истиқоматӣ ба суд даъват намуд. Аз суд хоҳиш намуд, ки манзили истиқоматии воқеъ дар суроғаи ш. Ҳисор, ҷамоати шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Озодӣ, хонаи №32 ҳамчун моликияти якҷояи ӯ ва ҷавобгар Кенҷаев М. Э. бо дарназардошти манфиати фарзандонашон аз рӯйи ҳиссаи доштаашон тақсим карда шавад.

Ҷавобгар Кенҷаев М.Э. дар маҷлиси судӣ даъворо эътироф намуд. Ӯ аз суд хоҳиш намуд, ки даъвои Кенҷаева М.Э. қонеъ карда шуда, манзили истиқоматӣ - ҳамчун моликияти якҷояи ӯ ва даъвогар Кенҷаева

Р.А. дар байнашон тақсим карда шавад. Вале, тарафҳо бо роҳи созиш молу мулки якҷояашон, яъне манзили истиқоматиро оид ба зиёд намудани ҳиссаи даъвогар Кенҷаева Р. А. тақсим карда натавонистанд ва ҳалли масъаларо ба суд вогузор намуданд. Дар маҷлиси судӣ муайян карда шуд, ки ҳар ду тараф - Кенҷаева Р.А. ва Кенҷаев М.Э. аз ҳаёти якҷояашон соҳиби ду нафар фарзанд: Кенҷаева Насиба- соли таваллудаш 1994 ва Мансури Муродулло - соли таваллудаш 2001 гардидаанд, ки як нафар фарзандони онҳо, яъне Мансур айни замон ноболиғ буда, онҳо бо ҳамроҳии даъвогар Кенҷаева Р. А. дар манзили истиқоматиии баҳсӣ дар ҳуҷраи зисти 8,5 мм зиндагонӣ ва дар таъминоти даъвогар қарор доранд. Илова бар ин, даъвогар Кенҷаева Р.А. айни замон бекор, яъне корношоям буда, ягон манбаи даромади моддии муайян низ надорад. Суд аз шиносномаи техникии манзили истиқоматии баҳсӣ муайян намуд, ки манзили истиқоматӣ аз масоҳати фоиданоки 40,5 мм, аз ҷумла манзили истиқомати 19,6 мм, ки як ҳуҷрааш 11,1 мм ва дигараш 8,5 мм ва даҳлез масоҳаташ 20,9 мм ва иншооти ёрирасон иборат мебошад. Қайд карда шуд, тибқи талаботи банди 17 Қарори Пленуми Суди Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз саннаи 29 майи соли 2003, № 10 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ» ҳангоми тақсими молу мулке, ки моликияти умумии зану шавҳар мебошад мувофиқи қ. 2 м. 39 КО ҶТ «суд метавонад ҳиссаи зан ё шавҳарро дар молу мулки умумиашон бо дарназардошти манфиати фарзандони ноболиғ, инчунин фарзандони болиғи корношоями эҳтиёҷманд ё манфиати қобили таваҷҷуҳи зан ё шавҳар, зиёд кунад. Ҳиссаи зан ё шавҳар бо дарназардошти корношоямии онҳо, инчунин агар яке аз онҳо бо сабабҳои узрнок даромадро нагирифта бошад ё молу мулки умумиро ба зарари манфиати оила сарф карда бошад, инчунин дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои дигари қобили таваҷҷуҳ мумкин аст, зиёд карда

шавад. Аз ин рӯ, метри мураббаи ҷойи зисти Кенҷаева Р.А. зиёд карда шуда, ба ӯ ҳуҷраи зисти масоҳаташ 11,1 метри мураббаъ ва ба Кенҷаев М.Э. ҳуҷраи зисти масоҳаташ 8,5 метри мураббаъ ҷудо карда шуд» [230].

Зимнан, зиёдкунии ҳиссаи яке аз ҳамсарон (ва мутаносибан камкунии ҳиссаи дуюмин) набояд ҷуброн карда шавад. Гузашта аз он, ба андешаи Маҳмудзода М. А. «омилҳое мушоҳида мегарданд, ки яке аз ҳамсарон ба ҳар роҳу восита кӯшиш мекунанд, ки ҳамсари худро аз ҳуқуқҳои молумулкӣ ба моликияти якҷоя маҳрум намуда, принсипҳои муҳимми ҳуқуқи оилавӣ ва меъёрҳои ахлоқиро сарфи назар карда, аз барасмиятдарории давлатии ақди никоҳ саркашӣ кунанд. Дар натиҷа, он ҳамсари манбаи даромад ва моликияти алоҳида надошта, аз ҳифзи меъёрҳои қонунӣ нисбат ба ҳуқуқ ба моликияти якҷоя бархӯрдор нагардида, ҳуқуқу манфиатҳояш халалдор мешаванд» [154, с.27-32].

Бояд қайд намоем, ки гузашткунӣ аз баробарии ҳиссаҳо ҳангоми тақсимоти молу мулки умумии ҳамсарон ин ба эътибор гирифтани манфиатҳои ноболиғон ва манфиати яке аз ҳамсарони қобили таваҷҷуҳ буда, ҳангоми баррасии парванда дар суд бояд дар ҳалномаи он ин гузашткунӣ нишон дода шавад [63, с.151]. Ба инобат гирифтани манфиатҳои ноболиғон ҳангоми тақсимоти молу мулки умумии ҳамсарон ба ақидаи мо, аз он иборат аст, ки бо бекор шудани ақди никоҳ оила шакли нопурра мегирад, вале бояд вазифаҳои худро идома дода, ба ноболиғон (кӯдакон) шароитҳои мусоидро барои тарбия ва рушд амалӣ намояд. То он вақте, ки падару модар якҷо зиндагӣ мекарданд, кӯдакон аз молу мулки умумии онҳо истифода менамуданд, аз ин рӯ тақсимоти он бевосита ба манфиатҳои ноболиғон дахолат мекунад. Манфиатҳои кӯдакони ноболиғ ва болиғ, «номустақил», ки ҳанӯз оилаи худро ҳамчун истифодабарандаи молу мулк ташкил накардаанд, вайрон мешавад. Манфиат дар истифодаи дурусти тақсими молу мулк барои ноболиғон чун қоида, то ташкили оилаи худ чораи муваққатӣ мебошад. Вале дар

байни онҳоноболиғони ғайри қобили меҳнат низ мебошанд, ки дар оилаи ҷудошуда бе имконияти ташкили оилаи худ зиндагӣ кардан мегиранд. Манфиатҳои онҳо чун истифодабаранда бо дороиҳои муваққатӣ маҳдуд намешавад, бинобар ҳамин лозим аст, ки на танҳо манфиатҳои ноболиғон, балки манфиатҳои болиғи ғайриқобили меҳнат низ ба назар гирифта шаванд [157, с.118-119].

Бояд қайд намоем, ки тақсими молумулки ҳамсарон метавонад бевосита манфиатҳои ноболиғонро ҳамчун соҳибмулк халалдор намояд. Муқаррарот оид ба додани ашёи ноболиғ ба ҳамсаре, ки бо ӯ кӯдак минбаъд зиндагӣ мекунад, бе дарназардошти арзиши онҳо дар ҳиссаи ин ҳамсар аз ҷониби судҳо таҳия ва илман асоснок карда шудааст. Зикр бояд намуд, ки соҳибмулки ин ашё кӯдакон мебошанд, зеро амалишавии уҳдадориҳо аз ҷониби падару модар вобаста ба нигоҳубини кӯдак дар харидории молу мулки ба кӯдак зарурӣ, ки бевосита барои қонеъгардонии талаботи синнусолии ӯ истифода мешаванд, инъикос меёбад. Чунин муқаррарот дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардидааст. Ашёе, ки махсус барои қонеъ гардонидани талаботи фарзандони ноболиғ харида шудаанд (либос, пойафзол, лавозимоти мактаб ва варзиш, асбобҳои мусиқӣ, китобҳои кӯдакона ва ғайра) ба ихтиёри зан ё шавҳаре, ки фарзандон бо онҳо зиндагӣ мекунанд дода шуда, тақсим карда намешавад (қ. 5 м. 39 КО ҶТ).

Дасткашӣ аз баробарии ҳиссаи ҳамсарон бо дарназардошти манфиати кӯдакон танҳо дар он ҳолатҳое бояд имконпазир бошад, ки бе зиёдшавии ҳисса шароитҳои зарурӣ барои тарбияи ноболиғон таъмин карда намешаванд. Ба шумули онҳо метавон баҳсҳо оид ба тақсими хонаи истиқоматии ҳамсарон ё саҳм дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагиро дохил намуд.

Диққати махсус бояд ба ҳолатҳое дода шавад, ки вақте бо яке аз ҳамсарон кӯдакони бемор ва фарзанди маъюб, ки ба нигоҳубини доимӣ

ва табобат эҳтиёҷ доранд, зиндагӣ мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо ба андешаи мо судҳо ҳама вақт ҳиссаи молу мулки ҳамсарро бо инобати ба он дохил намудани молу мулке, ки ба шароити манзилию маишӣ (яхдон, мошини ҷомашӯйӣ, кондитсионер, таҷҳизоти тиббӣ) моҳиятан таъсир мерасонанд, бояд зиёд намоянд. Бояд қайд намоем, ки дар ҳолатҳои ба яке аз ҳамсарон мондани фарзанди маюб на танҳо манфиатҳои ӯ дар лаҳзаи тақсимоти молу мулк, балки манфиатҳои минбаъдаи вай баъди ба балоғат расидан, ки ғайри қобили меҳнат мемонад ва одатан дар оилаи падару модар зиндагӣ мекунад, инчунин имконияти ташкили оилаи алоҳидаро надорад, ба назар гирифта шавад.

Баъдан,  ба як ҳолати дигар бояд диққат дод, ки манфиатҳои умумиоилавӣ  ҳангоми мавҷуд будани он ба назар гирифта шаванд. Дар қ. 2 м. 39 КО ҶТ сухан дар бораи ҳуқуқи суд ҷиҳати даст кашидан аз баробарии ҳиссаи ҳамсарон аз молу мулки умумӣ «вобаста аз манфиатҳои фарзандони ноболиғ ва (ё) манфиати ҷиҳати таваҷҷуҳи яке аз ҳамсарон» меравад. Дар ин ҷо масъала оид ба ҳудуди нуқтаи назари судӣ ҳангоми баррасии парванда, ки дар як вақт баинобатгирии манфиатҳои фарзандони ноболиғ ва яке аз ҳамсаронро талаб менамоянд, ба вуҷуд меояд. Оё суд ҳуқуқ дорад ба яке аз манфиатҳо бартарӣ диҳад ё бояд маҷмӯи манфиатҳоро ба инобат гирад. Тавзеҳи қ. 2 м. 39 КО ҶТ бевосита ба суд вобаста аз ҳолати мушаххас ҳуқуқи баинобатгирии ҳам манифати фарзандони ноболиғ ва ҳам манфиати яке аз ҳамсарони қобили таваҷҷуҳро бо ҳар тарз пешниҳод менамояд. Васеъ намудани ҳудуди нуқтаи назари судӣ, ба андешаи мо аз мавқеи танзими воқеии муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ дуруст мебошанд.

Қайд менамоем, ки ба андешаи мо дар баҳсҳои судӣ таносубии шаклҳои гуногун ва баинобатгирии манфиатҳои молу мулки имконпазир мебошад. Асос барои даст кашидан аз баробарии ҳиссаҳо дар моликияти умумиро қонунгузор эътироф мекунад, аз ҷумла манфиати яке аз

ҳамсарон, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад ва баинобатгирии онҳо қаблан дар таҷрибаи судӣ маълум набуд.

Бояд қайд намоем, ки манфиат худ аз худ асос барои дасткашӣ аз баробарии ҳисса буда наметавонад, он бояд ба гурӯҳи қобили таваҷҷуҳ шомил шавад. Аз ин рӯ, ҳам дар илм ва ҳам дар таҷрибаи судӣ, манфиати ҳамсар бояд ба инобат гирифта мешуд, агар ҳамсар дорои дигар манбаи даромад ғайр аз моликияти якҷояи умумӣ набошад ва дар оянда зиндагии худро мустақилона таъмин карда натавонад. Сабабҳо метавонанд гуногун бошанд – маъюбӣ, ғайриқобили меҳнат, беморӣ, нигоҳубини кӯдак, пешбурди хоҷагӣ, синну сол, набудани ихтисос ва ҳолатҳои дигаре, ки аз ҳолати мушкили ҳамсар шаҳодат медиҳанд. Дар ҳолатҳои барррасии даъво ҳамсарон дар ҳолати асабоният қарор гирифта буданд, бинобар ин судҳо зимни тақсимот яке аз онҳоро эҳтиёҷмандтари молу мулки умумӣ эътироф менамуданд [151, с.55]. Агар ҳар яке аз ҳамсарон манфиатдор ба он бошанд, ки манфиати онҳо бояд ба инобат гирифта шавад, пас зарур аст, ки муайян карда шавад кадом манфиат бартарӣ дорад. Чи тавре маълум аст, ба ҳифзу ҳимоя манфиати он ҳамсаре эҳтиёҷ дорад, ки он ба манфиати умумиоилавӣ – манфиати ҳамсаре, ки ба зиммаи ӯ минбаъд амалигардонии вазифаи сардори оилаи нопурра вогузор мешавад, мутобиқат мекунад.

Ҳангоми тақсимот имконияти қонунии даст кашидан аз баробарии ҳиссаҳо вуҷуд дорад, хусусан агар ҳамсар бо сабабҳои узрнок даромад нагирифта бошад, яъне молу мулки оилавиро зиёд накард ё ин ки молу мулки умумии ҳамсаронро бар зиёни манфиатҳои оила хароҷот намояд (қ. 2 м. 39 КО ҶТ). Узрнокии сабаб аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Ҳамзамон, бояд ба инобат гирифт, ки ба инҳо тибқи қ.3 м.34 КО ҶТ қонунгузор пешбурди хоҷагӣ, нигоҳубини фарзандон ё бо сабабҳои узрнок даромади мустақилона надоштанро дохил намудааст.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни мурофиаи судӣ ҳолатҳоеро ошкор кардан

мумкин аст, ки суд онҳоро ба назар гирифта, ҳиссаҳоро метавонад нобаробар тақсим намояд, аз ҷумла:

а) агар бо ҳамсар кӯдакони ноболиғ зиндагӣ кунанд;

б) ҳиссаи яке аз ҳамсарон кам карда мешавад, агар вай ба исрофкорӣ дар оила роҳ дода бошад, бе сабабҳои объективӣ кор накарда бошад ва хоҷагии оилавиро набурда бошад;

в) ҳиссаи яке аз ҳамсарон зиёд карда мешавад, агар бо сабабҳои узрнок кор накарда бошад ва ба оила маблағ наоварда бошад. Масалан, бо сабаби бемори [176, с.63-64].

Гурӯҳи махсусро он баҳсҳое ташкил медиҳанд, ки онҳо ба ҳамсарон бо ҳуқуқи моликият тааллуқ доштани коғазҳои қиматнок, пай, саҳм, ҳисса дар сармояи ташкилотҳо робита доранд ва аз ҳисоби даромадҳои умумӣ харидорӣ шудаанд ва вақте саҳмҳо (ҳисса, пай ) ва ҳуқуқҳои ба онҳо дахлдошта объекти тақсим гарданд.

Ҳамсари иштирокчии ташкилоти тиҷоратӣ набуда бебаҳс ба ҷуброни пулӣ, ки аз ҷониби ҳамсар-иштирокчӣ пардохта мешавад, ҳуқуқ дорад.

Ба андешаи А.Г Басистов «бебаҳс муайян кардани танҳо ҳуқуқи ҷуброни пулӣ ҳангоми тақсимот ба ҳамсаре, ки муассиси ташкилоти тиҷоратӣ намебошад, қисми ҳуқуқи он вобаста ба соҳибии саҳмҳо ё ҳиссаҳо, аз ҷумла ҳуқуқи минбаъда гирифтани фоидаро маҳрум мекунад» [129, с.77]. Мавқеи муаллиф ҳангоми баррасии масъалаи ҳуқуқҳои уҳдадории ҳамсар зимни мавҷудияти саҳмҳо ( ҳисса, пай) дар сармояи ташкилоти тиҷоратӣ харидоришуда ифода карда мешавад.

Рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фазои маҷозӣ тавассути шабакаи Интернет боиси бавуҷудоии объектҳои нави муносибатҳои маданӣ гардид. Муносибатҳои молумулкии, ки оид ба моликияти умумии ҳамсарон, аз он ҷумла тақсими онҳо ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ ба вуҷуд меоянд, зарурати танзими ҳуқуқиро тақозо

менамояд. Бахусус, ҳуқуқи рақамӣ, пули рақамӣ (электронӣ), IP-суроға, интернет сайт ва дигар ҳуқуқҳое, ки ба дорандаи онҳо на танҳо шараф, балки фоидаи назаррасро мебиёранд. Дар шароити ҳозира қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон объектҳои зикршударо, ки дорои арзиш мебошад, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун молу мулк ҳисоб наменамояд. Вале ба ақидаи мо номгӯйи объектҳои ҳуқуқи мадание, ки дар м.136 КМ ҶТ пешбинӣ карда шудааст кушода буда, онҳоро ба категорияи «дигар молу мулк» дохил намудан мумкин аст. Тибқи талаботи Кодекси оила объекти мазкур моликияти якҷояи ҳамсарон ҳисобида намешавад. Вале дар адабиёти ҳуқуқӣ на танҳо объектҳои зикршуд, балки аккуанте, ки арзиш дорад, новобаста аз он, ки он дар номи кадом ҳамсар ба қайд гирифта шудааст, моликияти умумии ҳамсарон ҳисоб мегардад. Барои ҳамин молу мулки мазкур тибқи аҳдномаи никоҳ, ё ин ки бо талаби ҳар кадоме аз ҳамсарон бояд тақсим гардад [145, с.281]. Аз лиҳози таҷриба соҳиби объектҳои зикршуда барои гирифтани даромад бояд ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шавад. Дар ин маврид маблағ ба суратҳисоби шахси муайян ворид мешавад, яъне шахсе, ки объектҳои мазкур ба номи ӯ ба қайд гирифта шудааст. Бо ин тасдиқот дар байни ҳамсарон на худи бизнес (соҳибкорӣ), балки даромад аз чунин фаъолият ва молу мулки дар ин бизнес дарҷгардида тақсим карда мешавад. Дар ҳолати барасии баҳс дар суд оид ба даромад аз онҳо ҳамчун моликияти ҳамсарон дар бештар маврид судҳо ба яке аз ҳамсарон ҳисса (саҳм)- ро эътироф намуда, ба дигараш ҷубронро таъин (руёнида медиҳанд) менамоянд [122].

Ҳамин тавр, ба андешаи мо дар қонунгузории амалкунанда нисбат ба ҳуқуқҳои молумулкии дар боло зикргардидае, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун дороии муайяне, ки даромад мебиёрад, холигӣ мавҷуд мебошад. Дар айни ҳол судҳо ба як қарори аниқ омада наметавонанд, ки ба ин молу мулк чи тавр дуруст муносибат намоянд. Дар вазъи имрӯза тартиб додани созишнома дар бораи истифодаи дороии мазкур ё ин ки

тартиб додани аҳдномаи никоҳ бо дарназардошти тақсимоти дороии мазкур роҳи ҳалли масъала шуда метавонад. Ҳамзамон, бояд қайд намоем, ки агар нисбат ба худи ҳуқуқҳои молумулкӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ягонагӣ набошад ҳам, он гоҳ ба даромаде, ки аз чунин фаъолият ба даст оварда мешавад ҳама чиз фаҳмо мебошад. Кодекси оилаи ҶТ муайян менамояд, ки ба моликияти умумӣ ҳамаи даромадҳои ҳамсарон, аз ҷумла даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ ва натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ дохил мешавад. Аз ҳамин сабаб даромаде, ки тавассути ҳуқуқҳои молумулкии зикргардида дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи тарзҳои гуногуни монетизатсия, қарордодҳои рекламавӣ ба даст оварда мешавад, ҳамчун моликияти ҳамсарон муайян карда мешавад. Албатта, ҳамсарон метавонанд аҳдномаи никоҳ баста, бо розигии тарафайн ҳамаи дороиҳои молиявиро тақсим намоянд, вале дар қонунгузорӣ бояд механизми танзимкунандаи чунин объектҳо мавҷуд бошад.

Таҳқиқоти дар доираи боби мазкур гузаронидашуда ба мо имконият медиҳад, ки ба хулосаҳои зерин биёем:

1. Мафҳуми “молу мулк” на дар қонунгузории маданӣ ва на дар қонунгузории оилавӣ шарҳ дода нашудааст. Танҳо дар қисми 2 м.136 КМ ҶТ ба молу мулк ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ ашё, аз ҷумла пули накд (асъори хориҷӣ), коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ, натиҷаи кор ва хизматрасонӣ, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ (моликияти зеҳнӣ), воситаҳои пулии ғайринакдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат дохил мешаванд. Чи тавре, ки аз мазмуни қисми мазкур маълум мегардад мафҳуми молу мулк гуногунмаъно мебошад. Вай на танҳо маҷмуи объектҳои моддиро дар бар мегирад, балки ҳуқуқҳои молумулкӣ ва уҳдадориҳои субъективиро низ дар бар мегирад. Аз ҷумла, уҳдадориҳои қарзӣ оид ба додани маблағ ва ҳуқуқи талаб намудани онро дар бар мегирад. Зимнан, тибқи моддаи мазкур мафҳумҳои “молу мулк” ва “ дар ҳуқуқи оилавӣ ба ҳайси муносибатҳои

байни ҳамсарон ҳамчун воситаи амалигардонии манфиати ҳамсарон хизмат менамоянд.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мафҳуми “молу мулк” сухан нарафта, балки сухан дар бораи моликияти якҷояи (муштараки) зану шавҳаре, ба монанди даромад, ашё, аз ҷумла пули нақд, коғазҳои қиматнок ва ғайра, ки дар давраи зиндагии якҷоя ҷамъ кадаанд, меравад.

Дар шароити ҳозира масъалаи объектҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқи оилавӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои хусусӣ дар фазои маҷозӣ хело мубрам мебошад. Ҳоло ба ҳайси ин объектҳо метавонанд, ҳуқуқи рақамӣ, пули рақамӣ (пули электронӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла сервер (домен, IP-суроға ва интернет сайт) [75, с.84-92] ва ғайра ҳамчун объекти молу мулки якҷояи ҳамсарон бошанд. Ба ақидаи мо, ба таври мушаххас нишон додани онҳо дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бисёр масъалаҳои номуайяни тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон, аз ҷумла истифодаи онҳоро дар доираи оила ва аъзои он ба танзим дарорад.

2. Вобаста ба масъалаи “реҷаи ҳуқуқӣ”, агарчанде он дар баъзе соҳаҳои ҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта бошад ҳам, вале дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус дода нашудааст. Реҷаи ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи оилавӣ, ба монанди ҳамаи соҳаҳои дигар барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ин ё он объекти ҳуқуқи оилавӣ равона карда шудааст. Реҷаи ҳуқуқии оилавӣ оид ба танзими ҳуқуқии манфиатҳои оилавии моликияти аъзои оила муносибати низомнокиро талаб намуда, маҷмуи воситаҳои ҳуқуқиеро фаро мегирад, ки дар асоси онҳо объекти мушаххасро соҳибӣ кардан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардан мумкин аст.

Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон ба ақидаи мо, ҳамчун маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие бояд фаҳмида шавад, ки меъёрҳои иҷозатдиҳӣ,

манъкунӣ ва ухдадориҳои мусбатро дар бар гирифта, имконияти истифодаи молу мулкро тибқи қонун ва (ё) шартнома вобаста ба манфиати умумиоилавӣ ва (ё) манфиати алоҳидаи ҳар яке аз ҳамсарон ба танзим медарорад.

3. Дар ҳолати мавҷудияти созишнома оид ба тақсими молу мулке, ки ҳамсарон бо тартиби муқаррарнамудаи қ. 3 м. 38 КО ҶТ бастаанд ва аҳдномаи никоҳ, ки тартиби дигари тақсими чунин умумияти молу мулкро пешбинӣ менамоянд ё ҳангоми мавҷудияти якчанд созишнома бо шаклҳои гуногуни тақсими ҳамон як умумияти молумулкӣ, судҳо бояд ҳар як созишномаро аз мавқеи мутобиқати он ба меъёрҳои боэътибории аҳдҳо баррасӣ намоянд. Зимнан, агар аҳдномаи никоҳ ва созишнома оид ба тақсими молу мулки мутобиқи қонунугузории амалкунанда басташуда бошанд, бояд бартарият ба варианти тақсиме дода шавад, ки бештар ба манфиати оилавӣ ҷавобгӯ бошад, новобаста аз он ки он дар созишнома оид ба тақсим ё аҳдномаи никоҳ пешбинӣ шудааст.

4. Қ. 1 м. 39 КО ҶТ зарурият ба аниқ намуданро дорад. Аниқсозӣ имкон медиҳад, ки созишномаи ҳамсарон оид ба тақсимоти молу мулки умумӣ дар он ҳолатҳое беэътибор эътироф карда мешавад, ки агар тақсимоти мувофиқанамудаи моликияти оилавии ҳамсарон манфиатҳои оиларо вайрон намуда бошад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки қ.1 м.39 КО ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳангоми тақсимоти молу мулки умумии ҳамсарон ва муайян намудани ҳисса (саҳм)-ҳо дар ин молу мулк ҳиссаи (саҳми) ҳамсарон баробар эътироф мешаванд, агар дигар муқаррарот дар аҳдномаи (шартномаи) байни ҳамсарон пешбинӣ нашуда бошад ва ба манфиатҳои оила мухолифат накунад.».

5. Молу мулки умумии ҳамсарон бояд бо дарназардошти амалигардонии минбаъдаи вазифаҳои оилавӣ тақсим карда шаванд. Дар ин маврид зарурати баинобатгирии манфиатҳои на танҳо фарзандони

ноболиғ, балки фарзандони болиғи ғайриқобили меҳнат низ ба назар гирифта мешавад. Бо дарназардошти зиёдкунии мақсадноки ҳиссаи (саҳми) ҳамсаре, ки бо он фарзандони ноболиғ ё фарзандони болиғи ғайриқобили меҳнат минбаъд зиндагӣ мекунанд, қ.2 м.39 КО метавонад дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Суд ҳуқуқ дорад аз баробарии ҳиссаи (саҳми) ҳамсарон дар молу мулки умумии онҳо, вобаста ба манфиатҳои умумиоилавӣ, манфиатҳои ноболиғон ва фарзандони болиғи ғайриқобили меҳнати эҳтиёҷманд ва (ё) вобаста ба манфиати яке аз ҳамсари қобили диққат, хусусан дар ҳолатҳое, ки агар ҳамсари дигар бо сабабҳои узрнок даромад нагирифтааст ё молу мулки умумиро ба зарари манфиатҳои оила харҷ намудааст, даст кашад. Ҳангоми зиёдкунии ҳиссаи(саҳми) ҳамсар дар молу мулки умумӣ бо дарназардошти манфиатҳои кӯдакон молу мулки дахлдор метавонад ба истифодаи бемузди кӯдакон то лаҳзае, ки онҳо тавонанд талаботи дахлдори худро қонеъ гардонанд, дода шавад.».

# БОБИ 3. ПРОБЛЕМАҲОИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ УҲДАДОРИИ ҲАМСАРОН ДАР МАНФИАТИ ОИЛАВӢ

## 3.1. Таъмини ҳуқуқии манфиати оилавӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон

Қайд кардан бамаврид аст, ки муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадорӣ бо иштироки ҳамсарон - кредиторҳо дар адабиёти ҳуқуқии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи махсус нагардиданд. Онҳо дорои баъзе хусусиятҳои ба худ хос мебошанд. Аввало, ҳамсарон метавонанд ҳам субъекти муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, ва ҳам ҳуқуқи маданӣ, ё бисёр вақт аз ҳардуяшон бошанд. Аз ин ҷо фарқ кардани муносибатҳое, ки дар асоси онҳо уҳдадориҳои ҳамсарон ба вуҷуд меоянд ба ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ дар баъзе мавридҳо душвор мебошад. Зеро, танзими онҳо ба воситаи меъёрҳои соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд.

Дигар тарафи масъала он аст, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳамсарон метавонанд ба ҳайси кредитор ва қарздор баромад намоянд. Муносибатҳое, ки дар асоси ҳуқуқи уҳдадории ҳамсар-кредитор ва ҳамсар-қарздор ба вуҷуд меоянд аз мавқеи танзимнамоии манфиатҳои оилавӣ тафовут доранд. Зимни дар уҳдадориҳо ба сифати қарздор баромад намудани ҳамсар, муносибатҳои мазкур чун қоида дар радифи меъёрҳои қонунгузории маданӣ тавассути меъёрҳои қонунгузории оилавӣ, ки тартиби руёнидан ва кафолати ҳуқуқҳои кредиторонро муқаррар менамоянд, ба танзим дароварда мешаванд.

Чи тавре, ки қайд кардем ҳамсарон, аз он ҷумла яке аз онҳо низ метавонанд қарздорони уҳдадориҳои ҳуқуқи маданӣ бошанд. Дар ин маврид асосҳои бавуҷудоии уҳдадориҳо ва ҷавобгарии иштирокчиёни онҳо низ бо меъёрҳои қонунгузории маданӣ ба танзим дароварда мешаванд. Қонунгузории оилавӣ бошад тартиби ситонидани ҷубронро аз молу мулки умумии ҳамсарон ва аз молу мулки ҳар яке аз ҳамсарон

тибқи реҷаи қонунии молу мулк ва кафолати ҳуқуқи кредиторон, инчунин дар асоси реҷаи шартномавии молу мулк муайян менамояд. Агарчанде, ки имконияти бавуҷудоии муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадорӣ дар байни ҳамсарон ҷой дошта бошанд ҳам, вале масъалаҳои ҷавобгарии ҳамсарон оид ба ин уҳдадориҳо, ба истиснои уҳдадориҳои алиментӣ [34, с.272], дар назарияи ҳуқуқи оилавӣ ва қонунгузории он мавриди пажуҳиши мушаххас ва алоҳида қарор нагирифтааст. Аз ин сабаб, масъалаи мазкур ба омӯзиш ва таҳқиқот ниёз дорад. Дар робита бо ин, қайд кардан бамаврид аст, ки Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моликияти якҷояи зану шавҳар даромадҳоеро дохил менамояд, ки дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва зеҳнӣ дар давоми заношӯӣ ба даст оварда шудаанд. Ба онҳо инчунин, нафақапулӣ, ёрдампулӣ ва пардохтҳои пулии дигари гирифтаашон, ашёҳои харидоригашта, коғазҳои қиматнок, саҳмия, пай ва ҳама гуна молу мулки манқул ва ғайриманқули дар давоми заношӯйӣ ҷамъкардаашонро, сарфи назар аз он, ки ба номи кадоме аз онҳо харида шудааст, дохил менамояд (қ.2 м.34). Аз нишондоди моддаи мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузор агарчанде ки номгӯйи то дараҷае васеи объектҳои ҳуқуқи мадании муосирро ба молу мулки умумии ҳамсарон дохил намояд ҳам, вале уҳдадориҳои қарзиро ба ҳайси предмети мустақили тақсим дохил наменамояд. Ба ақидаи Е.А. Чефранова «мафҳуми «молу мулки умумӣ» хислати ҷамбасткунанда дошта, дар худ на танҳо ашёву ҳуқуқҳои ашёӣ, балки дар давраи ҳаёти якҷоя дар заминаи моликияти умумӣ талабҳои уҳдадоригии бавуҷудомадаро дар бар мегирад. Зеро, ба таркиби молу мулки ҳамсарон метавонанд ҳам ҳуқуқи талабкунӣ (масалан, ҳуқуқ ба гирифтани қарз, суд, ҷуброни суғуртавӣ), ҳам уҳдадориҳо оид ба иҷрои қарзҳо (масалан, қарзҳои пардохткарданашуда барои сохтмони хона, қарз барои ба кредит гирифтани ашёҳо) дохил шаванд» [179, с.12]. Бояд қайд намоем, ки қарзи ҳамсарон мумкин аст дар натиҷаи аз бонк

гирифтани кредит барои сохтани молу мулки ғайриманқул, дар натиҷаи зараррасонии якҷояи ҳамсарон, уҳдадорӣ оид ба расонидани хизмат ва ғайра бавуҷуд биёяд.

Чи тавре, ки маълум аст, қарзи як шахс дар як вақт метавонад ҳуқуқи талабкунии шахси дигар бошад [87, с.42-43]. Аз ин қарзи гирифтаи ҳамсарон ҳангоми дар никоҳ будани онҳо истисно намебошад. Вале масъалаи дохил намудани қарзҳо ба таркиби молу мулки ҳамсарон дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ баҳснок мебошад. Ба ақидаи баъзе муаллифон қарзҳо ба таркиби моликияти умумии якҷояи ҳамсарон дохил намешаванд ва қонунгузорӣ ба молу мулки умумӣ танҳо ҳуқуқҳои молумулкиро дохил менамояд [30, с.65]. Е.А. Ламейкина бо ақидае ҳамфикр мебошад, ки «тибқи он аз моҳияти қ.1 м.34 КО ФР «молу мулки ҷамъкарда» ба худ массаи молум улки мусбатро дар бар мегирад» ва пешниҳод менамояд, ки қ.1 м.34 КО ФР (қ.1.м. 34 КО ҶТ) дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «молу мулки дар давраи никоҳ ҷамъ кардаи ҳамсарон, ки дар худ ашё ва ҳуқуқҳои молумулкиро дар бар мегирад, моликияти умумӣ мебошад» [54, с.56].

Ба ақидаи аксарияти ҳуқуқшиносон қарзи умумии ҳамсарон, новобаста аз оне, ки кадоме аз ҳамсарон қарздор мебошад, ин уҳдадорие мебошад, ки нисбат ба манфиати ҳамаи оила ба вуҷуд меояд [85, с.190]. Бояд қайд намоем, ки асоси аз ҳама паҳнгашта барои қарзро умумӣ ҳисоб намудан ба даст даровардани молу мулки умумӣ аз ҳисоби маблағҳои пулии кредитӣ мебошад. Чунин уҳдадориро П.А. Ломакин мисоли равшани бебаҳси уҳдадории умумӣ ҳисоб менамояд. Зеро аз соҳибӣ ва истифодаи молу мулки умумӣ манфиатро ҳар ду ҳамсар мегиранд [147, с.82]. Ба ақидаи баъзе олимон андешаи П.А. Ломакина дар ҳолате дуруст мебошад, ки ҳисоббаробаркунӣ аз молу мулки умумӣ аз ҳисоби суратҳисоби кредитӣ дар асосӣ ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ

анҷом дода шавад. Аз ин ҷо, дар бораи хислати бебаҳс будани чунин уҳдадорӣ сухан рондан душвор аст [148, с.86].

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки масъалаи мазкур баҳснок мебошад. Ба назари мо ақидае дуруст мебошад, ки тибқи он ба таркиби молу мулки умумии ҳамсарон молу мулки дар давраи никоҳ ҷамъкардаи ҳамсарон, инчунин уҳдадории якҷояи ҳамсарон, ки аз рӯйи он ситониш ба молу мулки онҳо гузошта мешавад, дохил мешавад [133, с.32]. Ба ақидаи мо, қарз барои ҳамсарон уҳдадории якҷоя мебошад. Уҳдадориҳои қарзӣ ба ҳардуи ҳамсарон паҳн мегардад. Ҳатто дар он шароите, ки қарз аз ҷониби яке аз ҳамсарон гирифта шуда, ва ба манфиати умумии оила равона карда шуда бошад ҳам.

Чи тавре, ки қайд кардем ҳатто қонунгузор ҳам ба масъалаи ба таркиби молу мулки якҷояи ҳамсарон дохил намудани қарзҳо эҳтиёткорона муносибат менамояд. Ишораи бевосита дар бораи он, ки қарзҳо ба таркиби молу мулки умумии ҳамсарон дохил мешавад, дар қонунгузорӣ мавҷуд намебошад. Дар қ.2 м.34 КО ҶТ танҳо дороиҳои молумулкӣ нишон дода мешавад. Фақат дар қ.4 м.39 КО ҶТ омадааст, ки қарзи умумии зану шавҳар ҳангоми тақсимоти молу мулки умумӣ дар байни зану шавҳар ба ҳиссаи баробари ба ҳар яки онҳо муқарраршуда тақсим карда мешавад. Аз ин ҷо қонунгузор ба ақидаи мо қарзҳои умумиро ба молу мулки умумии ҳамсарон, ки бояд тақсим карда шаванд, дохил менамояд. Дар баробари қарзҳои умумӣ қонунгузор ба молу мулки умумӣ, инчунин қарз аз рӯйи уҳдадориҳои яке аз ҳамсаронро дохил менамояд, агар муқаррар карда шавад, ки ҳамаи чизи аз рӯйи уҳдадорӣ гирифташуда барои эҳтиёҷоти оила сарф карда шудааст. Ҳамин тавр, ба ақидаи мо қонунгузор ба таркиби молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон одатан молу мулк, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва қарзҳоро (займ, кредит) дохил менамояд.

Барои қарзро уҳдадории якҷояи ҳамсарон ҳисоб кардан дар баҳсҳои судӣ аввало, розигии ҳамсари дуюм барои бастани шартномаи кредитӣ (шартномаи қарз), баъдан, эътироф намудани эҳтимолияти умумӣ будани қарзи ҳамсарон лозим аст. Кодекси оилаи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтимолияти умумияти уҳдадориҳои қарзӣ, аз ҷумла аз шартномаҳои кредитӣ (қарзӣ) бавуҷудомадаи дар номи яке аз ҳамсарон барасмиятдаровардашударо, ки дар давраи никоҳ ба вуҷуд омадаанд, пешбинӣ наменамояд. Ҳамзамон, дар байни олимон нисбат ба эҳтимолияти умумияти уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон фикру ақидаи ягона мавҷуд намебошад.

Ба ақидаи Т.М. Моисеева қ.2 м.34 КО ФР (б. 2 м.34 КО ҶТ) мафҳуми «молу мулки умумӣ»-и ҳамсаронро танҳо ба воситаи даромадҳои (дороиҳои) ҳамсарон кушодан мумкин аст. Аз ин рӯ, аз рӯйи қиёси ҳуқуқӣ ба қарзҳои ҳамсарон эҳтимолияти умумияти молумулкиро, ки дар КО ҶТ пешбинӣ карда шудааст, татбиқ намудан мумкин нест [160, с.9].

Дар баробари ин, О.С. Белетская тамоман мавқеи муқобилро ишғол менамояд. Ба ақидаи ӯ, уҳдадории умумии ҳамсарон ва молу мулки умумии ҳамсарон бо сабаби принсипҳои ягона, асос ва сарчашмаҳои ташаккулёбии молу мулки умумӣ ва қарзҳояшон реҷаи ягонаи ҳуқуқӣ доранд. Бо ҳамин сабабҳо ӯ чунин меҳисобад, ки эҳтимолияти умумияти молумулкии дар давраи никоҳ бадастоварда, умумияти уҳдадориҳои ҳамсаронро муайян менамояд [196, с.9]. Албатта, дар ин нуқтаи назар мавҷудияти мантиқи муайян дида мешавад. Зеро, молу мулки умумӣ ва уҳдадриҳои қарзии умумӣ вақте, ки сухан дар бораи кредитҳое меравад, ки аз ҳисоби онҳо молу мулк ба даст оварда мешавад, реҷаи ягонаи ҳуқуқӣ доранд. Дар мавриде, ки аз ҳисоби маблағҳои пулии кредитӣ хизматҳо ё қарзҳо, ё ин ки уҳдадориҳои пешина гирифта пардохт карда мешавад, дар ин ҳолат вобастагӣ ба молу мулк ба назар намерасад. Аз

ин лиҳоз, чунин ҳисоб кардан мумкин аст, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд меъёри алоҳидае, ки реҷаи ҳуқуқии дар давраи никоҳ бавуҷудомадаи уҳдадориҳои қарзии ҳамсаронро, ки на ҳама вақт бо сабаби ба даст овардани молу мулк ба вуҷуд меоянд, пешбинӣ карда шавад.

П.А. Ломакина қайд менамояд, ки таҷрибаи дар Федератсияи Россия бавуҷудомада, ки барои ҷудо намудани молу мулки умумии ҳамсарон бе дарназардошти гузаронидани уҳдадориҳои қарзии онҳо имконият медиҳад, қаноатбахш ҳисобидан мумкин нест [146, с.38-39]. Ба андешаи мазкур розӣ шудан мумкин аст ва зикр бояд кард, ки суд наметавонад оид ба парвандаҳо ҳангоми танҳо тасаввурот доштан дар бораи дороиҳои ҳамсарон ҳалномаи қонунӣ, боадолатона ва асоснокро барорад.

Бояд қайд намоем, ки шомил намудани қарзҳо ба таркиби моликияти умумии якҷояи ҳамсарон зарурати аниқкуниро дорад. Зеро, хусусияти қарзҳое, ки ҳангоми бастани аҳдҳо аз ҷониби яке аз ҳамсарон ба вуҷуд меоянд, зарурати муайянкуниро дорад. Он қарзҳои ҳамсароне, ки то никоҳ ё дар давраи заношӯӣ ба вуҷуд омадаанд, қарзи шахсӣ эътироф мешаванд, ки ба молу мулки шахсии ӯ алоқаманд буда, барои қонеъгардонии талаботи ҳамсари дигар ё оила таъин нашудаанд, инчунин барои дастгирӣ ё беҳбудии молу мулки алоҳида, қонеъгардонии эҳтиёҷот ва манфиатҳои шахсӣ бавуҷуд омада бошанд. Дар ҳолатҳои номбаршуда ҳамсари қарздор бо молу мулки алоҳида ва молу мулке, ки ба ҳиссаи ӯ аз молу мулки умумии ҳамсарон дахл дорад, ҷавобгар мебошад. Бо хоҳиши кредитор суд уҳдадор мебошад, ки ҳаҷми ин ҳиссаро муқаррар созад ва ашёи мушаххасро муайян кунад.

Қарзҳо дар он вақт қарзҳои умумӣ ҳисобида мешаванд, ки онҳоро ҳамсарон бо розигии якдигар якҷоя гирифта бошанд, яъне дар давраи никоҳ дар як вақт ва аз асосҳои ҳуқуқии ягона ба вуҷуд омадаанд. Аз

рӯйи қарзҳои умумӣ ҳамсарон (аз аҳдҳое, ки ҳамсарон якҷоя ба зимма гирифтаанд, қарзҳои марбут ба пешбурди хоҷагии умумии оила, қарзҳо марбут ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҳар яке аз ҳамсарон аз ҳисоби воситаҳои умумӣ ва ғ.) дар якҷоягӣ, ҳам аз молу мулки алоҳидаи ҳар яке аз онҳо ва ҳам аз моликияти якҷоя ҷавобгар мебошанд [171, с.180]. Мисоли он даъвои филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Қурғонтеппа (ҳозира Бохтар) оид ба ҷавобгарии Кооперативи истеҳсолии «Отахонбобо»-и ноҳияи Ҷ. Румӣ (ҳозир Ҷ.Балхӣ) бо масъулияти Б.Р.Қараев, Т.Ш. Қараев дар бораи рӯёнидани қарз ба маблағи 51635 доллари ИМА мутобиқ ба асъори милӣ 299483 сомонӣ ва рӯёниш аз ҳисоби манзилҳои истиқоматии ба гарав гузошташудаи онҳо мебошад. Онҳо аз номи Кооператив 29 октябри соли 2011 аз филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» мувофиқи шартномаи қарзии таҳти №03/02157 қарз гирифтанд. Қарз барои кишту кори пахта дода шуда буд. Молу мулки ба гарав гузошташуда ин ягона манзили истиқоматии онҳо бо аҳли оилаашон ба ҳисоб мерафт. Муҳлати қарз 16 моҳро ташкил дода, санаи ниҳоии пардохт то 11 феврали соли 2013 буд. Қарзгирандагон муҳлати баргардонидани қарзро бо сабаби шароити зиндагии вазнин аз мухлати нишондода гузаронида буданд. Суди иқтисодии вилояти Хатлон даъвои филиали ҶСК "Тоҷиксодиротбонк»-ро аз ҳисоби ба гарав мондани манзилҳои истиқоматии ба аҳли оила тааллуқдошта бо дастрасии моддаҳои 165-168 ва 174-и Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман қонеъ намуд [231].

Эътирофи талаботи кредиторӣ ва уҳдадориҳои қарзӣ, ки ҳам аз ҷониби ҳар ду ҳамсарон ва ҳар яке аз ҳамсарон дар алоҳидагӣ ба манфиатҳои умумӣ қабул карда шудаанд, чун молу мулки умумии ҳамсарон асоснок намудани ҳуқуқи моликияти ҳамсарро барои бадастории молу мулк дар давраи никоҳ ва ситониш кардан аз молу мулки умумии ҳамсаронро имконият медиҳад. Мавқеи

алоқамандкунандаи ҷавобгарии ҳамсари аҳднабаста бо табиати ҳуқуқии моликияти якҷоя асоснок ва дурусту ягона мебошад.

Зимнан бояд қайд намуд, ки қарзҳо умумӣ маҳсуб мешаванд. Зеро онҳо дар натиҷаи пешбурди хоҷагии оила ва қонеъгардонии талаботи худи ҳамсарон ва фарзандони онҳо бавуҷуд омадаанд.

Дар КО ҶТ ба ҷавобгарии ҳамсарон аз рӯйи уҳдадориҳо боби алоҳида (боби 9) бахшида шудааст. Дар он имконияти ситониш аз молу мулки умумии ҳамсарон ё аз моликияти алоҳидаи онҳо бо назардошти реҷаи қонунӣ ё шартномавии молу мулк муайян карда шудааст. Фарқияти муҳим нисбат бо тартиби ситониш нигоҳ дошта шуда, вобаста ба он уҳдадории ҳамсарон ба се гурӯҳ ҷудо карда шудааст:

1) уҳдадории яке аз ҳамсарон;

2) уҳдадории яке аз ҳамсарон, агар аз ҷониби суд муқаррар карда шавад, ки ҳама чизи оид ба он гирифташуда барои эҳтиёҷоти оила истифода шуда буданд;

3) уҳдадории умумии ҳамсарон.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ одатан қарзҳои шахсӣ ва умумии ҳамсаронро аз ҳам ҷудо менамоянд. Зеро тартиби ягонаи ситониш аз рӯи уҳдадориҳои умумии ҳамсарон ва аз рӯи уҳдадориҳои яке аз ҳамсарон, вуҷуд дорад, агар аз ҷониби суд муқаррар шуда бошад, ки ҳама чизи аз рӯи чунин ухдадори гирифташуда барои эҳтиёҷоти оила истифода шудааст. Ситониш дар ин мавриди аз молу мулки умумии ҳамсарон сурат мегирад ва зимни нокифоягии он ҳамсарон якҷоя бо молу мулки ҳар якеашон ҷавоб медиҳанд (қ.2.м.46 КО ҶТ).

Ба ҳайси уҳдадории шахсии (алоҳидаи) яке аз ҳамсарон чунин уҳдадориҳо эътироф карда мешавад:

1) уҳдадорие, ки бо шахсияти яке аз ҳамсарон зич алоқаманд аст;

2) уҳдадории қабулнамудаи яке аз ҳамсарон то бастани ақди никоҳ;

3) уҳдадорие, ки дар робита ба қонеъгардонии талаботи шахсии яке аз ҳамсарон, инчунин маҳдудкунандаи молу мулки ҷудогонаи он бавуҷуд омадааст [28, с.168].

Уҳдадориҳои зикршуда метавонанд дар навбати худ ба уҳдадориҳои зерин ҷудо шаванд:

- то бақайдгирии никоҳ бавуҷудомада;
- дар давраи никоҳ бавуҷудомада;
- оид ба ҷуброни зарари бо амали яке аз ҳамсарон бавуҷудомада;
- ғайра.

Дар шароити ҳозира таввақуҳи махсусро уҳдадориҳое ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи расонидани зарар аз ҷониби кӯдакон (фарзандон) ба вуҷуд меоянд.

Ҷавобгарии падару модар барои зарари расонидаи фарзандони ноболиғашон бо қонунгузории маданӣ (қ. 4.м. 46 КО ҶТ) муайян карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки ҷавобгарии падару модар барои амали ноболиғ мустақил аст, зеро онҳо на танҳо барои амали ғайриқонунии фарзанд, балки барои гуноҳи худ ҳам вобаста ба таълиму тарбияи нодуруст ва ҳам вобаста ба назорати нодурусти фарзандон ҷавоб медиҳанд (м.1198-1200 КМ ҶТ, м.23 Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак») [14]. Ҳамин тавр, падару модар дар ҳолате ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки агар исбот карда натавонанд, ки дар амали ғайриқонунии фарзанд гунаҳгор нестанд. Танҳо гуноҳи падару модар асос барои ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо мегардад. Мутобиқан уҳдадории падару модар оид ба ҷуброни зарар тибқи қоидаи умумӣ бо баробари ба балоғат расидани кӯдаки хурдсол (ноболиғи то синни 14 сола нарасида), ё аз ҷониби ӯ гирифтани молу мулки барои ҷуброни зарар кофӣ қатъ намегардад. Зеро, падару модар барои ҷуброни зарари ба ҳаёт ё саломатии ҷабрдида расонидашуда маблағи кофӣ надошта бошанд ва худи зараррасон, ки пурра қобили

амал гардидааст ва дорои чунин маблағ бошад, суд бо дарназардошти вазъи молумулкии ҷабрдида ва зараррасон, инчунин дигар ҳолатҳо ҳуқуқ дорад дар бораи пурра ё қисман аз ҳисоби худи зараррасон ҷуброн намудани зарар қарор қабул кунад. Дар сурате, ки агар ноболиғи аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола барои ҷуброни зарар молу мулк ё манбаи дигари даромад надошта бошад, зарар бояд пурра ё дар қисмати нокифояи он аз ҳисоби падару модар, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст, ҷуброн карда мешавад ( қ.2 м.1199 КМ ҶТ).

Қайд кардан лозим аст, ки уҳдадориҳои дигари ҳамсарон хусусияти умумӣ доранд ва аз рӯйи онҳо ҳар ду ҳамсар бо қонунгузорӣ якҷоя қарздор эътироф шудаанд. Аз он ҷумла, уҳдадорӣ аз якҷоя расонидани зарар ва уҳдадорӣ аз истифодабарии бинои истиқоматии ба молик таалуқдошта аз ҷониби аъзои оилаи қобили амали он, аз он ҷумла ҳамсари молики бино, агар дигар хусусияти ҷавобгарӣ бо созиши байни молик ва аъзои оилаи ӯ ва ғайраҳо муқаррар нашуда бошад.

Ҳамзамон қарзҳои ҳамсарон дар он вақт умумӣ эътироф карда мешаванд, ки тибқи онҳо ҳардуяшон ба сифати қарздор ҳамчун тарафи шартнома баромад намоянд. Ташаббуси бавуҷудоии чунин уҳдадориҳо аз ҳардуи ҳамсарон бармеояд, зеро шартномаҳо чун қоида ба манфиати оила ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои молумулкии ҳамсарон баста мешаванд. Ҳолати охирин аҳаммияти ҳалкунандаро ҳангоми бастани шартнома аз ҷониби яке аз ҳамсарон, ё ин ки қонунгузор имконияти иҷозатдиҳии рӯёнидани ситонишро ба молу мулки умумии ҳамсарон дорад, агар суд муқаррар намояд, ки ҳама чизи гирифташуда аз рӯйи уҳдадорӣ барои эҳтиёҷоти оила истифода шудааст.

Тибқи арзёбии илмии дигар «барои муайянсозии қарздор аз рӯйи уҳдадории ҳамсар ё ҳар ду ҳамсар бояд таркиби субъективии вақти бавуҷудоии уҳдадорӣ, мақсади он ва таъиноти воситаҳои аз рӯйи

уҳдадорӣ гирифташуда ошкор карда шавад» [84, с.221]. Зимнан, хусусияти уҳдадории қарзӣ, ки яке аз ҳамсарон бастааст, бо дарназардошти истифодаи воситаҳои аз рӯйи уҳдадорӣ барои эҳтиёҷоти оила гирифташуда муайян карда мешавад.

Кодекси оила мафҳуми «эҳтиёҷоти оила»-ро муайян намекунад. Ба ақидаи Л.М.Пчелинсева «бинобар гуногунии эҳтиёҷоти оила ин ғайриимкон мебошад. Вале ба таркиби хароҷот барои эҳтиёҷоти оила метавон хароҷот барои хӯрока, либос, манзил, кӯмаки тиббӣ, харидорӣ ва таъмири манзил, пардохти хароҷот барои омӯзишу таълими кӯдакон ва ғайраҳоро дохил намуд, ки онҳо аз ҷониби ӯ ба гӯруҳи ҳароҷот барои дастгирии сатҳи зиндагии тамоми оила ва ҳар як аъзои он дуруст муттаҳид шудаанд» [84, 222]. Мафҳуми «хароҷоти оилавӣ» дар қонунгузорӣ низ равшан муайян нашудааст, зимнан вобаста аз сатҳи некуаҳволӣ ва тарзи ҳаёти оила метавон ба таркиби хароҷоти оилавӣ хароҷоти мушаххасро ворид намуд. Ҳамин тавр, мафҳуми «хароҷоти оилавӣ» намудҳои гуногуни хароҷотро мутаҳҳид менамояд, ки талабот ба онҳо дар ин оила вуҷуд дорад ва аз сатҳи таъминоти моддии он вобастагӣ дорад, ки ҳам талаботи оила ва ҳам имконияти қонеъгардонии онҳоро муайян менамояд [198, с.162-163].

Ҳамзамон, қайд карданӣ ҳастем, ки эҳтиёҷоти воқеии оила аз функсияи оила вобаста аст ва аз ҷониби ҳамсарон барои ҳар як оила муайян мешаванд. Зимнан, ба манфиатҳои умумиоилавӣ ва манфиатҳои аъзои алоҳидаи оила такя намуда, асоси манфиати умумиоилавӣ боқӣ мемонад. Имконнопазирии татбиқи функсияҳои мушаххаси оила дар асоси воситаҳои мавҷуда, ки онҳоро воқеан оила ихтиёрдорӣ мекунад, ба зарурати ҷалби воситаҳои қарзӣ меорад.

Баҳс оид ба эътирофи воситаҳои қарзии гирифташуда аз рӯйи уҳдадриҳои аз ҷониби яке аз ҳамсарон барои эҳтиёҷоти оила истифодашуда на танҳо дар робита ба талаботи кредитор вобаста ба

ситониш аз молу мулки умумии ҳамсарон ба вуҷуд меояд. Ба назар мерасад, ки зимни ҳолатҳои номбаршуда на «муқаррарсозии табиати воситаҳои пулӣ, ки дар асоси он қарз ба даст оварда шудааст, нақши ҳалкунанда мебошад. Зеро, сухан дар бораи на воситаҳои ба яке аз ҳамсарон тааллуқдошта, балки дар бораи воситаҳои қарзӣ меравад. Муҳим муқаррарсозии далели истифодаи воситаҳои қарзӣ барои эҳтиёҷоти оила мебошад. Моҳиятан муқаррарсозии ин ҳолат, хусусияти бартаридоштаи қарзро ҳангоми аз ҷониби суд баровардани қарор оиди ситониши он тибқи шартномаи кредит (қарз) сурат мегирад.

Аз рӯйи уҳдадориҳои яке аз ҳамсарон ситониш метавонад танҳо ба молу мулки ҳамсар-қарздор нигаронида шавад. Ҳангоми объектҳоро ҳамчун моликияти алоҳида доштани қарздор бо талаби кредитор нисбат ба онҳо ситониш нигаронида мешавад, ки он ба м.25 КМ ҶТ мутобиқат мекунад. Молу мулке, ки нисбат ба он ситониш нигаронидан мумкин нест, дар м.432 КМ ҶТ муқаррар карда шудааст.

Ҳангоми ситониш аз молу мулки ҳамсарон бояд дахлнопазирии моликияти ҳамсари дуюм таъмин гардад, ки ин бинобар мушкил будани табиати ҳуқуқии моликияти якҷояи ҳамсарон-ҳиссаи онҳо дар молу мулк муайян нест. Қонуни ҶТ аз 8 июни соли 2022 «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» [10] дорои меъёри танзими расмиёти пурраи ситониш аз молу мулки қарздори дар моликияти умумии ҳамсарон қарордошта намебошад. Дар Қонун бояд расмиёт аниқ муайян шуда бошад, ки он тартиби ошкор намудани молу мулки шахсии ҳамсар-қарздорро барои ситониш аз рӯйи уҳдадориҳои шахсии он ва асосҳои тафриқаандозии молу мулки шахсиро дар бар гирад, ки ба он ситониш аз молу мулки умумии ҳамсарон нигаронида мешавад, инчунин шартҳо ва тартиби ҳабсгузорӣ ба молу мулки якҷояи ҳамсарон, ки яке аз онҳо қарздор мебошад, низ бошад. Чунин ҳисобида мешавад, ки асосҳои тафриқаандозии молу мулки умумӣ ва алоҳидаи ҳамсарон бо меъёрҳои

Кодекси оила оиди объектҳои моликияти умумӣ ва алоҳида муайян шудааст, ки он бояд бо назардошти фарзияҳои амалкунандаи қонунӣ ва ҳангоми ситониш аз молу мулки қарздор татбиқ гардад

## 3. 2. Таъсири амалигардонии ҳуқуқҳои кредитории ҳамсарон ба манфиати оилавӣ

Муносибатҳои уҳдадорие, ки ҳангоми амалигардонии ҳуқуқҳои кредитории ҳамсар (ҳамсарон) ба вуҷуд меоянд, ба манфиати оилавии онҳо таъсир мерасонанд. Масъалаи мазкур, яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи оилавӣ буда, то ба ҳол дар адабиёти ҳуқуқии кишвари мо бо дарназардошти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти алоҳида қарор дода нашудааст. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бешубҳа муқаррар менамояд, ки даромади аз фаъолияти соҳибкорӣ, коғазҳои қиматнок, саҳмия, саҳм ва ҳамагуна молу мулки манқул ва ғайриманқули дар давоми заношӯӣ (никоҳ) ҷамъкардаи ҳамсарон, сарфи назар аз он, ки ба номи кадоме аз зану шавҳар харида ва ба расмият даровrouteда шудааст (ё маблағ гузаронида шудааст) молу мулки якҷояи (муштараки) умумии онҳо ҳисобида мешавад (қ.2 м.34). Чи тавре, ки мушоҳида мекунем, молу мулки зикршудаи ҳамсарон метавонанд, дар моликияти умумии якҷояи онҳо қарор дошта бошанд. Ин ба ашёҳо, ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ тааллуқ дорад, ки реҷаи ҳуқуқии онҳо бо ягон хусусияти муайян аз ҳамдигар фарқ намекунанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки молу мулк дар шакли ҳуқуқӣ на танҳо мафҳуми моликияти якҷояи умумии ҳамсаронро дар бар мегирад, балки дигар молу мулки ҳамсаронро низ  дар бар мегирад [134, с.4]. Омехтакунии ин мафҳумҳо дар м.34 КО ҶТ ба назар мерасад, зеро дар қ.2 он сухан дар бораи молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон дар давраи заношӯӣ меравад. Ҳол он ки дар шароити рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ муносибатҳои молумулкии ҳамсарон дар заминаи иродаи онҳо ва дар

асоси бастани аҳдномаи (шартномаи) никоҳ мазмунан тағйир ёфтанд. Дар аҳдномаи (шартномаи) никоҳ ҳамсарон метавонанд молу мулкеро пешбинӣ намоянд, ки танҳо ба яке аз онҳо таааллуқ дошта бошад. Ҳамзамон, молу мулк дар шакли ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳисса(саҳм) метавонад моликияти умумии якҷояи ҳамсарон маҳсуб наёбад, вале вай метавонад, молу мулки яке аз ҳамсарон бошад. Ҳамин тавр, молу мулки ҳамсарон метавонад аз моликияти умумии якҷояи ҳамсарон ва ё яке аз ҳамсарон иборат бошад. Аз ин ҷо моликияти умумии якҷоя намуди молу мулки умумии ҳамсарон мебошад. Ҳамзамон молу мулки умумии ҳамсарон на танҳо моликияти умумии ҳамсарон, балки дигар ашёҳо ва ҳуқуқҳои молумулкии уҳдадоригиро дар бар мегирад. Мутассифона, на танҳо дар қонунгузории оилавӣ, балки дар қонунгузории маданӣ, инчунин дар адабиёти ҳуқуқи оилавии ватанӣ [158, с.45-57] онҳо аз ҳамдигар фарқ карда намешаванд. Вале бояд қайд намуд, ки онҳо бояд аз ҳамдигар фарқият дошта бошанд. Бо дарназардошти таҳлили овардашуда пешниҳод карда мешавад, ки дар қ.2 м.34 КО ҶТ ибораи «молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон» ба ибораи «молу мулки ҳамсарон» иваз карда шавад. Чунин андеша аз лиҳози дар оянда барои муайян кардани тартиби гузаштани мерос аз як ҳамсар барои ҳамсари дигарӣ низ муҳим мебошад. Зеро ба таркиби молу мулки меросӣ ба ҳайси яке аз объектҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳисса (саҳм) дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва саҳми узви кооператив дар таркиби молу мулки он шомил аст (м. 1301 КМ ҶТ). Инчунин, моддаи мазкур ҳисса (саҳм) дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилоти тиҷоратиро ба таркиби молу мулки якҷояи ҳамсарон дохил наменамояд. Вале дар қ.4 м.38 КО ҶТ омадааст, ки агар саҳмия, ҳисса ва саҳми дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилотҳои дигари тиҷоратӣ ба номи яке аз онҳо гузошта шуда бошад, зану шавҳар ҳуқуқ доранд тақсими ин пардохтҳоро ҳамчун моликияти умумии якҷояи онҳо талаб намоянд. Таҳлили моддаҳои

зикршуда нишон медиҳад, ки Кодекси оилаи ҶТ ҳисса (саҳм) дар сармояи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагиро ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон меҳисобад, агар дар аҳдномаи (шартномаи) никоҳ дигар чиз пешбинӣ нашуда бошад. Барои ҳамин ҳам пешниҳод менамоем, ки ҳисса (саҳм) дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилоти тиҷоратӣ ба таркиби молу мулки якҷояи ҳамсарон ба таври мушаххас дар қ.2. м.34 КО ҶТ нишон дода шавад. Дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ чунин меҳисобанд, ки ҳисса (саҳм) дар сармояи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ба молу мулки умумии ҳамсарон шомил буда, реҷаи ҳуқуқии он одатан аз рӯйи амсилаи (модели) моликияти умумӣ баррасӣ карда мешавад. Андешаи онҳо ба он асоснок карда мешавад, ки ҳамсари муассис (иштирокчӣ) ҳуқуқи ҷудо кардан, фурӯхтан, ба иштирокчӣ ё шахси сеюм додани ҳиссаро дорад [179, с.12]. Вобаста ба ҳамин масъала дар бораи ҳуқуқ ба ҳисса дар сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ аз нуқтаи назари муносибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳи махсусро пайдо менамояд. Иштирок дар ширкату ҷамъияти хоҷагӣ боиси дар байни муассисони (иштирокчиёни) онҳо ба вуҷуд омадани алоқаҳои зичи шахсӣ ва молумулкӣ мегардад. Чунин муносибатҳо ҳангоме, ки яке аз ҳамсарон иштирокчии ташкилотҳои мазкур мебошад, дар баъзе мавридҳо боиси рақобат бо муносибатҳои молумулкии бавуҷудомадаи байни ҳамсарон мегардад. Ин зарурати ноил шудани созиш дар байни манфиати ҳамсарон ва иштирокчиёни ширкату ҷамъиятро оид ба тақсими ҳуқуқ нисбат ба ҳамон як молу мулк тақозо менамояд. Вале чунин созиш набояд боиси мухолифати тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ ва ахлоқӣ баробар будани ҳамсарон нисбат ба ҳуқуқҳои молумулкии дар давраи никоҳи якҷоя бадастовардаи онҳо гардад.

Ҳангоми набудани аҳдномаи (шартномаи) никоҳ ё дигар созишнома дар байни ҳамсарон оид ба молу мулки умумӣ, нисбат ба ҳисса (саҳм) дар ширкату ҷамъиятҳо реҷаи қонунии молу мулки ҳамсарон паҳн

мегардад. Аз ин рӯ, тавре ки дар боло қайд кардем, дар мавриди ҳозира тибқи қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисса (саҳм) дар сармояи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ бояд ба моликияти якҷояи (муштараки) умумии ҳамсарон таалluқ дошта бошад. Новобаста аз оне, ки муассиси ташкилотҳои зикршуда танҳо яке аз ҳамсарон ба ҳисоб меравад, реҷаи ҳуқуқии он ба ҳуқуқи моликияти умумии якҷоя ягона ҳисобида мешавад (қ.2. м.34 КО ҶТ). Гузаштани ҳиссаи (саҳми) яке аз ҳамсарон ба сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳо боиси табдилёбии ҳуқуқҳои ашёӣ ба ҳуқуқҳои уҳдадорӣ мегардад. Аз ин ҷо ҳамсаре, ки иштирокчии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ мебошад, шахсан ҳуқуқҳои уҳдадории худро амалӣ менамояд. Ҳиссае, ки ба сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ аз тарафи яке аз ҳамсарон ворид карда мешавад, объекти ҳуқуқи моликият барои ташкилотҳои зикршуда (шахсони ҳуқуқӣ) мегардад. Аз ҳамин лаҳза ҳамсари дуюм, яъне ҳамсаре, ки иштирокчӣ намебошад, аллакай на ҳуқуқи моликияти якҷоя ва на ҳуқуқи уҳдадорӣ дорад. Ӯ танҳо ҳуқуқ ба даромад аз фаъолияти соҳибкории ҳамсари иштирокчиро дорад.

Қайд кардanӣ ҳастем, ки дар номи яке аз ҳамсарон, яъне муассис (иштирокчӣ) будани ҳисса (саҳм), зарурияти таъмини манфиати ҳамсареро талаб менамояд, ки муассис намебошад. Оид ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Баъзе олимон бар он андешаанд, ҳамсаре, ки иштирокчӣ нест, ҳуқуқ ба қисми фоида (даромад) ва боқимондаи барҳамдиҳиро дорад [198, с.173]. Дигарон пешниҳод менамоянд, ки барои таъмини манфиати ҳамсари муассиснабуда, ба ҳамсари иштирокчинабуда, ҳангоми тақсими молу мулки ҳамсарон, меросгирӣ ва ғ. ҳуқуқ ба гирифтани қисми арзиши ҳисса (саҳм) дода шавад [134, с.6] ё танҳо ҳуқуқҳои вобаста ба арзиши ҳисса (саҳм), яъне ҳуқуқ ба ҷудо кардан, ҳуқуқ ба фурӯш, ҳуқуқи додани

ҳисса (саҳм) ба иштирокчиёни дигар ва шахси сеюм дода шавад [179, с.12].

Бояд қайд намоем, ки ҳуқуқ ба ҳисса (саҳм) ҳуқуқи мустақил мебошад. Бавуҷудоии он боиси пайдо шудани дигар ҳуқуқ-ҳуқуқ ба идоракунии ҷамъияти хоҷагӣ мегардад. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ба ҳисса дорандаи он на танҳо дорои неъматҳои моддӣ мегардад, балки ҳуқуқ ба идоракунии ҷамъиятро низ соҳиб мешавад. Агарчанде, ки ҳуқуқ ба идоракунӣ хислати ҳосилавиро аз ҳуқуқ ба ҳисса (саҳм) дошта бошад ҳам, вале он ҳуқуқи мустақили корпоративӣ мебошад. Бо баробари қатъ гаштани ҳуқуқ ба ҳисса (саҳм) дар ширкату ҷамъиятҳои ҳоҷагӣ, ҳуқуқ ба идоракунии он низ қатъ мегардад. Ҳуқуқ ба идоракунӣ ба ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ дохил мешавад. Ҳамсари муассис (иштирокчӣ)- набуда, на танҳо ҳуқуқ ба ҳисса (саҳм), балки  ҳуқуқ ба идоракуниро низ надорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ташкилотҳои тиҷоратии хусусӣ, нисбат ба молу мулки алоҳидаи муассисонашон (иштирокчиёнашон) дорои ҳуқуқҳои уҳдадорӣ мебошанд (қ.2 м.48 КМ ҶТ). Вале уҳдадориҳои онҳо аз рӯйи тарзи бавуҷудоӣ ва мазмунашон аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Зимнан, новобаста ба уҳдадориҳояшон муассисон наметавонанд ҳамкредитор бошанд. Зеро, ҳисса (саҳм) танҳо ба шахси алоҳидае (воқеӣ, ҳуқуқӣ) тааллуқ дошта метавонад, ки иштирокчии (муассиси) ширкату ҷамъияти хоҷагӣ аст. Ҳамин тавр, ҳамсарон дорандаи мустақили ҳуқуқ ба ҳисса (саҳм) шуда, дар баробари ин, ҳеҷ гуна ҳуқуқи моликияти якҷояро ба он ба даст намеоранд ва танҳо яке аз ҳамсарон ба ҳайси субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ширкату ҷамъиятҳо баромад карда метавонанд. Ҳатто агар саҳм (ҳисса) ба таркиби моликияти умумии ҳамсарон дохил шавад ҳам, муассис (иштирокчӣ) нисбат  ба молу мулки додаи худ ҳуқуқи соҳибмулкиро аз даст медиҳад.

Ҳамзамон, муассисони (иштирокчиёни) онҳо дар ҳолати аз ҳайати онҳо баромадан ҳуқуқ ба арзиши ҳиссаи (саҳми) худ дар сармояи оинномавиро пайдо менамоянд. Тибқи қ.1 м.119 КМ ҶТ дар мавриди баромадани узви кооператив ба вай низ бояд саҳм (пай) пардохта ё мутобиқи саҳм ба ӯ молу мулк дода шавад, инчунин маблағҳои дигари дар оинномаи кооператив пешбинигардида пардохт карда шаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақида баён карда шудааст, ки ҳамсари муассиси (иштирокчии) ташкилотҳои тиҷоратӣ бояд ҳамчун «ҳамиштирокчӣ» ҳисобида шавад, на ин ки иштирокчии «нав», зеро ӯ аз аввал дорои ҳуқуқи моликият ба молу мулке буд, ки барои пардохти арзиши саҳмияҳо, саҳм ва ё ҳисса дар сармояи оинномавӣ дода шудааст. Аз ин рӯ, молу мулки ӯ низ аз лаҳзаи пардохти онҳо аз ҷониби ҳамсар-иштирокчӣ аз тарафи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ бо ҳуқуқи моликият истифода мешавад [207, с.47]. Ба андешаи мо ҳамсарон ҳиссаро аз ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ба даст даровarda, нисбат ба он ҳамиштирокчӣ шуда наметавонанд. Зеро, нисбат ба онҳо ҳеҷ гуна ҳуқуқи якҷоя оид ба ҳисса(саҳм) ба вуҷуд намеояд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ ҳамсари муассиснабуда субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ эътироф карда намешавад. Дар робита бо ин, мо наметавонем нисбат ба ҳамсаре, ки дар ширкату ҷамъияти хоҷагӣ соҳиби ҳисса ва дар кооператив соҳиби саҳм намебошад, ҳуқуқи талаб кардани ҳиссаро (саҳмро) аз ташкилотҳои зикршуда эътироф намоем. Зеро, аз мавқеи қонунгузории маданӣ ва соҳибкории амалкунанда ҳамсари дуюм – шахси сеюм аст. Ҳуқуқҳои ашёӣ ба молу мулке, ки ба сармояи оинномавии ҷамъияту ширкат ва кооператив ворид шудаанд, бинобар «пӯшидагии» фаъолияти онҳо барои шахсони сеюм, ба ҳуқуқҳои уҳдадории ҳамсар-иштирокчии шахси ҳуқуқӣ табдил ёфтааст. Қайд намудан лозим аст, ки табдилёбии ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсарон ба ҳуқуқҳои уҳдадорӣ ва иштирок дар

дигар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ, аз хусусияти муносибатҳои мазкур вобастагӣ дорад. Ҳар чи қадаре, ки дар он унсури шахсӣ нисбатан зиёд пешниҳод шуда бошад, ҳамсари дуюм ҳамон қадар асоси камтари иштирок дар ташкилотҳои зикршударо дорад. Ҳамзамон, дар ҳайати иштирокчиёни ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ иваз намудани як ҳамсар ба ҳамсари дигар танҳо ҳангоми будани розигии иштирокчиёни шахси ҳуқуқии дахлдор имконпазир мебошад. Инчунин, ҳамсарон (собиқ ҳамсарон) бо роҳи тақсими молу мулк тибқи қоидаҳои моддаҳои 38, 39 КО ҶТ ва м.324 КМ ҶТ дар як вақт наметавонанд ҳаҷми ҳуқуқҳои уҳдадории худро нисбат ба ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ муайян намоянд. Масъалаи мазкур метавонад танҳо аз ҷониби суд ҳалли худро ёбад. Ин ҳам бошад,  дар он мавриде имконият дорад, ки нисбат ба ҳамсар-иштирокчӣ мавҷудияти ҳуқуқҳои уҳдадорӣ ба назар гирифта шуда, суд ба ҳамсари дуюм молу мулки дигарро ҷудо намояд ё ин ки масъаларо оид ба аз ҳамсар-иштирокчӣ ситонидани ҷуброни дахлдор ҳал намояд.

Ҳисса (саҳм) ба ҳамсари иштирокчии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ, ҳамчун кредитор тааллуқ дорад. Ҳамсари дигари танҳо ризогии хомӯшонаи худро барои истифодаи моликияти умумии ба онҳо тааллуқдошта дода, инчунин ҳуқуқ ба он неъматҳои моддиро пайдо менамояд, ки вай дар натиҷаи иҷрои уҳдадориҳо бояд гирад. Ҳамин тавр, талабот нисбат ба молу мулки умумие, ки ҳисса дар сармоя ё саҳм дар ширкату ҷамъияти хоҷагӣ мебошад, мумкин аст аз ҷониби як ҳамсар на ба ширкату ҷамъият, балки  ба ҳамсари дигарӣ пешниҳод карда шавад. Ҳамсарон ҳиссаро (саҳмро) дар ширкату ҷамъияти хоҷагӣ ба даст оварда, нисбат ба онҳо ҳамкредитор намешаванд. Нисбат ба онҳо наметавонад ҳеҷ гуна ҳуқуқи якҷоя ба ҳисса ба вуҷуд ояд. Ҳисса (саҳм) танҳо бо шахси мушаххас алоқаманд мебошад, ки ӯ иштирокчии ширкату ҷамъияти хоҷагӣ мебошад. Ҳамзамон, қайд менамоянд, ки

новобаста аз он, ки ҳуқуқ ба ҳисса танҳо ба яке аз ҳамсарон дода мешавад, зарур аст, ки манфиати молумулкии ҳамсари дигар таъмин карда шавад. Чунин таъминнамой метавонад ҳуқуқи охиронро барои гирифтани қисми ҳисса (саҳм) ҳангоми тақсимоти молу мулки ҳамсарон, гирифтани мерос, имконияти (ҳангоми мавҷуд будани розигӣ дар ин бора) додани розигӣ барои идоракунии ҳисса ва ғ. бошад [134, с.6-7].

Зикр намудан зарур аст, ки ҳиссаи иштирокчӣ дар сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ, ки ҳангоми заношӯйӣ ба даст оварда шудааст, мумкин ҳамчун ягонагии «ҳуқуқи иштирок» дар муносибатҳои корпоративӣ, ки ба ҳамсари иштирокчии ширкату ҷамъияти хоҷагӣ ва ҳам «ҳуқуқи молумулкии» ҳамсарон ки ба ҳардӯи онҳо тааллуқ дорад, баррасӣ карда шавад. Иқрор бояд шуд, ки реҷаи ҳуқуқии ҳисса дар сармояи оинномавии ширкату ҷамъият ҳамчун объекти ҳуқуқ бо дараҷаи нисбатан калон аз тарафи қонунгузории соҳибкорӣ (корпоративӣ) муайян карда мешавад. Зеро, новобаста аз ҳолати оилавӣ, танҳо ба иштирокчии ширкату ҷамъият ҳамчун аъзо тааллуқ дорад. Ҳамзамон, ҳиссаи (саҳми) иштирокчӣ дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ, ки ҳангоми дар никоҳи якҷоя будан ба даст оварда шудааст, тибқи қонунгузории оилавӣ моликияти якҷояи умумӣ ба ҳисоб рафта, танҳо ба ҳиссаи молу мулк паҳн мегардад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки муқаррароти м. 34 КО ҶТ, ки ҳиссаро бояд дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ҳамчун моликияти умумии ҳамсарон баҳо медиҳад, ба ҳуқуқи иштирок дар ҷамъият ва идоракунӣ, тағйир додани ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва ғ. дахл надорад. Зеро, онҳо дар байни ҳамсарон тақсим карда намешаванд [130, с.110].

Бо дарназардошти тасдиқоти боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои уҳдадорӣ дар таркиби молу мулки умумии ҳамсарон дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд. Аз як тараф, ба ақидаи мазкур доир ба он, ки чунин ҳуқуқҳои уҳдадорӣ, ба монанди

талаботи якҷоя ва ҳамсарон- кредиторҳои муштарак дар маънои ҳуқуқи маданӣ намебошанд, метавон ризо шуд. Аз тарафи дигар, дар ин ҷо дар бораи эҳтимолияти ҳиссаи (саҳми) дар давраи никоҳ, аз ҳисоби воситаҳои умумии ҳамсарон новобаста аз он, ки кадоме аз онҳо иштирокчии ширкату ҷамъият ё узви кооператив аст меравад, ки пардохт карда шуда бошаду моликияти умумии якҷояи ҳамсарон ҳисобида мешавад. Тибқи қ. 2 м. 2 КМ ҶТ нисбат ба муносибатҳои оилавӣ қонунгузории маданӣ дар он мавриде татбиқ карда мешавад, ки агар ин муносибатҳо аз тарафи қонунгузории оилавӣ ба танзим дароварда нашуда бошанд. Ҳамин тавр, дар Кодекси мадании ҶТ ҳангоми танзими муносибатҳои оилавӣ бартарии қонунгузории оилавӣ нисбат ба қонунгузории маданӣ муқаррар карда шудааст. Бартарии қонунгузории оилавиро дар муайян кардани реҷаи муносибатҳои ҳуқуқии ҳамсарон ба назар гирифта, гуфтан мумкин аст, ки дар ҳолати баррасишаванда «намояндагии» як ҳамсар дар амалҳои ҳамсари дигар бояд ҷой дошта бошад, зеро бо кӯшишу амалҳои ҳамсари дигари неъматҳои молумулкӣ ба даст оварда шудаанд ва ба моликияти умумӣ дохил мешаванд [124, с.154]. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки маҳз қонунгузор бояд ҳифзи манфиатҳои молумулкии ҳамон ҳамсареро таъмин намояд, ки иштирокчии ширкату ҷамъияти хоҷагӣ дар ҳолати пардохт ба сармояи оинномавии онҳо аз моликияти умумии ҳамсарон намебошад. Ҳисса дар сармояи оинномавии ширкату ҷамъият дорои арзиши баланди молумулкӣ барои ҳамсарон мебошад. Аз тарафи як ҳамсар ихтиёрдорӣ кардани ҳисса дар молу мулки ширкату ҷамъият бо розигии хомӯшонаи ҳамсари дуюм, ки дар назар дошта мешавад, вайрон кардани кафолати манфиатҳои молумулкии дигар ҳамсар дар шакли тасдиқи нотариалӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам, ба назари мо дар қонунгузорӣ меъёрро нисбат ба ихтиёрдории ҳисса (саҳм) дар сармояи оинномавии ширкату ҷамъият тағйир дода, пешниҳоди розигии ҳамсар (ҳамсарон)-ро бо

тасдиқоти нотариалии розигии ҳамсари иштирокчинабуда муқаррар намудан лозим мебошад. Он чи ки ба масъалаи тақсимоти молу мулки ҳамсарон тааллуқ дорад, ба ақидаи мо арзиши ҳисса дар ширкату ҷамъияти хоҷагӣ ҳамеша бояд ба арзиши молу мулки умумии ҳамсарон, ки зарурат ба тақсимотро дорад, дохил карда шавад. Баҳои молу мулки умумии ҳамсарон ҳамеша бояд бо дарназардошти арзиши ҳисса (саҳм) дар ҷамъияту ширкат амалӣ карда шавад [198, с.173].

Ба ҳайси объекти дигари молу мулки якҷояи ҳамсарон, ки нисбат ба он ҳуқуқҳои уҳдадорӣ бавуҷуд меояд м.34 КО ҶТ коғазҳои қимматнокро пешбинӣ менамояд. Коғазҳои қимматнок ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ аз тарафи Кодекси маданӣ ба танзим дароварда мешавад. Тибқи м. 151 КМ ҶТ коғази қиматнок ҳуҷҷате мебошад, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи молумулкиеро тасдиқ менамояд, ки татбиқ ё гузашт кардани он танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир мебошад. Ба ақидаи Ф.С. Карагусов ва М.К. Сулейменов чунин мафҳум ба фаҳмиши классикии коғазҳои қиматнок, ки илми ҳуқуқшиносӣ эҷод намудааст, мутобиқат менамояд [42, с.776].

Ба коғазҳои қиматнок вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент, саҳмия ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки мутобиқи санади қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи онҳо мансуб дониста мешаванд (қ.1 м.152 КМ ҶТ**)**.

Чи тавре, ки ба мо маълум аст ҳамчун қоидаи умумӣ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани моликияти умумии ҳамсарон бо розигии онҳо анҷом дода мешавад. Ҳангоми аз ҷониби зан ё шавҳар анҷом додани муомилоти вобаста ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ розигии ҳамсари дигарӣ дар назар дошта мешавад (қ.1, 2 м.35 КО ҶТ). Ин чунин маъно дорад, ки ҳамсари аҳдбаста уҳдадор намебошад дар бораи содир намудани он розигии ҳамсари дигариро гирад. Чунин ҳалли масъала пеш аз ҳама ба он вобаста мебошад, ки зарурати пешниҳоди

далели розигии ҳамсари дигарӣ метавонад боиси душвории фавқуллодаи муомилоти маданӣ гардад. Бо тарзи дигар ифода намоем, ҳангоми ҳама гуна харид аз мағоза ҳамсарон маҷбур мешаванд, ки барои розигии ҳамсар ҳуҷҷат пешниҳод намоянд [30, с.366]. Аҳде, ки аз ҷониби яке аз ҳамсарон оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ анҷом дода мешавад, аз ҷониби суд қисман бо сабаби мавҷуд набудани розигии ҳамсари дигар танҳо ҳангоме ғайриқонунӣ эътироф мегардад, ки агар яке аз онҳо бо чунин талаб муроҷиат намояд ва танҳо дар сурати собит гардидани он, ки тарафи дигар аз аҳд огоҳ буд ё пешакӣ бояд норозӣ будани тарафи дигарро барои анҷом додани чунин аҳд медонист (қ.2 м. 35 КО ҶТ). Дар меъёри мазкур мумкин аст манфиати тарафи аҳдбаста ва ҳамсари дигар дар мухолифат қарор гиранд. Агар, ба манфиати ҳамсари аҳднабаста бартарӣ дода шавад, он гоҳ устувории муомилоти маданӣ халалдор мегардад. Зеро ҳар касе, ки бо шахси дар никоҳ буда, аҳд мебандад аз он метарсад, ки аҳди бастаи ӯ мумкин аст беъэтибор эътироф карда шавад. Аз тарафи дигар ин метавонад боиси сӯйистифода аз ҷониби ҳамсароне гардад, ки ин имкониятро бевиҷдонона барои беэътибор эътироф намудани аҳдҳое истифода мебаранд, ки бо баъзе сабабҳо барои онҳо манфиатовар намебошад. Барои ҳамин ҳам, дар сурати аз тарафи ҳамсари иштирокчии ширкату ҷамъияти хоҷагӣ ва кооператив аз руйи аҳд бевиҷдонӣ зоҳир намудан, ба манфиати ҳамсари тарафи аҳднабаста, дар ҳолате афзалият дода мешавад, ки ҳамсари тарафи аҳдбаста донад, ки ҳамсари дигарӣ барои бастани аҳд ризо намебошад ё пешакӣ бояд норозӣ будани ӯро барои анҷом додани чунин аҳд медонист.

Судҳо дар муайянсозии қонунӣ будани татбиқи м. 35 КО ҶТ нисбат ба аҳдҳое, ки аз ҷониби яке аз ҳамсарон дар соҳаи амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла ҳисса дар сармояи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ берун аз иродаи ҳамсари соҳибкор набуда баста мешаванд, ба мушкилӣ дучор мешаванд. Бахусус, вақте ки ҳангоми бастани шатномаи

хариду фурӯши корхона (сех) розигии ҳамсаре, ки муассис намебошад, барои ихтиёрдории молу мулки умумӣ гирифта нашуда бошад. Набудани розигии даъвогар барои аз ҷониби ширкату ҷамъиятӣ хоҷагӣ бегонакунии молу мулки корхона ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, ки бо истифодаи моликияти якҷояи ҳамсарон ба даст оварда шудааст, асос барои беэътиборкунии аҳди ихтиёрдорикунӣ намегардад. Зеро, даъвогар муассиси (иштирокчии) ташкилот намебошад ва вазифаҳои мақомоти онро низ иҷро наменамояд. Аз ин рӯ, ҳамсар новобаста аз он, ки ин амалҳо дар шакли аҳд инъикос ёфтаанд, ҳуқуқ надорад амали ҳамсари дигарро, ки ҳангоми амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ иҷро намудааст, мавриди баҳс қарор диҳад.

Гуфтаҳои боло ба чунин хулоса далолат менамоянд, ки нисбат ба аҳдҳо доир ба ихтиёрдории молу мулки якҷояи ҳамсарон, ки яке аз ҳамсарон содир намудаанд, қонунгузор дар бисёр мавридҳо эҳтимолияти розигии ҳамсари дигарро дар бораи содир намудани он муқаррар менамояд. Моҳияти розигии эҳтимолӣ дар он ифода меёбад, ки ҳамсари аҳдро доир ба ихтиёрдоркунии молу мулки умумӣ баста, ба ваколатнома эҳтиёҷ надошт ва вобаста ба исботи гирифтани розигии ҳамсари дигар уҳдадор намебошад. Аз ин қоида қ.3 м.35 КО ҶТ истисно мебошад, ки тибқи он барои ба анҷом расонидани аҳди (муомилоти) вобаста ба ихтиёрдорӣ кардани молу мулки ғайриманқул ва аҳде, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ тасдиқ ё қайди нотариалиро талаб мекунад, бояд розигии пешакии аз тариқи идораи нотариалии давлатӣ тасдиқшудаи зан ё шавҳар гирифта шавад. Вале тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми содир намудани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок, ки моликияти якҷояи зану шавҳар мебошад, розигии тариқи нотариалӣ барасмиятдаровардаи ҳамсари дигар барои содир намудани чунин аҳд талаб карда намешавад. Онро Кодекси маданӣ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи коғазҳои қиматнок» низ

пешбинӣ наменамоянд [11]. Масъалаи дигар тақсими саҳмияҳои паҳннамудаи ҳамсарон дар ҷамъияти саҳомӣ мебошад. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз арзиши номии саҳмияҳои паҳннамудаи саҳмдорон иборат аст. Ҳангоми паҳн намудани саҳмияҳо саҳмдорон ҳамчун соҳибони саҳмияҳо боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми тақсими саҳмияҳои ба ҳамсарон тааллуқдошта ба ҳайси молу мулки умумии онҳо бо қарори баровардаи суд оид ба тақсими саҳмияҳо ҳиссаи яке дар моликияти якҷоя ба саҳмияҳо муайян гашта, ҳуқуқи моликият ба саҳмияҳоро барои ҳамсари дуюм ташкил намекунад. Зимнан, қарори суд оид ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба ин ё он миқдори саҳмияҳо ба ҳар яке аз ҳамсарон бояд асос барои ворид намудани тағйирот ба феҳристи саҳмдорон эътироф шавад. Ин тағйироти «миқдорӣ» на «моҳиятан» мебошад, вале ба ҷойи яке аз ҳамсар ба сифати саҳмдор акнун ҳар ду ҳамсар (собиқ ҳамсар) нишон дода мешавад. Тағйироти зикршуда ҳуқуқи афзалиятноки хариди дигар саҳмдоронро халалдор намекунад. Зеро, ҳангоми тақсимоти моликияти якҷояи ҳамсарон (саҳмдорон) имконияти ба таври музднок бегона кардани саҳмияҳо ба шахси сеюм вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, ҳангоми тақсимоти саҳмияҳо аз ҷониби суд ва дар асоси қарори суд ворид намудани ҳамсари дуюм ба феҳристи саҳмдорон вайронкунии ҳуқуқи афзалиятноки харид ҳисоб намешавад. Чунки, бегонакунии музднoки саҳмияҳо ба шахсони сеюм вуҷуд надорад. Бо дарназардошти баробарии ҳуқуқҳои ҳамсарон дар оила, ки ба сифати принсипи қонунгузории оилавӣ ва баробарии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ чун принсипи ҳуқуқи маданӣ муқаррар шудаанд, ҳар ду ҳамсар «ҳуқуқ ба саҳмияҳо» ва «ҳуқуқ аз саҳмияҳо» ва имконияти баробари амалишавии онҳоро ҳангоми тақсими танҳо саҳмияҳо ба сифати объектҳои моликияти умумии якҷоя доранд. Зеро нисбат ба онҳо саҳмдор ҳуқуқи моликиятро ҳифз менамояд.

Вобаста ба ҷамъбасти боби мазкур ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Таҳлили қонунгузории маданӣ ва оилавӣ нишон медиҳад, ки молу мулк дар шакли ҳуқуқӣ на танҳо мафҳуми моликияти якҷояи умуми ҳамсаронро дар бар мегирад, балки мафҳуми молу мулки ҳамсаронро дар бар мегирад. Омехтакунии ин мафҳумҳо дар м.34 КО ҶТ ба назар мерасад, зеро дар қ.2 ин модда сухан дар бораи молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон дар давраи заношӯйӣ меравад. Ҳол он ки дар шароити рушди нави муносибатҳои ҷамъиятӣ муносибатҳои молумулкии ҳамсарон бо иродаи онҳо ва дар асоси бастани шартномаи никоҳ мазмунан тағйир ёфтааст. Дар аҳдномаи (шартномаи) никоҳ ҳамсарон метавонанд молу мулкеро пешбинӣ намоянд, ки танҳо ба яке аз ҳамсарон тааллуқ дошта бошад. Ҳамзамон, молу мулк дар шакли ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳисса (саҳм) метавонад моликияти умумии якҷояи ҳамсарон набошад. Вале вай метавонад, молу мулки яке аз ҳамсарон бошад. Масалан, ҳисса дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилоти тиҷоратиро Кодекси оила ба таркиби молу мулки якҷояи ҳамсарон дохил намекунад. Ҳамин тавр, молу мулки ҳамсарон метавонад моликияти умумии якҷояи ҳамсарон ва ё яке аз ҳамсарон бошад. Мафҳуми моликияти умумӣ намуди молу мулки умумии ҳамсарон мебошад. Ҳамзамон, молу мулки умумии ҳамсарон на танҳо моликияти умумии ҳамсарон, балки дигар ашёҳо ва ҳуқуқҳои молумулкии уҳдадории онҳоро низ дар бар мегирад. Мутассифона, на танҳо дар қонунгузории оилавӣ, балки дар қонунгузории маданӣ низ онҳо аз ҳамдигар фарқ карда намешаванд. Онҳо бояд аз ҳамдигар фарқ карда шаванд. Бо дарназардошти таҳлили кардашуда пешниҳод мегардад, ки дар қисми 2 м.34 КО ҶТ ибораи «молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон» ба ибораи «молу мулки ҳамсарон» иваз карда шавад. Дар қ.4 м.38 КО ҶТ омадааст, ки агар саҳмия, саҳм ва ҳисса дар сармояи муассисаи кредитӣ ё

ташкилотҳои дигари тиҷоратӣ ба номи яке аз онҳо гузошта шуда бошад, зану шавҳар ҳуқуқ доранд тақсими ин пардохтҳоро ҳамчун моликияти умумии якҷояи онҳо талаб намоянд. Таҳлили моддаҳои зикршуда нишон медиҳад, ки Кодекси оилаи ҶТ ҳисса (саҳм) дар сармояи ташкилоти тиҷоратӣ (ширкату ҷамъиятҳо)-ро ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон дар назар гирад. Барои ҳамин ҳам, пешниҳод менамоем, ки ҳисса дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилоти тиҷоратӣ ба таркиби молу мулки якҷояи ҳамсарон бо таври мушаххас дар қ.2. м.34 КО ҶТ нишон дода шавад.

2. Ҳангоми набудани аҳдномаи (шартномаи) никоҳ ё дигар созишнома дар байни ҳамсарон оид ба молу мулки умумӣ, нисбат ба ҳисса дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ реҷаи қонунии молу мулки ҳамсарон паҳн мегардад. Аз ин ҷо дар мавриди ҳозира тибқи қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисса (саҳм) дар сармояи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ба моликияти якҷояи умумии ҳамсарон тааллуқ дошта, новобаста аз оне, ки муассиси ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ танҳо яке аз ҳамсарон ба ҳисоб мераванд, реҷаи ҳуқуқии он ба ҳуқуқи моликияти умумии якҷоя ягона ҳисобида мешавад (қ.2. м.34 КО ҶТ). Гузаштани ҳиссаи яке ҳамсарон ба сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ боиси табдилёбии ҳуқуқҳои ашёӣ ба ҳуқуқҳои уҳдадорӣ мегардад. Аз ин ҷо ҳамсаре, ки иштирокчии ширкату ҷамъиятҳо хоҷагӣ мебошад, шахсан ҳуқуқҳои уҳдадории худро амалӣ менамояд. Ҳиссае, ки ба сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ аз тарафи яке аз ҳамсарон ворид карда мешавад, объекти ҳуқуқи моликият барои ташкилотҳои зикршуда (шахсони ҳуқуқӣ) мегардад. Аз ҳамин лаҳза ҳамсари дуюм, яъне ҳамсаре, ки иштирокчӣ намебошад аллакай на ҳуқуқи моликияти якҷоя ва на ҳуқуқи уҳдадорӣ дорад. Ӯ танҳо ҳуқуқ ба даромад аз фаъолияти соҳибкории ҳамсари иштирокчиро дорад.

3. Қайд намудан лозим аст, ки ҳамсарон (собиқ ҳамсарон) бо роҳи тақсимоти молу мулк тибқи қоидаҳои моддаҳои 38 ва 39 КО ҶТ, инчунин м.324 КМ ҶТ дар як вақт наметавонанд ҳаҷми ҳуқуқи уҳдадории худро дар муносибат ба ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ муайян намоянд. Бо дарназардошти ҳамин суд ба ақидаи муаллиф бояд мавҷудияти ҳуқуқҳои уҳдадории ҳамсар-иштирокчиёнро ба инобат гирифта, ба моликияти ҳамсари дуюм молумулки дигари якҷояро ҷудо намояд, ё ин ки масъалаи аз ҳамсар-иштирокчӣ ситонидани ҷуброни дахлдорро ҳал намояд.

4. Гуфтан лозим аст, ки табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои уҳдадорӣ дар таркиби молу мулки умумии ҳамсарон дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд. Ҳуқуқҳои уҳдадории мазкур ҳамчун талаботи якҷоя ва ҳамсарони киридиторҳои муштарак дар шарҳи ҳуқуқи маданӣ намебошанд. Дар назар дошта мешавад, ки агар ҳисса (саҳм, саҳмия, пай) дар давраи никоҳ аз ҳисоби воситаҳои умумии ҳамсарон новобаста аз иштирокчии ҷамъият, ширкат ё узви кооператив будани ҳар кадоме аз онҳо пардохт шуда бошад, он гоҳ он моликияти умумии ҳамсарон ҳисобида мешавад. Тибқи қ.2. м.2 КМ ҶТ нисбат ба муносибатҳои оилавӣ қонунгузории маданӣ дар он мавриде татбиқ карда мешавад, ки агар ин муносибатҳо аз тарафи қонунгузории оилавӣ ба танзим дароварда нашуда бошанд. Ҳамин тавр, дар Кодекси мадании ҶТ ҳангоми танзими муносибатҳои оилавӣ бартарии қонунгузории оилавӣ нисбат ба қонунгузории маданӣ муқаррар карда шудааст. Бартарии қонунгузории оилавиро дар муайян кардани реҷаи муносибатҳои ҳуқуқии ҳамсарон ба назар гирифта, гуфтан мумкин аст, ки дар ҳолати мазкур «намояндагии» як ҳамсар дар амалҳои ҳамсари дигар бояд ҷой дошта бошад, зеро бо амалҳои ҳамсари дигар неъматҳои молумулкии ба даст овардашуда ба моликияти умумӣ дохил мешаванд.

5. Қонунгузор бояд ҳифзи манфиатҳои молумулкии ҳамон ҳамсареро таъмин намояд, ки иштирокчии ширкату ҷамъияти хоҷагӣ дар ҳолати

пардохт ба сармояи оинномавии онҳо аз моликияти умумии ҳамсарон намебошад. Ҳисса (саҳм) дар сармояи оинномавии ширкату ҷамъият дорои арзиши баланди молумулкӣ барои ҳамсарон мебошад. Аз тарафи як ҳамсар ихтиёрдорӣ кардани ҳисса (саҳм) дар молу мулки ширкату ҷамъияти хоҷагӣ бо розигии хомӯшонаи ҳамсари дуюм, ки дар назар дошта мешавад, вайрон кардани кафолати манфиатҳои молумулкии дигар ҳамсар дар шакли тасдиқи нотариалӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам ба назари мо дар қонунгузорӣ меъёрро нисбат ба ихтиёрдории ҳисса (саҳм) дар сармояи оинномавии ширкату ҷамъияти хоҷагӣ тағйир дода ва пешниҳоди розигии ҳамсар (ҳамсарон)-ро бо тариқи нотариалӣ муқаррар намудан зарур мебошад. Он чи ки ба масъалаи тақсими молу мулки ҳамсарон тааллуқ дорад, ба ақидаи мо арзиши ҳисса (саҳм) дар ширкату ҷамъияти хоҷагӣ ҳамеша бояд ба арзиши молу мулки умумии ҳамсарон, ки зарурият ба тақсимро дорад, дохил карда шавад. Баҳои молу мулки умумии ҳамсарон ҳамеша бояд бо дарназардошти арзиши ҳисса дар ҷамъияту ширкати хоҷагӣ амалӣ карда шавад.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи омӯзишу таҳлили ҳаматарафа ва воқеъбинонаи нуқтаи назари гуногуни олимон, амалия ва муқаррароти қонунгузорӣ оид ба институти манфиати оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳуқуқи оилавии ҳамсарон диссертант хулоса ва пешниҳодҳои зеринро таҳия намуд:

1. Дар адабиёти ҳуқуқии оилавӣ як гурӯҳи олимон тарафдори дар қонунгузорӣ додани таърифи расмии «оила» буда, дигарон мухолифи он мебошанд. Ба андешаи тарафдорони мафҳуми расмӣ, «оила» ҳамчун қоидаи умумӣ аз маҷмуи муайян (умумият, гурӯҳ)-и хешовандон иборат мебошанд, ки ба никоҳ, хешовандӣ (ҳамсарон, падару модар, дар баъзе ҳолатҳо бошад дигар хешовандон низ) ва бо хусусиятҳои зиндагии якҷоя ва пешбурди хоҷагии умумӣ асос ёфта, муҳити табииро барои некӯаҳволии ҳамаи аъзои он, тарбияи фарзандон, кумаки мутақобил, давом додани насл, ки аъзои он дар байни худ бо ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсӣ ва молумулкӣ вобастаанд, фароҳам месозад (П.В. Крашенинникова, П.И. Седугина). Ба андешаи мухолифони шарҳ додани таърифи расмии мафҳуми «оила» бо сабаби норавшан будани он, дар қонунгузорӣ ифода намудан он имконнопазир буда, қонунгузор дидаву дониста ин мафҳумро расмӣ намекунонад. Ақидаи зикршуда з-он сабаб қобили қабул намебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи танзими ҷашну маросимҳо зарурати муайян намудани ҳайати аъзои оиларо талаб менамояд. Зеро, дар бештари мавридҳо ҷашну маросимҳо дар доираи аҳли оила бояд гузаронида шавад. Аз ин рӯ, шарҳ додани мафҳуми «оила» дар қонунгузорӣ зарур мебошад. Зеро риоя накардани меъёри мазкур боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқи мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқи оилавии ватанӣ кушиши муайян кардани мафҳуми «оила» дида мешавад. Қайд карда мешавад, ки мафҳуми

«оила» ҳамчун иттифоқи ихтиёрӣ, озод ва баробарҳуқуқи мард ва зани ба синни никоҳӣ расидае фаҳмида мешавад, ки мақсади ташкили оила, таваллуд ва тарбияи фарзандро бо пешбурди умумӣ пайгирикунанда, фаҳмида шавад (Ходжаева М.Г.). Инчунин, таҳти мафҳуми «оила» М.Ш. Саидзода иттифоқи шахсони бо ақди никоҳ ё ин ки иттифоқи зану мард ё дигар шахсонеро мефаҳмад, ки бо тариқи расмӣ ба қайд гирифт нашудааст, хоҷагии умумӣ мебаранд, хусусияти манфиатҳои умумӣ доранд, аз ҷумла ба хешутаборӣ, тарбияи фарзандон ва кумаки ҳамдигар асос ёфтааст.

Бояд қайд намоем, ки дар ҳама гуна мафҳум бояд маҷмуи аломатҳои муҳимме инъикос карда шавад, ки мазмуни онро ташкил медиҳанд. Бинобар ин мафҳуми «оила» бояд барои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ягона бошад. Мафҳуми «аъзои оила» аз мафҳуми «оила» бармеояд, аз ин рӯ, мазмуни онҳо бояд бо маҷмуи аломатҳои ягона муайян карда шавад. Ҳамзамон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо мафҳуми оиларо намедиҳад, ҳатто доираи аъзои оиларо мушаххас муайян наменамояд. Таҳлили меъёрҳои Кодекси оила нишон медиҳад, ки ба ҳайати оила зану шавҳар, падару модар, фарзандон (м.2), бародарону хоҳарон, бобою бибӣ (зеро дар ҳолатҳои зарурӣ уҳдадориҳои алиментии ин категория-аъзои дигари оиларо Кодекси оила муқаррар кардааст) (м.м. 95-98), кӯдакони ба фарзандхондӣ қабулшуда (боби 19 Кодекси оила), инчунин кӯдакони дар таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта ба ҳайати аъзои оилаи васӣ ва парастор дохил мешаванд (боби 20). Таҳлили Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба ҳайати аъзои оила ба ғайр аз «хешовандони наздик», инчунин «шахсони наздик», ба монанди фарзандхондашудагон ва кӯдакони дар дар таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта дохил мешаванд. Зеро, тибқи м.226 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси хешовандони наздик падару модар, ҳамсар, фарзандон, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва

наберахо эътироф карда мешаванд. Ба ҳайати хошовандони наздик Кодекси маданӣ фарзанхондашудагон ва кӯдакони таҳти васигию парасторӣ қарордоштаро дохил наменамояд. Онҳо ба андешаи мо ба ҳайати «шахсони наздик» дохил шуда, ҳамчун ҳайати аъзои оила эътироф карда мешаванд. Ҳамин тариқ, мафҳуми «оила» дар худ ҳайати гуногуни «аъзои оиларо» дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо оила - иттифоқи озод, ихтиёрона ва баробарҳуқуқи зану шавҳари ба никоҳ, хешовандӣ, таваллуди фарзандон, фарзандхондӣ ва дигар шаклҳои қабули кӯдакон барои тарбия асос ёфтае мебошад, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба ҳам алоқаманд буда, зиндагии якҷоя ва хоҷагии умумӣ мебаранд [2-М].

2. Барои мақсадҳои таҳлили ҳуқуқӣ таснифи манфиатҳои молумулкиро дар ҳуқуқи оилавӣ вобаста ба субъектҳои манфиат ба манфиати умумиоилавӣ ва манфиати аъзои алоҳидаи оила ҷудо намудан мумкин аст. Манфиати умумии оилавӣ ба мазмуни худ ҳам тарафи маънавӣ ва ҳам тарафи моддии ҳаёти оилавиро ифода менамояд. Дар диссертатсия ба тарафи моддии манфиати оилавӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуда, онро ҳамчун сатҳи арзандаи ҳаётии оила, ки ҳифзи саломатӣ ва некӯаҳволии ҳамаи аъзо умумияти оилавиро таъмин мекунад, муайян карда мешавад. Манфиати умумиоилавӣ ҳамчун некӯаҳволии тамоми оила дар кулл ва некӯаҳволии ҳар яке аз аъзои оиларо дар умумияти оилавӣ ифода мекунад. Манфиатҳои умумиоилавӣ, дар фарқият аз манфиатҳои алоҳидаи аъзои оила (шахсӣ), манфиатҳои махсуси ҷамъиятӣ (оммавӣ) низ ҳисоб мешаванд. Аз ин ҷо ҳимояи манфиати умумиоилавӣ дар асоси принсипи ҳамсарон ҳақ надоранд, ки ҳуқуқҳои молумулкиро хилофи манфиатҳои умумиоилавӣ амалӣ кунанд бояд анҷом дода шавад. Танзими муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон аз нигоҳи манфиатҳои оила маънои онро дорад, ки

манфиатҳои умумиоилавӣ аз манфиатҳои алоҳидаи аъзои оила афзалтару болотар меистанд. Манфиати оилавӣ метавонад бо манфиатҳои баъзе аз аъзои оила мувофиқат намояд ва ба дигаре накунад. Ҳангоми ошкор кардани ихтилоф дар байни манфиатҳои ҳамсарон, бояд афзалият ба ҳамсаре дода шавад, ки ба манфиати умумиоилавӣ амал мекунад. Аз ин ҷо қонунгузорӣ бояд ҳуқуқҳои субъективии аъзои оиларо, ки манфиатҳои онҳо бо манфиати умумиоилавӣ мувофиқат мекунанд, афзалиятнок эътироф карда, амаликунии онҳоро таъмин намояд. Агарчанде, ки оила субъекти ҳуқуқ набошад ҳам вай субъекти манфиат мебошад. Аз ин ҷо манфиати оилавӣ хислати субъективӣ дорад . Аз рӯйи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид кардани якчанд шахсон дар як оила бояд боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ барои онҳо гардад, аммо он танҳо барои субъектҳои мустақил имконпазир мебошад. Оила дар маҷмӯъ субъекти ҳуқуқ намебошад. Оила ҳамчун тараф дар муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ, меҳнатӣ, замин, манзил ва дигар муносибатҳои ҳуқуқие, ки ба манфиатҳои он дахл доранд, эътироф карда намешавад, наметавонад дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад, аз рӯйи уҳдадориҳояш ҷавобгарии мушаххас дошта бошад. Ҳамзамон, ҳал намудани проблемаи фароҳам овардани фазои иқтисодию иҷтимоӣ, ки барои фаъолияти ҳаётии оила зарур аст, бо роҳи ба худи оила додани сифатҳои субъекти ҳуқуқ барои иштироки бевосита дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ғайриимкон аст. Аммо оила - ташкилаи иҷтимоиест, ки манфиатҳои хусусӣ ва мустақилона дорад. Ин манфиатҳо метавонанд ҳам ғайримолумулкӣ ва ҳам молумулкӣ бошанд. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурат ба консепсияи ҳуқуқие ҳаст, ки имконият диҳад оиларо ҳамчун субъекти манфиат ба ҳифзи зарурӣ таъмин кунад. Маҳз чунин равиш ба таври воқеӣ имконият медиҳад, ки ихтилофоти мавҷуда бартараф карда шуда, ихтилофҳои имконпазир ҳангоми ҳал намудани

проблемаҳои оила бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқӣ пешгирӣ ва камбудиҳо дар таъмини ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ бартараф карда шаванд [1-М].

3. Мафҳуми «молу мулк» на дар қонунгузории маданӣ ва на дар қонунгузории оилавӣ шарҳ дода нашудааст. Танҳо дар қисми 2 м.136 КМ ҶТ ба «молу мулк» ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ ашё, аз ҷумла пули нақд (асъори хориҷӣ), коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ, натиҷаи кор ва хизматрасонӣ, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ (моликияти зеҳнӣ), воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат дохил мешаванд. Чи тавре, ки аз мазмуни қисми мазкур маълум мегардад мафҳуми молу мулк гуногунмаъно мебошад. Вай на танҳо маҷмуи объектҳои моддиро дар бар мегирад, балки ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ухдадориҳои субъективиро низ дар бар мегирад. Аз ҷумла, ухдадориҳои қарзиро оид ба додани маблағ ва ҳуқуқи талаб намудани онро фаро мегирад. Зимнан, тибқи моддаи мазкур молу мулк ва ҳуқуқҳои молумулкӣ ҳаммаъно дониста мешаванд. Ин молу мулк дар ҳуқуқи оилавӣ ба ҳайси муносибатҳои байни ҳамсарон ҳамчун воситаи амалигардонии манфиати ҳамсарон хизмат менамоянд.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мафҳуми «молу мулк» сухан нарафта, балки сухан дар бораи моликияти якҷояи (муштараки) зану шавҳаре, ба монанди даромадҳо, ашёҳо, аз ҷумла пули нақд, коғазҳои қиматнок ва ғайра, ки дар давраи зиндагии якҷоя ҷамъ кадаанд, меравад.

Дар шароити ҳозира масъалаи объектҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқи оилавӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои хусусӣ дар фазои маҷозӣ хело мубрам мебошад. Ҳоло ба ҳайси ин объектҳо метавонанд, пули рақамӣ (пули электронӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла сервер (домен, IP-суроға ва интернет сайт) ва ғайра ҳамчун объекти молу мулки якҷояи ҳамсарон бошанд. Ба ақидаи мо бо таври мушаххас нишон додани онҳо дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси

оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бисёр масъалаҳои номуайяни тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон, аз ҷумла истифодаи онҳоро дар доираи оила ва аъзои он ба танзим дарорад [3-М].

4. Бояд қайд намоем, ки ба масъалаи реҷаи ҳуқуқӣ, агарчанде дар баъзе соҳаҳои ҳуқуқӣ диққат дода шуда бошад ҳам, вале дар соҳаҳои ҳуқуқи оилавӣ ба ин масъала диққати махсус дода нашудааст. Ҳол он ки масъалаи мазкур дар шароити ҳозира таваҷҷуҳи зарурииро талаб менамояд. Реҷаи ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи оилавӣ ба монанди ҳамаи соҳаҳои дигар барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ин ё он объекти ҳуқуқи оилавӣ равона карда шудааст. Реҷаи ҳуқуқии оилавӣ оид ба танзими ҳуқуқии манфиатҳои оилавии моликияти аъзои оила муносибати низомнокиро талаб намуда, маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки дар асоси онҳо объекти мушаххасро соҳибӣ кардан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардан мумкин аст. Ба ҳайси ин воситаҳои ҳуқуқӣ на танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дигар воситаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла шартнома (созишнома) баромад менамояд, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқи соҳибӣ кардан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани объектҳои ҳуқуқи оилавӣ мусоидат менамоянд. Аз ин ҷо танзими ҳуқуқии соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулк дар оила ва ба манфиати оила дар асоси қонун ва шартнома (созишнома) анҷом дода мешавад. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон ҳамчун маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ ва уҳдадориҳои мусбатро дар бар гирифта, имконияти истифодаи молу мулкро тибқи Қонун ва (ё) шартнома вобаста ба манфиати умумиоилавӣ ва (ё) манфиати алоҳидаи ҳар яке аз ҳамсарон ба танзим медарорад [3-М].

5. Барои муайянкунии қарздории як ҳамсар ё ҳар ду ҳамсар оид ба уҳдадориҳо бояд ҳайати субъект, замони бавуҷудоии уҳдадорӣ, мақсади он ва таъиноти воситаҳои оид ба уҳдадории бадастовардашуда маълум

карда шавад. Дар ин сурат хусусияти уҳдадории қарзии яке аз ҳамсарон басташуда вобаста ба истифодаи воситаҳои аз рӯи уҳдадорӣ барои эҳтиёҷоти оила муайян мешавад. Охирин барои оилаи мушаххас бо дарназардошти манфиати умумиолавӣ ва манфиатҳои аъзои оила бояд муайян карда шавад. Дар ин маврид манфиати умумиоилавӣ афзалиятнок бояд боқӣ монад. Асоснок карда мешавад, ки қарзи умумии ҳамсарон новобаста аз оне ки кадоме аз ҳамсарон қарздор мебошад моликияти якҷояи ҳамсарон мебошад. Аммо, объектҳои зикршуда дар қ.2 м.34 КО ҶТ ба сифати объекти мустақили ҳуқуқи маданию оилавӣ ҳамчун предмети мустақили тақсими молу мулки ҳамсарон пешбинӣ карда нашудааст. Аз ин ҷо, пешниҳод карда мешавад, ки онҳо ба ҳайси объекти мустақили моликияти якҷоя дар моддаи зикршуда пешбинӣ карда шаванд [6-М].

6. Хусусияти муносибатҳое, ки оид ба уҳдадориҳои кредитории ҳамсарон бавуҷуд меоянд дар он ифода меёбад, ки ҳамсарон дар онҳо на танҳо ба ҳайси субъекти муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, балки кредитор ва қарздор баромад менамоянд. Ҳангоми таъсис додани ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва кооперативҳо объекти моликияти якҷояи умумии ҳамсарон, ки ҳамчун ҳисса (саҳм) ба сармояи оинномавӣ ворид карда мешавад, ба объекти ҳуқуқи моликиятии онҳо табдил ёфта, ба ҳуқуқи уҳдадорӣ барои ҳамсаре табдил меёбад, ки иштирокчии ташкилотҳои зикршуда мебошанд. Қайд намудан лозим аст, ки тибқи қ.4 м.38 КО ҶТ агар саҳмия, саҳм ва ҳисса дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилотҳои дигари тиҷоратӣ ба номи яке аз онҳо гузошта шуда бошад, зану шавҳар ҳуқуқ доранд тақсими ин пардохтҳоро ҳамчун моликияти умумии якҷояи онҳо талаб намоянд. Аз ин ҷо Кодекси оилаи ҶТ ҳисса (саҳм) дар сармояи ширкату ҷамъиятҳоро ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон дар назар дорад. Барои ҳамин муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳисса (саҳм) дар сармояи муассисаи кредитӣ ё

ташкилоти тиҷоратӣ ба таркиби молу мулки якҷояи ҳамсарон бо таври мушаххас дар қ.2. м.34 КО ҶТ нишон дода шавад [11-М].

7. Қайд карда мешавад, ки ҳангоми таъсис додани ташкилоти тиҷоратии хусусӣ (ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ) объекти моликияти якҷояи умумии ҳамсарон, ки ҳамчун ҳисса (саҳм) ба сармояи оинномавӣ ворид карда мешавад, ба объекти ҳуқуқи моликиятии ташкилотҳои зикршуда табдил ёфта, ба ҳуқуқҳои уҳдадорӣ барои ҳамсаре табдил меёбад, ки иштирокчии онҳо мебошад. Ҳамсаре, ки шахсан ҳуқуқҳои уҳдадориро дар ташкилот ҳои зикршуда амалӣ менамояд, иштирокчии он ба ҳисоб рафта, на танҳо ҳуқуқ ба ҳисса (саҳм), балки ҳуқуқ ба фоида аз фаъолияти соҳибкориро дорад. Аз ин ҷо ҳамсари иштирокчӣ набуда, дар ҳолати тақсими молу мулки умумии якҷоя аз қисми ҳуқуқҳояш марбут ба ҳисса (саҳм), аз он ҷумла фоида маҳрум гардида, танҳо ҳуқуқ ба даромад ё ҷуброни пулиро дорад. Агар ҳамсари иштирокчӣ набуда, бо розигии ҳамсари иштирокчӣ ҳуқуқ ба қисми ҳисса (саҳм) дар сармояи ширкату ҷамъиятҳо гардад, он гоҳ ба ҳайати иштирокчиёни ташкилотҳои зикршуда ворид шуда, ҳуқуқ ба қисми ҳисса (саҳм) ва фоида аз фаъолияти соҳибкориро соҳиб мешавад. Дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ҳисса (саҳм) ба яке аз ҳамсарон на ҳамчун соҳибмулк, балки ҳамчун муассис тааллуқ дорад. Ихтиёрдорӣ кардани ҳисса (саҳм) дар сармояи ташкилотҳои зикршуда бо розигии хомӯшонаи ҳамсари иштирокчӣ набуда, ба ақидаи муаллиф вайрон кардани кафолати манфиатҳои молумулкии охирин мебошад. Аз ин лиҳоз, зарурати дар қонунгузорӣ гирифтани розигии ҳамсари муассиснабуда, бо тартиби нотариалӣ ҳангоми истифодаи молу мулки умумии якҷояи онҳо аз ҷониби ҳамсари муассис бояд муқаррар карда шавад [10-М].

8.Бояд қайд намоем, ки таҳлили қонунгузории маданӣ ва оилавӣ нишон медиҳад, ки молу мулк дар шакли ҳуқуқӣ на танҳо мафҳуми моликияти умумии якҷояи ҳамсаронро дар бар мегирад, балки мафҳуми

молу мулки ҳамсаронро низ дар бар мегирад. Омехтакунии ин мафҳумҳо дар м.34 КО ҶТ ба назар мерасад, зеро дар қ. 2 –и он сухан дар бораи молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон дар давраи заношӯӣ меравад. Ҳол он ки дар шароити рушди нави муносибатҳои ҷамъиятӣ муносибатҳои молумулкии ҳамсарон бо иродаи онҳо ва дар асоси бастани шартномаи никоҳ мазмунан тағйир ёфт. Дар шартномаи никоҳ ҳамсарон метавонанд молу мулкеро пешбинӣ намоянд, ки танҳо ба яке аз ҳамсарон тааллуқ дошта бошад. Ҳамзамон, молу мулк дар шакли ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳисса (саҳм) метавонад моликияти умумии якҷояи ҳамсарон набошад. Вале вай метавонад, молу мулки яке аз ҳамсарон низ бошад. Масалан, ҳисса (саҳм) дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилоти тиҷоратӣ метавонад ба таркиби молу мулки якҷояи ҳамсарон дохил нашавад. Вале метавонад моликияти ҳамсарон бошад. Ҳамин тавр, молу мулки ҳамсарон метавонад моликияти умумии якҷояи ҳамсарон ва ё яке аз ҳамсарон бошад. Мафҳуми моликияти умумӣ намуди молу мулки умумии ҳамсарон мебошад. Ҳамзамон, молу мулки умумии ҳамсарон на танҳо моликияти умумии якҷояи ҳамсаронро дар бар мегирад, балки дигар ашёҳо ва ҳуқуқҳои молумулкӣ ва уҳдадории онҳоро низ. Мутассифона на танҳо дар қонунгузории оилавӣ, балки маданӣ низ онҳо аз ҳамдигар фарқ карда намешаванд. Онҳо бояд аз ҳамдигар фарқ карда шаванд. Бо дарназардошти таҳлили кардашуда пешниҳод карда мешавад, ки дар қисми 2 м.34 КО ҶТ ибораи «молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон» ба ибораи «молу мулки ҳамсарон» иваз карда шавад [3, 11-М].

.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот:**

Бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон пешниҳод карда мешавад:

- дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми зерини оила дода шавад:

«Оила - ин иттифоқи озод, ихтиёрона ва баробарҳуқуқи зану шавҳари ба никоҳ, хешовандӣ, таваллуди фарзандон, фарзандхондӣ ва дигар шаклҳои қабули кӯдакон барои тарбия асос ёфтае мебошад, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, зиндагии якҷоя ва хоҷагии умумӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд».

